# ОСИЁ *ва* АВРУПО

**№1, 2019**

**Маҷаллаи илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

**Сармуҳаррир**
*Ниёзӣ Ё.*
*н.и.ф., директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

**Муовини сармуҳаррир**
*М. Муллоаҳмад*
*узв.воб., АИ ҶТ, д.и.ф.*

**Муҳаррири масъул**
*Соҳибов О.Н.*

**Котиби масъул**
*н.и.ф., Шозиёева Г.П.*

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Фарҳод Раҳимӣ,*
*академик, Президенти АИ ҶТ*

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*академик, Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

*Муҳаммад Абдураҳмон*
*Ноиби Президенти АИ ҶТ*

*Акбар Турсон*
*академики АИ ҶТ*
*сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Америка*

*Суфиев Ш.*
*д.и.ф., директори Китобхонаи илмии АИ ҶТ ба номи И. Гандӣ*

*Раҷабов Ҳ.*
*д.и.ф., мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ*

*Воҳидова С.*
*д.и.т., мудири шуъбаи Аврупо ва Америка*

*Оймамадов М.*
*н.и.и., мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил*

*Искандаров Қ.*
*д.и.т., сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик*

*Мирзоев Н.*
*д.и.т., сарходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил*

*Мардонӣ Т.*
*д.и.ф., сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик*

*Қодиров Ғ.*
*н.и.ф., ходими пешбари илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик*

**Нишонии мо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷраи 13, идораи маҷаллаи «Осиё ва Аврупо»,
**Тел.:** (+992 37) 2210572.
**Сомонаи мо:** www.osiyoavrupo.tj;
**E-mail:** info@osiyoavrupo.tj

ОСИЁ *и* АВРУПО

№1, 2019

Научный журнал
Института изучения
вопросов Азии и Европы
Академии наук
Республики Таджикистан

***Главный редактор***
*Ниёзи Ё. Б.*
*к.ф.н., директор Института изучения вопросов Азии и Европы*

**Зам. гл. ред.**
*М. Муллоахмад*
*член-корр. АН РТ, доктор филологических наук*

**Редактор**
*Соҳибов О.Н.*

**Отв. секр.**
*Шозиева Г.П.*
*Кандидат филологических наук*

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

*Фарход Рахими,*
*академик, Президент Академии наук Республики Таджикистан*

*Абдуджаббор Рахмонзода,*
*академик, помощник Президента Республики Таджикистан по вопросам социального развития и связям с общественностью*

*Мухаммад Абдурахмон,*
*Вице-президент Академии наук Республики Таджикистан*

*Акбар Турсун*
*академик, старшый научный сотрудник отдела Европы и Америки Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Суфиев Ш.*
*д.ф. н., директор научной библиотеки Академии наук Республики Таджикистан им. И. Ганди*

*Раджабов Х.*
*д.ф.н., зав. отдел. Юго-Восточной Азии, Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Вохидова С.*
*д.ф.н., зав. отдел. Европы и Америки Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Оймамадов М.*
*к.э.н., зав. отдел. СНГ Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Искандаров К.*
*д.и.н.. старшый научный сотрудник отдела Среднего и Ближного Востока Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Мирзоев Н.*
*д.и.н., старшый научный сотрудник отдела СНГ Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Мардони Т.*
*д.ф.н., старшый научный сотрудник отдела Среднего и Ближного Востока Института изучения вопросов Азии и Европы*

*Кодиров Г.*
*д.ф.н., научный сотрудник отдела Среднего и Ближного Востока Института изучения вопросов Азии и Европы*

**Адрес:** г. Душанбе, ул. Рудаки-33, Институт изучения проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан, каб., 13 редакция журнала «Азия и Европа»
**Тел.:** (+992 37) 2210572
**Наш веб-сайт:** www.osiyoavrupo.tj;
**E-mail:** info@osiyoavrupo.tj

# ИЛМ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТ

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ**
**ва робита бо ҷомеа, академики АИ ҶТ**

Дар шароити имрӯза инсоният аз ҳама бештар ба илму фан эҳтиёҷ дорад ва дар раванди босуръати техника ва технологияи муосир қисми зиёди ниёзмандиҳои худро тавассути ин соҳаи ҳаётан муҳим ҳаллу фасл менамояд. Аз ин рӯ, кишварҳои мутараққӣ ба рушди илм диққати махсус дода, барои инкишофи он маблағҳои зиёдеро аз буҷети давлат сарф мекунанд. Ба ин васила илм дар хидмати доимии инсоният қарор гирифта, мушкилоти онҳоро осон мегардонад, барои пешрафти ҷамъият ёрӣ мерасонад, рушди истеҳсолотро таъмин намуда, зиндагии мардумро беҳтар месозад. Ҳамзамон илми муосир дар худ чунин таъсирҳоро таҷриба менамояд:

- талаботи инкишофи ҷамъиятро, ки омили асосии муайянкунандаи проблемаҳои тадқиқоти илмӣ мебошад, таъмин менамояд. Яъне дархости иҷтимоиеро, ки ҷомеа ба олимон медиҳад, амалӣ месозад.
- вазъи тадқиқоти илмиро бо заминаи моддию техникии ҷамъият алоқаманд дониста, аз ҳисоби он воситаҳое, ки барои рушди илм ҷудо мегардад, пеш меравад.

Омилҳои мазкур ҳамчун роҳи муҳим барои таҳким ва ташаккули илм хидмат намуда, ба рушди ҷамъият таъсири мусбат мерасонанд. Бе ин омилҳо ҷамъият пеш рафта наметавонад ва илм ҳам соҳиби дастовард намегардад. Барои ҳамин илмро яке аз воситаҳои таҳкимбахши фарҳанги ҷамъият медонанд ва онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Зеро илм шакли олии тафаккур ба шумор рафта, низоми донишҳоро доир ба табиат, ҷамъият ва инсон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бо шинохти ин мақулаҳои фалсафӣ илм рушд мекунад ва соҳиби дастовард мегадад. Дар ин раванд барои илми

муосир дарки дурусти ҷаҳонбинии фарҳангӣ муҳим буда, он вазифаи қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъиятро бар ухда гирифта, дар ҷараёни муттасили навсозии истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамояд.

Дар баробари ин, нақши илм дар ташаккули шахсият муҳим буда, тавассути аз бар кардани донишҳои муосир, таълиму тарбияи дуруст илм метавонад ба ҷаҳонбинии инсон таъсири амиқ расонад. Дар ин ҳолат ҷанбаи ҳастии илмро маърифат ташкил намуда, бо ин роҳ шахс на танҳо моҳияти таҳаввулоти табиату ҷамъиятро дуруст дарк менамод, балки барои дигаргун намудани онҳо қодир гардида, дар раванди ташаккул ва таҳавввули ҷомеа ҳиссаи худро мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рушди илм диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бахусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи афзалиятнок ва муҳим ҳамаҷониба таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар суханрониҳояшон нақши илмро дар пешрафти мамлакат арзишманд мешуморад ва гаштаю баргашта таъкид месозад, ки кишваре, ки ба рушди илму маорифи худ диққат медиҳад, дар оянда ба пешравиҳо ноил мегардад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бошад, ҳамасола аз буҷети давлат барои пешрафти илм, таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои пажӯҳишӣ ва чопи асарҳои олимон маблағи алоҳида ҷудо менамояд. Дар баробари ин ҷиҳати рушди илм дар мамлакт якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо амалӣ шуда, онҳо имкон медиҳанд, ки илм боз ҳам тараққӣ намояд ва самаранокии кори олимон дар ҷамъият беҳтар гардида, навгониҳо ба истеҳсолот роҳ ёбанд.

Сарвари давлат, инчунин ташаббусҳои созандаи олимони кишварро дастгирӣ намуда, барои амалӣ шудани пешниҳодҳои онҳо аз Фонди захиравии худ маблағҳои алоҳидаро ҷудо менамояд. Ҳамчунон, баои дар сатҳи баланд доир гардидани симпозиумҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ маблағҳои зарурирро ҷудо намуда, назару андешаҳои олимонро вобаста ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа, рушди истеҳсолот, беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии халқ шунида, дар асоси пешниҳодҳои олимон вобаста ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа, рушди истеҳсолот, беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии халқ шунида, дар асоси пешниҳодҳои олимон хулосаҳо қабул мекунад ва ҳамеша меҳнати олимони мамлакатро қадр менамояд. Ҳамин дастгириҳои Роҳбари давлат аст, ки илм дар ҷумҳурии мо пеш рафта, мақому мартабаи олимонамон боло меравад.

Соли 2017 таъсис ёфтани Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои

Осиё ва Аврупо ва инак, маҷаллаи илмии “Осиё ва Аврупо” ҳам ибтикори навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад. Сарвари давлат ба ин восита мехоҳад ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа нисбат ба дарки моҳияти ҷамъият ва нақши созандаи инсон дар он васеъ гардад ва хонанда доир ба қимати илм ва таъсири он ба табиату ҷамъият маълумоти бештареро соҳиб шавад.

Дар шароити имрӯза дарки дурусти моҳияти назариявию фалсафии илм, эҳсоси нақши он дар раванди дигаргуниҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, маълумоти зиёдтар гирифтан доир ба мафкура ва ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, инчунин шинос шудан бо дастовардҳои илму техника ниҳоят муҳим мебошад.

Олимони мамлакатро зарур аст, ки тавассути ин маҷалла пеш аз ҳама аҳамияту моҳияти илмро барои наврасону ҷавонони кишвар дуруст шарҳ диҳанд ва онҳоро ба комёбиҳои илми муосир шинос намуда, дар қалбашон эҳсоси муҳаббат ба илмро ҷой намоянд. Ҳамчунон беҳтар аст, ки муштариён ба навгониҳои илм, ҳамгироии илму инноватсия, бозёфтҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ ошно шуда, доир ба нақши илм дар исетҳсолот, пайванди он бо инноватсия ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ маълумоти зарурииро ноил гарданд.

Бовар дорем, ки маҷаллаи мазкур барои ташаккули тафаккури аҳли ҷомеа хидмат намуда, беҳтарин ғояҳои ватандӯстонаро тарғиб менамояд ва дар пешрафти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқубунёди Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад.

# ҚУФЛКУШОИ ҲАМА ДАРҲОСТ ИЛМ

**Фарҳод РАҲИМӢ**
**Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми Тоҷикистон заминаи шукуфоиву рушди ҳамаҷонибаи кишварро фароҳам овард. Танҳо дар ин давраи муҳими таърихӣ имкони қувват гирифтани неруҳои зеҳнӣ ба вуҷуд омад ва халқи тоҷик бо азму иродаи қавӣ ба масири хушбахтию саодат қадамҳои устувор ниҳод.

Дар тӯли 25 соли Истиқлолияти давлатӣ илми тоҷик дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инкишоф ёфта, ба марҳилаи сифатан нави тараққиёт ворид гардид. Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ дастгирии илми ватанӣ ва олимони кишварро ҳадафи стратегӣ қарор дода, сиёсати давлатиро бар асоси таҳкими илм ва маорифи миллӣ устувор сохтанд. Ин аст, ки сол то сол маблағгузорӣ ба соҳаи илм аз ҳисоби Буҷети давлатӣ афзун мегардад ва сиёсати илм ба сифати меҳвар дар сиёсати давлатӣ эътироф мешавад.

Муҳимтар аз ин, Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2016) илмро самти калидии сиёсати давлатӣ номида, бобати баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ба истеҳсолоти ватанӣ пайвастани илм таъкидҳои саривақтӣ ироа намуданд.

Дарвоқеъ, илм наҷотбахши миллат ва мушкилкушои зиндагии инсонӣ аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ба шарофати сиёсати созандаи Пешвои миллат ҷойгоҳи махсус касб намуд.

Дастоварди арзишманди замони соҳибистиқлолӣ ба забони илм мубаддал гардидани забони тоҷикӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои бостонӣ ва асримиёнагии тоҷикӣ

— форсӣ, гузаштагони мо — бохтариён, портҳо ва суғдиён дар давраҳои қадим баробари дигар қавмҳо — қибтиён, бобулиён, юнониён, ҳиндиён, чиниён масири илму донишро тай намуда, дар ҷамъоварӣ ва густариши он саҳми муносиб гузоштаанд. Кофист аз Академияи маъруфи Гунди Шопури замони салтанати Сосониён ёдовар шавем, ки ҳамчун маркази қудратманди таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ шухрати ҷаҳонӣ дорад. Натиҷаи фаъолияти илмии маркази Гунди Шопур дар қомуси 30-ҷилда ҷамъбаст гардидааст.

Баъди истилои араб ва паҳншавии дини ислом низ суннатҳои фарҳангофарии aқвоми ориёинажод идома пайдо кард ва донишмандони тоҷику форс дар рушди илму маърифат саҳми бузург гузоштанд. Тибқи шаҳодати манобеи таърихӣ, аксари риёзидонону аҳли нуҷуми Маркази илмии «Байт-ул-ҳикмат»-и Бағдод зодагони Хуросону Мовароуннаҳр ва Бохтару Суғд будаанд. Дар асрҳои X — XIII мактабҳои илмии Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Мароға ва Хоразм ба раванди илмӣ тобиши миллӣ-тоҷикӣ дода, забони тоҷикиро ба дараҷаи забони илм расониданд.

Баъди таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (соли 1924) аввалин сохтори илмӣ таҳти унвони «Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронитабори берун аз худуди он» таъсис ёфт, ки ба ҳайати он олимони барҷастаи он замон — муаррих А. А. Семёнов, ҷуғрофиёдон Н. Л. Корженевский, фарҳангшинос М. С. Андреев ва дигарон шомил буданд. Фаъолияти ин ҷамъият то соли 1929 идома ёфта, дар омӯзиши захираҳои табиӣ, таърих, мардумшиносӣ, забон ва адабиёти халқи тоҷик мусоидат кард. Бояд дар назар дошт, ки пояи ташаккул ва тавсеаи илмҳои ҷомеашиносиро дар ҷумҳурӣ асосгузори адабиёти шӯравӣ ва муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ гузошт.

Солҳои 1932-1941 марҳилаи сеюми рушди илм маҳсуб ёфта, бо ташкили Пойгоҳи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфтани он шурӯъ мешавад. Дар доираи он корҳои илмӣ-тадқиқотии мунтазам дар минтақа (манзур Тоҷикистон аст) солҳои сиюм ба василаи доир намудани экспедитсияҳои бузург аз тарафи олимони рус сурат мегиранд. Бар асоси мақолаҳои тадқиқотии экспедитсияҳои илмӣ охири соли 1933 Пойгоҳи тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ифтитоҳ гардид ва директори нахустини он академик С. Ф. Олденбург (1863-1934) таъин шуд. Пойгоҳи мазкур секторҳои геология, ботаника, зоология ва паразитология, хокшиносӣ ва илмҳои гуманитариро муттаҳид мекард.

Ибтидои солҳои 40-уми садаи бист зарурати таъсис додани муассисаи илмии дорои имконоти васеътар ба миён омад ва марҳилаи сифатан нави

таърихи илм дар Тоҷикистон шурӯъ гардид. Ба Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳо табдил додани Пойгоҳи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1941 ҳодисаи фараҳбахш дар ҳаёти иҷтимоию илмии кишвар ба ҳисоб мерафт. Дар назди он се муассисаи илмии табиатшиносӣ – Институти геология, ботаника ва Институти зоология ва паразитология ва як муассисаи гуманитарӣ – Институти таърих, забон ва адабиёт кушода шуд.

14 апрели соли 1951 марҳилаи панҷуми рушди илми мамлакат оғоз гардид ва дар он рӯз Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт. Ҳайати Академияи илмҳо аз се нафар академикҳои фахрӣ (А.Н.Несмеянов, Е.Н.Павловский, К.И.Сатпаев), 11 узви пайваста ва 14 узви вобаста иборат буд. Ҳамчунин дар сохтори Академияи илмҳо муассисаҳои нави илмӣ — Институти сейсмология, Институти хокшиносӣ, мелиоратсия ва ирригатсия (соли 1958) ташкил шуданд. Дар самти илмҳои гуманитарӣ ҳам тағйирот ба амал омада, Институти таърих, забон ва адабиёт, шуъбаи фалсафа ва иқтисодиёт таъсис ёфт. Нахустин президенти Академияи илмҳо устод Садриддин Айнӣ буд, ки бо талошҳои пайгиронааш илми тоҷик дар марҳилаи нави таърихӣ ба комёбиҳои беназир ноил гардид.

Ҳамин тариқ, солҳои баъдӣ (1957-1964) самтҳои тадқиқоти илмӣ тавсеа ёфта, олимони ҷавони тоҷик ба муассисаҳои илмии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Киев, Новосибирск ва Минск ҷиҳати андӯхтани таҷрибаи илмӣ ва такмили ихтисос сафарбар шуданд.

Солҳои 1965-1988 корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тақвият ёфта, Институти тибби минтақавӣ ба Институти гастроэнтерология, Боғи ботаникии Помир ба Институти биологии Помир. Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ ба Институти шарқшиносӣ, Шуъбаи математика ва Маркази ҳисоббарорӣ ба Институти математика ва Маркази ҳисоббарорӣ табдил дода шуд. Ҳамчунин Сарредаксияи Энсиклопедияи Шӯравии Тоҷик (ҳоло- Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик), Шуъбаи ҳифз ва истифодаи захираи табиӣ ва Шуъбаи генетикаи умумии пахта низ таъсис ёфтанд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бар асари ҷанги шаҳрвандӣ Академияи илмҳо ва илми ватанӣ ба ҳолати бухронӣ мувоҷеҳ гардид. Агарчӣ марҳилаи пасошӯравӣ (манзур марҳилаи ҷанги шаҳрвандӣ аст, ки ба солҳои 1992-1997 рост меояд) бо мушкилоти зиёди молию иқтисодӣ ва зеҳнию ақлонӣ мувоҷеҳ буд ва дар сарнавишти Академияи илмҳо ва олимони ин ниҳод бетаъсир набуд, аҳли илми кишвари акнун ба Истиқлолияти сиёсӣ расидаро ноумед накард. Давраи нав дар инкишофи илми ватанӣ – давраи Истиқлолияти давлатӣ пеш омад ва аз ин давра, ки бо худ, қабл аз ҳама,

истиқлоли илмӣ, андешавӣ ва маданиро дошт, таври бояду шояд истифода гардид.

Соли 2016 маҳз бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Академияи илмҳо Расадхонаи байналмилалии «Санглох»-ро ба кор андохт, ки дастоварди бузурги илми ватанӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, соли 2016 як қатор корҳои муҳими илмӣ анҷом дода шуд, аз ҷумла, бо ҷалби грантҳои хориҷӣ таъсиси озмоишгоҳи муосир барои олимони табиатшинос, озмоишгоҳи муосири сейсмикӣ дар мавзеи Симиганҷи шаҳри Ваҳдат бо насби таҷҳизоти муосири сейсмикӣ, омода намудани асосноккунии техникию иқтисодии барқароркунии реактори маҳлулии ядроии «Аргус», ташкили экспедитсияи миллӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ дар пойгоҳи баландкӯҳи «Помир-Чақалтой», коркарди пектинҳо барои тиб ва соҳаи дорусозӣ, ихтирои гандуми ба хунукӣ тобовар дар минтақаҳои баландкӯҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дигаргуншавии иқлим ва амсоли инҳо.

Натиҷаҳои илмие, ки олимони Академияи илмҳо дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 100 мавзӯъ, аз ҷумла 65 мавзӯи бунёдӣ ва 35 мавзӯи амалӣ ба даст овардаанд, аз устувор шудани мавқеи илм ва нақши он дар иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар айни замон таваҷҷуҳи олимони Академияи илмҳо ба таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои илмию техникӣ аз рӯи самтҳои афзалиятноки барои ҷумҳурӣ муҳим, мисли рушди гидроэнергетика, истифодаи комплексӣ ва устувори захираҳои об; истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии аз нигоҳи экологӣ тозаи барқароршавандаи энергия, коркарди технологияҳои аз нав кор кардани алюминий ва истеҳсоли маснуоти тайёр, мониторинги ҳолати сейсмологӣ дар марзи мамлакат, коркарди усулҳои пешгӯӣ кардани заминларзаҳо ва монанди инҳо равона шудааст.

Китоби шашҷилдаи таърихи халқи тоҷик ва китоби сеҷилдаи таърихи фалсафаи тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз, фарҳангҳои гуногуни тафсириву дузабона, донишномаҳо, таҳқиқи тағйироти иҷтимоиву иқтисодӣ ва демографӣ дар ҷумҳурӣ, баррасии таърихи ҳуқуқ ва давлатдории тоҷикон, нашри осори зиёди адабиву фалсафӣ ва илмии ниёгон, ки солҳои охир анҷом ёфтаанд, барои рушди ҷомеа, баланд бардоштани рӯҳияву эҳсоси ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносии миллии мардум хеле судманданд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ аз тарафи олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироот беш аз 250 патент ба даст

оварда шуда, қариб даҳ ҳазор корҳои илмӣ, аз ҷумла беш аз 2000 китобу рисола, маҷмӯаҳои илмӣ ва ғайра ба табъ расонида шуд. Дар 10 соли охир бештар аз се ҳазор мақолаву асарҳои илмӣ ва фишурдаи мақолаҳои илмии олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷаллаву нашриётҳои бонуфузи давлатҳои ИДМ, Амрико ва Аврупо ба нашр расиданд, ки ин шаҳодати эътирофи олимони тоҷик ва натиҷаҳои илмии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Бо дарназардошти авзоъи замон таъсис ёфтани Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо дар сохтори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи таваҷҷӯҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти кишвар ба илм мебошад. Зеро институти мазкур ягона муассисаи илмиест, ки ба омӯзиши сиёсат, иқтисоди ҷаҳон, афкори иҷтимоӣ, забон, адабиёт, таърих, ҷунбишҳои динию идеологӣ ва сиёсӣ, низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиё, Аврупо ва Амрико аст. Инак, пас аз се соли фаъолият дар сохтори институт маҷаллаи илмӣ таҳти унвони «Осиё ва Аврупо» таъсис ёфт, ки соле 4 маротиба нашр мешавад.

Пайвастани илм бо истеҳсолот ҳадафи асосӣ ва бунёдии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, кормандони он дар ин ҷода собитқадаманд. Олимони Академияи илмҳо бо пуштибонӣ аз сиёсати созанда ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ таҳқиқотҳоро идома дода, талош мекунанд, ки баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

# ТАЪРИХ ВА ДУРНАМОИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

**Мусоҳибаи хабарнигори АМИТ «ХОВАР»**
**Мавҷуда Анварӣ бо директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Ёрмаҳмад Ниёзӣ**

*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ буда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016 дар сохтори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст.*

*Институти мазкур ягона муассисаи илмиест, ки ба омӯзиши сиёсат, иқтисоди ҷаҳон, афкори иҷтимоӣ, забон, адабиёт, таърих, ҷунбишҳои динию идеологӣ ва сиёсӣ, низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиё, Аврупо ва Амрико машғул мебошад. Инак, пас аз се соли фаъолият дар сохтори институт маҷаллаи илмӣ таҳти унвони «Осиё ва Аврупо» таъсис ёфт, ки солее 4 маротиба нашр мешавад. Ба ин муносибат бо Директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёрмаҳмад НИЁЗӢ ҳамсуҳбат шудем.*

**-Ҳадафи асосии таъсиси Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо аз он иборат аст, ки муносибатҳо ва манфиатҳои миёни кишварҳои Осиё ва Аврупо таҳлилу баррасӣ шаванд. Институт бештар кадом самтҳои давлатҳои Осиё ва Аврупоро таҳлилу баррасӣ мекунад?**

- Институт фаъолияти худро аз 15 марти соли 2017 шурӯъ намуда, дар тӯли фаъолият шуъбаҳои Шарқи Наздик ва Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Аврупо ва Амрико, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро таъсис дод ва самтҳои фаъолияти илмии худро муайян кард. Инҳо масоили кишваршиносӣ, геополитикӣ, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва робитаҳои адабию фарҳангӣ дар умум ҳамчун самти минтақашиносӣ мебошад.

Ҳамзамон зимни омӯзиши ин масоил таҷрибаи кишварҳои пешрафта

мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, моделсозӣ мешавад. Барои татбиқи амалии ин таҷрибаҳо дар самти сиёсату иқтисод, фарҳангу адаб ва ҳунар ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад. Дар доираи ин самтҳо ду лоиҳае, ки аз собиқ Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рудакӣ ба мо интиқол шудаанд, бештар болои ин масоили зикргардида мутамарказ шуда, натиҷаҳои назаррас комёб гаштааст.

Аз ҷумла, дар тӯли фаъолияти дусола Институт бо давлатҳои Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Туркия, Афғонистон, кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳо ҳамкории дутарафа ба роҳ мондааст. Дар доираи ин ҳамкорӣ дар оянда олимон, ходимони ҷавон, магистрон ва докторантон дар самтҳои гуногун дар хориҷи кишвар таҳсили илм менамоянд ва барои тавсеаю густариши робитаҳои байналмилалии кишвар саҳми худро мегузоранд.

**- Тавре зикр намудед, дар Институт шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолият мекунад. Аз рӯи таҳлилҳои кормандони Институт, имрӯз ба амнияти Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон чӣ гуна хатарҳо таҳдид менамоянд ва бояд Тоҷикистон ба кадом масъалаҳо бештар таваҷҷуҳ кунад?**

- Тавре ки маълум аст, тайи чанд соли охир низоми амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ бештар аз ҳар вақти дигар осебпазир шудааст ва афзоиши ноормӣ ва низоъ дар дигар гӯшаву канори олам низ мушоҳида мешавад. Мушкилоти гуногун ба ҳам гиреҳ хӯрда, барои Осиёи Марказӣ маҷмӯаи таҳдиду чолишҳои бузургеро, мисли густариши терроризми байналмилалӣ, тундгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, афзоиши тавлид ва қочоқи маводи мухаддир, рушди ҷинояткориҳои фаромиллӣ ҳамчун омили густариши бесуботӣ ба вуҷуд овардаанд.

Хусусан, вазъияти сиёсӣ ва низомӣ дар кишвари ҳамсояи мо Афғонистон, қувват гирифтани ҳаракатҳои тундрав ва ифротӣ, ҷои по пайдо намудани гурӯҳи террористии ДОИШ дар ин кишвар таҳдиди билқувва ба вазъияти кишварҳои Осиёи Миёна маҳсуб мешавад. Афзоиши ҷанг ва хушунатҳо дар Афғонистон баъд аз соли 2007 густариши соҳаи нуфузи гурӯҳҳои ифротии марбут ба ҳаракати «Толибон», ки тибқи оморҳо, ҳудуди 40% қаламрави Афғонистонро дар назорати худ доранд, мояи нигаронӣ ва таҳдид ба Осиёи Марказӣ мебошанд.

Гузашта аз ин, баъди шикасти гурӯҳи террористии ДОИШ дар Сурия ва Ироқ бино ба хабарҳои матбуот, қисме аз ҷангиёни ин гурӯҳи террористӣ дар Афғонистон паноҳ ёфтаанд. Ва дар сафи ин гурӯҳҳо шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Миёна ҳам кам нестанд. Ҳадафи ин гурӯҳи террористӣ, тавре медонед, барҳам задани қаламравҳои давлатҳои миллӣ ва таъсиси хилофат мебошад, ки ин андеша таҳдиди мустақим барои амнияти давлатҳои Осиёи Марказӣ

маҳсуб мешавад.

Ин гурӯҳҳо дар қаламрави Афғонистон, хусусан дар минтақаҳои шимолии он пойгоҳ ва ҳавзаи нуфуз пайдо намудаанд. Ин дар ҳолест, ки мо бо ин кишвар марзи муштараки 1400 километрӣ дорем. Худи ҳузур ва нуфуз пайдо кардани ин гурӯҳҳо дар Афғонистон метавонад боиси афзоиши рӯҳияи андешаҳои ифротӣ миёнаи ҷавонон дар кишварҳои дигари минтақа шавад.

Масъалаи дигар афзоиши рақобати қудратҳои фароминтақавӣ ва минтақавӣ барои густариши ҳавзаи нуфуз дар Афғонистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Рақобати қудратҳо барои таҳкими нуфузи худ гоҳо боис мешавад, ки гурӯҳҳои ифротӣ тақвият ёфта, андешаҳои ифротгароёна ва ё ҷудоихоҳона доман зада шаванд.

Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки чолишҳои асосии амниятӣ барои Осиёи Макарзӣ, хосса Тоҷикистон, густариши нуфузи гурӯҳҳои тундрав ва террористӣ дар Афғонистон, паҳншавии андешаҳои ифротии мазҳабӣ, густариши кишвар ва қочоқи маводи мухаддир ва тавсиаи ҷинояткории фаромиллӣ мебошад.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки мушкилоти дигари минтақавӣ ва иҷтимоие вуҷуд доранд, ки метавон аз онҳо ба унвони чолишҳо ва таҳдидҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ном бурд. Аз ҷумла, масъалаҳои ҳалнашудаи экологияи минтақавӣ, ки рӯз аз рӯз афзоиш меёбанд. Дар баробари он бухрони молии байналмилалӣ ва посухгӯ сохтани низоми бозор ва шохисҳои иқтисоди кишварҳои минтақа ба меъёрҳои ҷаҳонӣ низ масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба он таваҷҷуҳ сурат бигирад.

**-Институт ба муносибатҳои муштарак миёни давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ чӣ гуна баҳогузорӣ мекунад?**

- Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ яке аз манотиқи стратегӣ маҳсуб шуда, бо кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон равобити муҳими минтақавӣ ва фароминтақавӣ дорад, ки метавонем оид ба якчанд нукоти он равшанӣ андозем. Қабл аз ҳама, бояд зикр кард, ки минтақаи мазкур аз лиҳози ҷуғрофӣ бо Осиёи Миёна, Осиёи Шарқӣ, Ховари Миёна ва укёнуси Ҳинд пайванди стратегӣ ва иқтисодию фарҳангӣ дорад. Дар ҳудуди ҷуғрофии он ҳашт кишвар- Афғонистон, Бангладеш, Бутан, Ҳиндустон, Молдив, Непал, Покистон ва Шриланка ҷойгир шудаанд.

Сокинони он зиёда аз 1,7 миллион нафар буда, 21 фоизи аҳолии дунёро ташкил медиҳанд. Ин минтақа дорои имконоти хуби саноатӣ, сайёҳӣ ва сохтмониву кишоварзӣ буда, ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавии он бо Осиёи Миёна, алалхусус бо Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шудааст. Аз ин сабаб

ҳамгироии минтақавии муҳим маҳсуб шуда, ҳамкории байни тарафайни он мавриди таваҷҷуҳ хос бояд қарор гирад, то масъалаҳо ва чолишу дурнамои онон мавриди баҳс гашта, пайванди онҳо ба таври хуб тавсеа ва рушд намояд.

Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Миёна дар ҷаҳон аз кампайвасттарин минтақаҳо шуморида мешаванд, ки то ҳол равобити коммуникатсионии худро ба таври бояду шояд ҳаллу баррасӣ накарданд. Бо вуҷуди ҳамаи он ин манотиқ дорои зарфиятҳоеанд, ки тавассути он метавонанд монеаҳоро убур карда, ба ҳадафи асосии худ, ки ҳамгироии минтақавӣ ва фароминтақавӣ мебошад, комёбӣ ба даст оваранд. Ин дороиҳо аз манбаҳои энергетикии бехатар, имконоти комилу мукаммали тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, интиқоли молу маҳсулот, фарҳангу таърихҳои муштарак, чолишҳои сиёсиву иқтисодии ҳамонанд иборат мебошанд.

Бояд зикр кард, ки пул ё сарвати асосии асри 21-ин доштани равобити иқтисодӣ, муомилоти инсонгароёна ва ҳамгироии минтақавӣ мебошанд. Дар замони ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳамгирои минтақавии кишварҳои рӯ ба рушд мавриди баррасии махсус қарор доранд, ки бидуни он ин кишварҳо наметавонанд вазъу ҳолоти худро беҳтару олитар гардонанд ва зиндагии мардуми худро рушду беҳбудӣ бахшанд.

Аз ҷониби бисёре аз таҳлилгарони ватаниву хориҷӣ рушди равобити иқтисодӣ, амниятӣ ва кашмакашу ихтилофот, коммуникатсия, радду бадал ва аз худгузариву таҳаммулпазирӣ аз масоили умдаи ин минтақа арзёбӣ шудаанд. Яке аз дигар масоили ин манотиқ- ин афзоиши баҳсу равандҳои геополикии дунё, ба мисли ҷангҳои сард, кашмакашу ҷангҳои таҳмилии Афғонистон, нофаҳмиҳои мазҳабиву динӣ, ифротгароӣ ва мубориза бо терроризм низ ба ин минтақа асар гузошта, монеаи рушди иҷтимоӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодии он шудааст.

Дар ниҳоят коҳиши суботи минтақавӣ ва хатару терроризм минтақаро ба таҳдид гузоштааст, ки натиҷаи он ба манотиқи дигар низ асар расонда истодааст. Аз ин лиҳоз рушд ва суботи минтақа ягона роҳи тараққӣ ва афзоиши тиҷорат ва савдо ба ҳисоб меравад. Ин субот метавонад, кафолат барои зиндагии шоистаи мардум ва пешравии иқтисодӣ ва иҷтимоии он гардад ва суботи минтақавии он метавонад, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро афзоиш дода, некуаҳволии мардумро беҳтар созад.

Бояд зикр кард, ки ин манотиқ аъзои фаъоли СММ буда, дар аксари барномаҳои иқтисодӣ ва мадании ин созмони ҷаҳонӣ саҳм доранд. Созмони ҳамкории минтақавии бо номи Созишномаи Ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Ҷанубӣ (SAARC) низ аз муҳимтарин муассисаи пайвандгарест, ки бар асоси рушд ва нумуи иқтисодӣ ва иҷтимоии ин манотиқ ташкил шудааст.

Интиқоли неруи барқ аз Осиёи Миёна ба Осиёи Ҷанубӣ ё CASA-1000 ва интиқоли лӯлаи газ аз Осиёи Миёна ба Осиёи Ҷанубӣ ё ТАРІ (Туркманистон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон) низ аз созмонҳои муҳими иқтисодиانд, ки дар рушд ва тиҷорати минтақавӣ кумак мерасонанд.

Бо мавҷудияти чунин тавоноӣ ва имконият ҳанӯз нофаҳмиҳое ҳастанд, ки рушди тиҷоратӣ ва иҷтимоиро зери суол гузошта, аз роҳбарон ва шарикони рушди онҳо тақозо мекунад, то аз ақли солим ва созанда истифода карда, ин масоилро ҳал намоянд. Бояд зикр кард, ки хатар ва набудани амният ва суботи имрӯза тамоми роҳбарони дунёро мавриди баҳс ва гуфтугӯ қарор дода, барои истикрор ва оромии он талош менамоянд. Онҳо ба ин назаранд, ки адолат, субот ва рушди ҳар минтақаи дунёро метавон бо барқарор кардани амният ва сулҳ ба даст овард.

Чунин назару тавсияҳо аз тарафи якчанд роҳбарони минтақаи Осиёи Ҷанубӣ, ки мардуми он гоҳу ногоҳ дар кашмакашҳо ва мухолифатҳо қарор доранд, муҳимтар арзёбӣ шудааст. Доимо даҳшати амалҳои террористии хиёбонҳои Кобул, нофаҳмӣ ва мухолифатҳои ду кишвари ҳамсоя ва ҳамзабону дорои расму русуми муштарак ва дигар мушкилоти минтақаро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон арзиш ва қимати сулҳу суботро ташхис кард ва гуфт, ки устувории рушди ҷомеа ва равобити тиҷоратии он вобастагии комил ба суботи минтақавии он мебошад.

Бояд эътироф кард, ки Афғонистон чун марказ ва пули иртиботиест, ки Осиёи Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ғарбиро бо ҳам пайваст карда, равобити тиҷоратии минтақавиро таҳким мебахшад.

**- Инҷо саволе ба миён меояд, ки оё Осиёи Ҷанубӣ сулҳ ва оромии минтақавиро намехоҳад ва барои таҳкими равобит ва некуаҳволии мардум омода нест?! Ва оё субот ва амнияти Осиёи Миёна метавонад барои таҳкими муносибатҳои минтақавӣ кумак расонад, то пули тиҷоратии ин минтақа устувор ва рушд боқӣ монад?**

- Чуноне, ки зикр шуд, SAARC яке аз созмонҳои стратегии минтақа буда, метавонад муштаракоти минтақаро аз нав баррасӣ карда, барои рушд ва суботи минтақа ҳамаро муттаҳид созад. Таҳлилгарон барои рушд ва суботи минтақа шиори наверо таҳти унвони «афзоиш дар тиҷорат», «коҳиш дар ҷангу ҷаҳолат», «ҳамзабонӣ ё тиҷорати осмонранг» тавассути соҳилҳои дарёӣ ва заминӣ чун сутуни рушди устувор ва амният қабул карда, тавсия медиҳанд, ки таҳти ин шиор метавон муҷаддан ҳамкориро бо кишварҳои минтақа таҳким бахшид, минтақаро ба як маркази нави тиҷоратӣ, сайёҳатӣ ва саноатии Осиё табдил кард.

Хулоса, минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Миёна аҳамияти стратегии

иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии муштарак дошта, субот ва амнияти ин минтақа суботи равонӣ ва руҳии тамоми дунёро меоварад, зеро ин манотиқ таммаддун ва марокизи таърихиеро доранд, ки ҷаҳон ва хусусан Аврупо мафтуни он аст.

**- Дар Институт шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолият мекунад. Дар соле, ки Тоҷикистон Раёсати Иттиҳодро бар ухда дошт, омӯзиши масъалаҳои муҳиме, ки аъзои давлатҳоро бо ҳам муттаҳид менамояд, чӣ гуна ба роҳ монда шуд?**

- Вобаста ба ҷамъомади навбатии роҳбарони давлатҳои узви ИДМ дар шаҳри Душанбе кормандони Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо китоберо таҳти унвони «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» («Содружество Независимых Государств») бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар ҳаҷми 371 саҳифа аз чоп бароварданд.

Ҳайати муаллифон дар китоб ҳодисаҳои солҳои охири асри XX ва XXI — ро қаламдод намуда, дар баробари сабабҳо ва зарурати бунёди ИДМ ба хонанда дар шакли мухтасар робтитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои Иттиҳод баён намудаанд.

Дар давоми ҳамкорӣ кишварҳои-аъзои ИДМ корҳои азим ва муштаракро ба анҷом расониданд.

Ба ақидаи мутахассисони Институт, бо мақсади ноил шудан ба фаъолияти самаранок Иттиҳодро зарур аст, ки стратегияи ташаккули кишварҳои аъзои ИДМ -ро то соли 2050 муайян ва қабул намояд. Бонки тараққиёти ИДМ-ро бо сармояи 100 млрд.доллари ИМА ташкил диҳад. Иттиҳоди саноатӣ бо тақсимбандии ҳуқуқҳои ҳамоҳангсозии ҳаҷми истеҳсолот ва дар ин замина тақсими маҳсулоти истеҳсолшударо байни давлатҳои аъзои ин Созмон ба роҳ монад.

Ҳиссаи кишварҳои аъзои ИДМ дар гирифтани маблағ мутобиқ ба нақшаи Иттиҳоди иқтисодии Аврупоро (мултипликатор) муайян намояд. Системаи ягонаи ҳисоббаробаркуниҳоро (ба монанди SWIFT), ки танҳо мансуб ба кишварҳои ИДМ мебошанд, фавран ба роҳ монад ва интернети ягонаи кишварҳои ИДМ-ро ба роҳ андозанд.

**-Ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Амрико дар кадом сатҳ аст ва дурнамои он чӣ гуна аст?**

- Барои амиқтар омӯхтани масъалаҳои қобили таваҷҷуҳи ба кишварҳои Аврупо алоқаманд лоиҳаи илмӣ-тадқиқотӣ дар мавзӯи «Таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо: дастовардҳо ва дурнамои он» барои солҳои 2019 -2024 тартиб дода шуда, он аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тасдиқ карда шудааст. Ин лоиҳа умуман

дар равандҳои иқтисодиву сиёсат ва фарҳанг бахшида шуда, фаъолияти созмону ҷунбишҳои сиёсии ин давлатҳо, идеология, сарчашма ва омилҳои авҷгирии низоъҳои минтақавӣ, рақобатҳои геополитикӣ дар минтақа ва таъсири ин омилҳо ба Тоҷикистон, таҳқиқи масъалаҳои мазкур аз нигоҳи манфиатҳои кишвари мо баррасӣ хоҳад кард.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дутарафаи миёни Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва дигар масъалаҳои муҳим дар ин самт дода мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона мешавад, ки сиёсати ин кишварҳо дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ, мубориза бар зидди ифротгариву терроризм, таъмини амнияту пойдории сулҳу субот ба кадом шакл суръат мегирад ва кадоме аз ин чораҷӯиҳо барои Тоҷикистон мувофиқ ҳисобида мешавад.

Мавзӯи дигаре, ки мавриди тадқиқоти илмӣ қарор мегирад, таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат ва ҳамкории судманди он ба минтақаи Осиёи Марказӣ бо назардошти манфиатҳои геополотикии онҳо чӣ гуна ба роҳ монда шудааст. Ба назар гирифтани яке аз кишварҳои абарқудрат Канада, ки ҳаматарафа муваффақ аст, ҳамчун замина таҳқиқ карда мешавад.

Дар самти таҳқиқи иқтисодӣ оид ба модели рушди кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мутахассисони сохторҳои мухталиф, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият мекунанд. Ин ҷанбаи таҳқиқ бо назардошти тағйирёбии суръатноки омилҳои иқтисодӣ ва шароити ташаккули вазифаҳо ва самтҳои муосир сурат мегирад.

Ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарб дар фаъолияти ҳамкории хориҷии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ мақоми хосса дорад. Мо ҷонибдори рушди минбаъдаи равобити Тоҷикистон бо ин гурӯҳи кишварҳо, ки шариконии муҳими байналмилалии мо маҳсуб мешаванд, дар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум, эҳтироми якдигар ва барои ҷонибҳо судманд мебошем.

**- Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ бо кадом институтҳои илмию тадқиқотии давлатҳои хориҷӣ ҳамкориро ба роҳ мондааст?**

- Бо мақсади тақвияти робитаҳои байналмиллалӣ, роҳандозии корҳои омӯзишӣ вобаста ба тадқиқ ва таҳлили илмии масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои пешрафтаи Ғарб, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи феврали соли 2018 бо якчанд намояндагии дипломатии хориҷӣ ва ташкилотҳои байналимилалии муқими Тоҷикистон якчанд маротиба мулоқоту вохӯриҳо, семинару конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ-

оммавӣ ва фарҳангӣ баргузор намуд.

Аз ҷумла, то ин муддат бо чунин сафоратҳо ва намояндагии кишварҳои хориҷӣ робита барпо карда шуда, якчанд мулоқотҳо, чорабиниҳои муштарак, семинару конфронсҳо ташкил кард шуд.

Институт дар айни ҳол бо донишкадаву донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии хориҷӣ, аз ҷумла INALCO, IFEAC (Франсия), донишгоҳҳои Ҳумболт ва Бромберг (Олмон), Институти таърих ва этнологияи ба номи Ч.Ч. Валиханов (Қазоқистон), Институти шарқшиносии АИ ФР (Россия), Донишгоҳии Бадахшон (Ҷумҳурии Исломии Афғонистон), Донишгоҳи ба номи Муҳаммад ибн Сауд (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Донишгоҳи Мичиган (ИМА) ва Донишгоҳи Салҷуқ (Туркия) ҳамкориро ба роҳ мондааст.

**- Дар назар аст, ки ҷуғрофиёи омӯзиши қитъа васеъ гардад. Барои ин дар Институт захираи кадрӣ вуҷуд дорад?**

- Тавре зикр шуд, Институт доираи омӯзиши манотиқи дунёро рӯз аз рӯз васеъ карда истодааст, ки ин албатта заҳмат ва талошҳои беандозаи кормандони илмии институтро гувоҳӣ медиҳад. Дар институт 11 доктори илм, 15 номзади илм ва дигар мутахассисони соҳавӣ кору фаъолият мекунанд, ки ҳамаи он донандаи хуби забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, немисӣ, ҳиндӣ, ҷопонӣ, ӯзбекӣ, арабӣ, туркӣ ва дигар забонҳо мебошанд.

Бо иваз шудани самти пажӯҳиши Институт мушкилоти кадрӣ низ мавҷуд аст. Бештар болои равобити кишварҳо ва омӯзиши манофеи муштараки миёни Тоҷикистону кишварҳои Осиё ва Аврупо мутамарказ шудани фаъолияти Институт аз мо тақозо мекунад, ки мутахассисонеро ба кор ҷалб намоем, ки дар самти таҳлили равобити байналмилалӣ таҷрибаи кофӣ дошта, барои пуштибонии манофеи Тоҷикистон дар сатҳи байналмилаӣ кӯшиш намоянд, то Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҷойгоҳи худро ба таври шоиста ҳимоят карда тавонад. Барои ба ин ҳадафи бузург расидан, пеш аз ҳама, мутахассисони болаёқат ва кордон, махсусан дорои дониши мукаммали сиёсӣ дошта зарурат дорем, то дар рақобатҳои минтақавию ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро ҳифз карда тавонем.

**-Дар ин авохир қарор аст, маҷаллаи илмии институт таҳти унвони «Осиё ва Аврупо» ба фаъолият оғоз намояд. Дар ин бораи маҷалла мехостам маълумот бидиҳед.**

-Чӣ тавре дар боло қайд кардем, институти мо соли сеюм аст, ки фаъолият мекунад ва дар ин давра мо чандин семинару мизи гирд ва нишасту конфронсҳоро дар сатҳҳои гуногун баргузор кардем. Пажӯҳишҳои олимони мо аллакай самар овард ва чандин китобу маҷмуаҳоро низ ба нашр омода кардем. Сомонаи мо дар фазои интернет фаъол аст ва хонандагони худро

аллакай пайдо кардааст. Чун ба ин дастовардҳо ноил гардидем, роҳбарияти Академияи илмҳои кишвар ва Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ ба хулосае омаданд, ки таъсис додани як маҷаллаи илмӣ ногузир аст. Инак шумораи нахустини ин маҷалла омодаи чоп аст ва ман умедворам, ки он дар фазои илмии кишвар мавқеъи муайян ва сазовори худро пайдо мекунад. Ин маҷалла, ки мақолаҳои олимонро дар самти омӯзиши сиёсат, иқтисоди ҷаҳон, афкори иҷтимоӣ, забон, адабиёт, таърих, ҷунбишҳои динию идеологӣ ва сиёсӣ, низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиё, Аврупо ва Амрико ба нашр мерасонад, тӯҳфаи сазоворест ба пешвози ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# ЧАШМ ВО КУН, РАНГУ АСРОРИ ДИГАР ДОРАД БАҲОР!

*Андар муносибати ҷашни Наврӯз ба дину мазҳаб*

**Акбари ТУРСОН,**
**академик**

*Фатвии ҳирсу ғафлати худком*
*Бар ҷаҳоне ҳалол кард ҳаром!*
**Абдулқодири Бедил**

Ба унвони иди миллӣ пазируфтани ҷашни Наврӯз, ки дар даврони ба истиқлолияти сиёсӣ расидани Ҷумҳурии шӯравибунёдамон сурат пазируфт, дар шоҳроҳи рушду камоли таърихии халқи тоҷик ба гунаи *миллат* (ба маънии ҳозиразамони истилоҳ) иқдоми саривақтӣ ва тадбири бамавқеъ буд.

Ин тасмимиояндасози давлатӣ аҳамияти бузурги *тарбиявӣ* низ дошт, зеро иқдоми муҳиммму мубрами сиёсие буд дар шоҳроҳи барқарор ва устувор кардани истимрори аслҳою наслҳо дар қаринаи тамомияти таърихию фарҳангии тамаддуни эронию туронӣ, ки бостонитарин тамаддуни ҷаҳонист. Ва бад-ин тариқ уфуқи *меҳанпарастии тоҷикона* аз ҳисоби одату одоби қадиму ғаниамон васеъ шуд ва ҳамроҳа ваҳдати миллии тоҷикон тобишу ҷилои хоси *таърихию маънавӣ* пайдо намуд.

Мутаассифона, миёни рӯҳониёни форсизабон ва туркизабон уламое буданду ҳамоно ҳастанд, ки ҷашни Наврӯзро иди хоси зартуштиён пиндошта ва ҳамзамон пайравони кеши зартуштиро *оташпараст*, яъне ***бутпараст***, хонда таҷлили онро барои мусулмонон маросими “**ҳаром**” ҳисоб мекунанд. Ва ҳол он ки барои мо, тоҷикон, Наврӯз ба унвони пайвандгари давру даҳри иҷтимоӣ на танҳо рамзу рози наҷот ёфтани аҷдодамон дар ҷараёни замонҳои сахту сангини гузашта бувад, балки ба яқини комил кафили бақои умри таърихии авлодамон дар оянда низ мебошад.

Аз ин рӯ, нақши таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз дар тамаддуни Аҷам *мавзӯйи* илман муҳимму иҷтимоан мубрам аст. Афсӯс ки мавзӯи мазкур ҳанӯз ба ҳадде, ки бояу шояд, мавриди баррасии академӣ қарор нагирифтааст.

**1**

*Сабаб ва муроду мақсади наврӯзситезиҳои кунунӣ* худаш чист? Гумон намекунам, ки ин амру амали бархе аз уламои ислом иқдоми мухолифатомезе бо давлати миллӣ ва ё як навъ саъю кӯши худнамоӣ бошад. Аз ин рӯ, рӯҳониёни наврӯзситезро номбар намуда ба қилу қоли мушаххас намепардозам.

Ҳаройина, ман аминам, ки афкори интиқодии наврӯзситезони навбаромад аз сарчашмаҳои қудсии дини ислом барнамеояд. Вале эътиқоди динии мунаққидонро аҳкомпарастона ё тақлидӣ гӯён таън ё танз намекунам. Фақат ба забони Қуръони Карим мепурсам: “*Чаро дар он чӣ бад-он илм надоред, муҷодала мекунед? Дар он чӣ бад-он илм доред, муҷодалаатон раво бошад!”*[**1**]

Аммо баъд... агар масъаларо усулан ба миён гузорем, боястӣ ба мояи ихтилоф бо рӯҳониёни салафӣ рӯ ба рӯ шудан. Асл ин ҷост, ки дар мавриди мазкур сухан аз дарки дурусти *баъзе оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ* меравад, ки дар *тафсиру таъбири* онҳо нақши **омили инсонӣ** бармалост. “*Омили инсонӣ*” худаш чист? Дар посухи ин савол ба як фармудаи машҳури Ҷамолиддини Асадободӣ (Афғон) мурочиат мекунам, ки дар ҳошияи баҳсаш бо исломшиноси маъруфи фаронсавӣ Эрнест Ренан ба забони манзум гуфта:

*Ислом ба зоти худ надорад айбе.*
*Ҳар айб, ки ҳаст, аз мусулмонии мост!*

Ба маънии ин ин байт зеҳн монда дармеёбем, ки Асадободӣ ду мафҳуми ҳамзод:“***ислом***” ва *“**мусулмонӣ**”*-ро аз ҳам фарқ кардааст, ки аҳамияти бармалои *методологӣ* дорад.

Дар воқеъ, **Ислом** – муҷассамаи ваҳйи илоҳӣ (Қуръон) ва аҳодиси набавӣ (Суннат) буда бад-ин унвон ҳақиқати азалист. **Мусулмонӣ** бошад, *дарёфти инсонии* муқаддамот ва муқаддасоти динист дар заминаи тафсиру таъбири маълумоти сарчашмаҳои мӯътабари ислом (Қуръон ва Суннат), аз ҷумла аз тариқи *қиёс* ва *иҷмоъ.*

Аслҳои ҷамеи динҳо дар макону замонҳои мухталиф *тағйирнопазиранд*, вале таъбиру тафҳими асли динӣ бо мурури замон *такмил*, *тасҳеҳ ва ё таъдил* ёфта метавонад. Ва агар ин тавр набуд, магар ҳамон дини ислом ба равияҳо, мазҳабҳо ва фирқаҳои мухталиф тақсим шуда ба майдони ҷанги “**72 миллат**” табдил меёфт?! Ин вазъияти бӯҳрониро танҳо тавассути афсӯсномаи Мавлоно Балхӣ-Румӣ шарҳ додан мумкин аст, ки гуфта: *“Мурдам андар ҳасрати фаҳми дуруст!*”

Дар ин росто гуфтугӯи илмиро аз муоинаи рагу решаи масъала сар кардан лозим меояд. Агар ба мабнои ин ё он ҳукми шаръӣ дар бораи “*ҳалол*” ё “*ҳаром*”(“*бидъат*”

ё “*макрӯҳ*”) будани ҷашни Наврӯз назар афканем, баръало мебинем, ки он ҷо ба ғайр аз далелҳои сирф динӣ басе мулоҳизаҳои *манфиатҷӯёна* ё *фурсатталабона* низ будаанд, ки рангу раванди идеологӣ, сиёсӣ ва ҳатто иқтисодӣ доштанд.

Даврони Хилофати арабро гирем. Дар қарни аввали ҳиҷрӣ ҷашни Наврӯзро ба унвони расму ойини мушрикон манъ карда буданд. Вале сонитар халифаҳои араб ва идеологҳои дини нав ду чизи барояшон муҳимму муфидро кашф намуданд: якум, анъанаи ҳадякунию ҳадягириҳоро дар Наврӯз, ки махсусан дар боргоҳи маликони Аҷам вусъат доштааст! (Дар омади гап гӯям, Умари Хайём дар рисолаии “*Наврӯнома*”, ки барои авлоди Маликшоҳи Салҷуқӣ ҳамчун як навъ насиҳатнома навишта буд, одати дар рӯзи Наврӯзи Бузург ба подшоҳ овардани наврӯзиҳоро махсус ва муфассал нақл кардааст. Аҷаб нест, инро ба андешае карда бошад, ки мабодо ворисони сиёсии Маликшоҳи туркнажод ба ҷашни Наврӯзи ориётаборон дастдарозӣ накунанд).

Дувум, халифаҳо пай бурдаанд, ки ба ҷойи манъ кардани одату суннаттҳои мардумони ғайримусулмон (аҳли зимма) фоиданоктар он бувад, ки ба онҳо бар ивази пардохт кардани андози иловагӣ (ба истилоҳ *ҷизя*) ҳуқуқи ба тариқи худашон зиндагӣ кардан (масалан, одату суннаттҳояшонро пос доштан) дода шавад. Аҳамияти вежаи чунин  сиёсати динӣ аз он иборат буд, ки бад-ин тариқ, аз қавли як ҳикмати тоҷикӣ гӯям, ҳам лаъл ба даст меомаду ҳам ёр намеранҷид!

Сабаби севумро, ки омили сирф *сиёсӣ* буд, устод Айнӣ дар мисоли рафтори умарои манғит шарҳ додаанд, ки яқинан бо маслиҳату машварат уламои Бухоро давлатдорӣ мекарданд. “*Аз амирони Бухоро он касе, ки иди Наврӯзро аз шакли халқчигӣ бароварда ба вай ранги расмият дод, амир Музаффар буд. Ӯ ҳам ин корро баъд аз шикаст хӯрданаш дар ҷанги Русия кард. Аз рӯйи қавли одамони куҳансоли ҳақиқатбин, ки ба нависандаи ин сатрҳо гуфта буданд, амир Музаффарро баъди шикаст дар ҷанг дар пеши мардум обрӯе намонд. Хусусан баъд аз он ки ӯ мардумро тороҷ карда, хазинаи дар ҷанг холишудаи худро пур кардан хост, нафрати мардум боз ҳам аз вай зиёдтар шуд. Бинобар ин ӯ дар ҳар ҷо, ки манзил кунад, чавкӣ (яъне базми умумӣ) барпо карда мардумро ба тамошои вай машғул мекард, то ки аз кирдорҳои нописандидаи ӯ чашм пӯшанд ва ё ин ки ба дидани он кирдорҳо вақт наёбанд... Амирони охирии Бухоро бошанд, ин идро дар роҳи дуру дароз машғул доштани халқ ба  корҳои бефоидаи зарари моддинок истифода карда, ба ин восита худ осуда зиндагонӣ кардан хостанд*”.[**2**]

Зимнан, Садриддини Айнӣ ба дигар як тарафи муҳимми масъала низ дидаи эътибор дӯхтаанд. Устод “*таърихи фосид шудани уламо*”-ро дар Бухоро нақлу нақд намуда  ба хулоса омадаанд, ки сабаби таърихан ақиб мондани ҷомеаи онвақта ҳамдастии сиёсии хонҳо ва уламои расмӣ дар толону тороҷи фуқаро аз тариқи дар ҷаҳолат нигоҳ доштани мардум буд. Дар ин росто ба хусус аз ҷадвали дарси мадрасаҳо хориҷ кардани “*фанҳои ҳақиқӣ*” (чун мантиқ, ҳисоб, ҳандаса, тиб ва ҳикмати табиия) тадбири иртиҷоӣ буд, чаро ки решаи тафаккурро дар ҷомеа хушк карда ба вусъати гумроҳии оммавӣ мусоидат кард.

Дар шарҳи ин вазъияти фасодовар (ва дар қиёси шӯҳрати илмию фарҳангии Бухорои даврони “***Эҳёи Аҷам***” – *нангин* ва *ҳасратпарвар!*) Устод Айнӣ афзуданд: “*Уламое, ки аз бобати динӣ – ба ғайри масъалаҳои таҳорату намоз, аз бобати фан – ба ғайри маълумоти дебочаи китобҳо чизе намедонистанд, ба ҳар чизи намедонистагии худ аз номи дин муқобил мебаромаданд*”. [**2а**]

Бино ба шаҳодати Қуръон ва дигар сарчашмаҳои қудсии исломӣ, манфиатҷӯйиҳои рӯҳониён баъзан то ҳадде расида будаст, ки ҳатто ба Каломи Аллоҳ ҳам таҷовуз мекардаанд! Дар сураҳои Бақара ва Оли Имрон ишорае сабт шуда, ки басе ҷолиб аст: бархе аз паёмбарони пешин ва пайравони эшон ҳарфҳои Аллоҳро худсарона тағйирдодава таҳрифу тахрибашонро ҳамчун хости Худо қаламдод намуда пайваста кӯшидаанд, ки мардумро гумроҳ созанд.[**3**]

Ҳаройина ишон дидаю دониста ба суиистифодаи Каломи Муқаддас пардохтаанд, ки пеш аз ҳама аз симои маънавии ишон дарак медиҳад. (Муқ. шавад бо гуфтору кирдори онҳое, ки дар Қуръон ҳамчун “*мунофиқин*” муаррифӣ шудаанд.)

Аз сӯйи дигар, дар зимни ишораи равшани қуръонӣ ба нақшу нуфузи омили инсонӣ метавон афзуд, ки муфассирони поку ҳақиқатназари Қуръону Суннат ҳам аз *зоти фаришта нестанд!* Пас, онҳо низ ба унвони одамизода аз *норасоӣ дар фаҳм* ва мувофиқан *саҳву хато дар тафсир* эмин набуданду эмин нестанд. Аз ин маънӣ **мусулмонӣ** ба як ҳисоб инъикоси *дараҷаи балоғати* фарҳанги рӯҳонии ҷомеа бувад.

Дар пасманзари ин ҳама далелу мулоҳизаҳои куллӣ пурсидан равост, ки ҷашнгирии Наврӯз маҳз ба **чӣ** мухолиф аст: (1) умуман ба **аҳкоми ислом,** (2) ба **тафсиру таъбири** ҳукмҳои ҷудогонаи қуръонӣ ва ё (3) **фатвои ҷузвие**, ки баъзе аз фуқаҳо ё уламои мусулмон дар шароити мушаххас ё дар иртибот бо ягон масъалаи алоҳида қаламӣ кардаанд ё шифоҳӣ гуфтаанд?

Умдаи мулоҳиза ин аст, ки ягон ақидаи томи **муносибати усулии ислом ба иди Наврӯз** вуҷуд надорад, ки онро *ҳама* мазҳабҳо, фирқаҳо ва ё мактабҳои фиқҳи исломӣ (ақаллан дар қаламравии рӯҳонии ду равияи асосии ислом – тасаннун ва ташайййуъ) ба унвони ҳақиқати кул пазируфта бошанд.

Яке аз сарчашмаҳои наврӯзситезиҳои кунунӣ бошад, осори динии Ҳуҷҷатулислом Абӯҳомиди Ғазолӣ аст, ки номашон дар радифи бонуфузтарин уламои сунигарӣ сабт шудаст. Дар таърихи улуми исломӣ Ғазолӣ на танҳо ҳамчун муаллифи як қатор асарҳои рукнгузор, монанди “*Эҳё улумуддин*” (дар чаҳор ҷилд) маъруфанд; Имом инчунин тафаккури интиқодие доштанд, ки ҷиҳати тезиву тундӣ камназир буд. Чунончӣ, Ғазолӣ китоби машҳури “*Таҳофутулфалосифа*”-ро нигошта ба ҷустуҷӯи осори куфру илҳод дар афкору аъмоли пешаҳдону муосирони машҳурашон пардохтаанд, ки ҷо-ҷо ҳатто одоби суннатиро ҳам риоя намекунад!

Зимнан, миёни мутафаккирони барҷастае, ки мавриди танқиду мазаммати шадиди Имом қарор гирифтаанд, *муқаддасоти миллии тоҷикон* Абӯалии Сино

ҳам буданд: Ғазолӣ на фақат осор, балки рӯзгори Шайхурраисро низ боончунон таъну танзи адоватомез муаррифӣ кардаанд, ки аз бисёр ҷиҳат, аз ҷумла аз назари ахлоқу одоби миллиамон, боиси тааҷҷубу таассуф аст.

Гап болои ин ки Имом худашон аз миёни тоҷикони Хуросон бархоста бошанд ҳам, муҳимтарин бахшҳои мероси гаронбаҳои аҷдодашон, хусусан ҳамонҳоеро, ки акнун дар ганҷдони фарҳанги ҷаҳонӣ шиносномаи дурахшони тоҷику эронӣ дар шумор меоянд, ҷо-ҷо аҳкомпарастона ва ҳатто мутаассибона инкор кардаанд.

Чунончӣ, Ғазолӣ дар китоби машҳурашон "*Кимиёи саодат*" аз аҳли мусулмон, ба вежа ҷомеаи форсизабонон, қотеъона талаб кардаанд, ки ному нишони ду ҷашни бостонии тоҷикону эрониёни кунунӣ ***Наврӯз* ва *Сада***ро аз лавҳи ёду хотирашон тарошида партоянд: "<u>*Изҳори шиори габракон ҳаром аст ва мухолифи шаръ аст... Наврӯзу Сада бояд, ки мундарис шавад*</u> [ному нишонаш намонад] <u>*ва касе номи он набарад*</u>". [**4**]

Дар зимни ин бояд низ гуфта гузарам, ки "*Кимиёи саодат*"-роАкадемияи илмҳои ҷумҳуриамон ба алифбои кириллӣ баргардонида нашр кардааст, ки худаш ба худаш кори хуб буд. Фақат ҳаминаш мавриди тааҷҷубу таассуф бувад, ки ба китоб ягон тафсиру таъбири академӣ изофа нагардида; хонандагон ғофил аз он мондаанд, ки Ғазолӣ худашон кӣ буданду китобашон чи гуна ҳадафи динӣ дошт, – ҳадафе, ки аз рӯҳи идеологии замонаашон бармеомаду ба рӯҳи замонаи мо рост намеояд. Ва ҳол он ки Академияи илмҳо бонии мероси фарҳанги миллӣ ва таъбири дурусти ӯст...

Ҳамзамон бояд алоҳида қайд намуд, ки хулосаи Ғазолӣ ба зоҳир дар омади гап, дар ҳошияи нақлу накди одатҳои ношоистаи (мункарот) бозорҳо дарҷ шудааст. Аввал Ғазолӣ урфи ахлоқан номатлуби савдогариро маҳкум карда барҳақ гуфтаанд: "*Бар харида дурӯғ гӯянд ва айби коло пинҳон доранд ва тарозуву сангу чӯби газ рост надоранд...*"Аммо баъд... Имом аз қаламрави *ахлоқ* рост ба арсаи *идеологияи ҷангара* қадам мондаанд; ғарази аслии ишон расман манъ кардани таҷлили ҷашнҳойи пешазисломии Аҷам аз мавқеи назари исломи рошидин будасту бас!

Ҳукми шаръӣ будани қазияи ғайритаърихии Ғазолӣ аз оҳанги қотеъонаи сухани эшон ҳувайдост. Аввал ин ки агар фармудаи Ғазолӣ ҳукме мебуд бо ишораи мушаххас ба ягон ояти Қуръон ё ҳадиси набавӣ, он гоҳ масъала ранги дигар мегирифт: баҳс умдатан перомуни то чӣ андоза айнӣ ё воқеӣ будани тафсири ҳамон оят ё ҳадис мерафту бас. Аммо дар мавриди мазкур сухан аз ҳукме рафта, ки аз сарчашмаҳои қудсии дини ислом *мустақиман* барнамеояд.

Баръакс, дар ҳадисҳои Паёмбари ислом ва Ахбори Имомҳои ташайййӯъ нақлҳое ҳастанд, ки аз назари неки Расули Акрам ва пешвоёни рӯҳонии шиамазҳабон ба ойину суннатҳои ҷашни Наврӯз дарак медиҳанд.

Дар воқеъ, агар ба таърихи муносибати ислом ба ҷашни Наврӯз аз мавқеи назари васеътар ва умумитар нигоҳ кунем, яъне ақидайи мазҳаби шиаро ҳам ба эътибор

гирем, онгоҳ дармеёбем, ки хулосайи баъзе уламойи суннимазҳаби тоҷикистонӣ ва тотористонӣ аслан дуруст нест. Ҳаминро гуфтан кофист, ки бино ба маълумоти андӯхтаи муҳаққиқи муосири эронӣ, ҳамкасби арҷмандам Ризо Шаъбонӣ (ман бо ӯ солҳои ҳаштодуми садаи гузашта дар идораи ЮНЕСКО вохӯрда унс гирифта будам ва ба собит будани маълумоти овардааш шубҳа надорам) беш аз 50 нафар фақеҳи машҳури шиамазҳаб аз тариқи фатво ба таҷлили Наврӯз расман рухсат дода будаанд [**5**].

Афзун ба ин, фуқаҳои эронӣ дар таъйиди қавли шаръияшон Наврӯзро ба рӯзи мавлуди Муҳаммади Пайғамбар (ва рӯзи интихоби Алӣ ибни Абитолиб ба хилофат) баробар карда эълон додаанд, ки Наврӯз барои мусалмонон "***Рӯзи Муборак***" аст!

Дигар ин ки агар ба мантиқи ҳукми шаръии Ғазолӣ зеҳн монем, он гоҳ дармеёбем, ки қиёси зиддинаврӯзии он кас бар мабнои ду муқаддимаи зерин содир шудаст:

1. Наврӯз ва Сада таърихан ва сириштан ҷашнҳои зартуштистанд.
2. Зартуштия кеши ширкист.

Ва ҳол он ки ҳар ду муқаддима ҳам ба далолати таърихӣ ва ҳақиқати фарҳангӣ рост намеояд. Бинобар ин хулосае, ки онро Ғазолӣ аз муқаддимаҳои мазкур мантиқан баровардаанд (Наврӯзу Сада идҳои барои мусулмонон усулан бегона мебошанд), *бунёдан нодуруст* аст!

Барои ба дурустӣ дарк кардани маъниву маслаки ҳукми шаръии Ғазолӣ онро дар қаринаи бархӯрди ҳазору чаҳорсадсолаи Арабу Аҷам, ки ҳанӯз ҳам идома дорад, баррасӣ кардан мебояд. Дар набарди рӯҳонии ислом ва зардуштия дине пирӯз шуд, ки аламбардори ҷангҳои истилогаронаи арабҳои бодиянишин буд. Ва чун дар ҳамагуна мавридҳои таърихие, ки нерӯи бақувват аз болои нерӯи беқувват пирӯз шудаст, дар ин маврид ҳам кор бо таънаву таҳқири мағлубон аз тарафи ғолибон анҷом ёфт. Уламои ислом зартуштияро дини **бутпарастӣ** хонда ҳомилону ҳомиёни бостонитарин кеши яктопарастӣ ё монотеистии дунёро расман (аз тариқи ҳукми шаръие, ки ангезаи сиёсӣ дошт!) аз қатори "*Аҳли Китоб*" баровварда, барои таъқибу таҳқири пайравонаш ("*террори зартуштиён*" хонед!) роҳро ҳамвор намуданд.

Ангезаи сиёсии ин қиссаи таърихиро ман аз забони диншиноси нуктасанҷи эронӣ Алии Ҷаъфарӣ дар Лос-Анҷелос шунида будам. Дар саҳнаи таърих зартуштия ва ислом соли 630-и мелодӣ ба ҳам рӯ ба рӯ шуданд. Вақте ки арабҳо Баҳрайнро забт карданд (арабҳои он ҷойӣ қаблан ба дини зартуштӣ гаравида буданд), аз Муҳаммад пайғомбар пурсиданд, ки бо онҳо чӣ гуна муносибат кунанд. Паёмбари ислом фармудаанд: онҳоро *ҳамчун аҳли китоб бипазиред!* Панҷ сол пас аз ин, вақте ки Империяи Сосониён дар ҷанг бомусулмонони аъробӣ шикаст хӯрд, эрониёни зартуштимазҳабро як муддат ҳамчун аҳли китоб ҳурмат карданд, вале ҳамин ки хилофати араб бақуввату устувор шуд, зартуштиёнро «кофир» эълон намуда таъқиб намуданд. [**6**] Аз ин рӯ, бисёрии онҳо аз зулму ситами динию сиёсӣ хору зор шудан нахоста ба Ҳиндустон кӯчиданд. Дар натиҷа пайравони дини бостонии туронию эронӣ дар ватани таърихиашон аз *аксарият* ба *ақалият* табдил ёфтанд...

Хусусан ки худи ҳамон замон несту нобуд кардани осори хаттии аҷамиён (ба сурати таҳқиромези "*аъҷам*", яъне "*гунг*") сар шуд, ки давоми мустақими бедодгариҳои Искандари Макдунӣ буд; Қутайба ибни Муслим низ мисли Александр азму иродаи қавии сиёсӣ дошт, ки дар ниҳояти кор шуури иҷтимоию фарҳангии мардумони таҳҷоии сарзаминҳои забкардаашро куллан дигаргун созад, яъне ки онҳоро ҷумлатан ба "*аъроб*" табдил диҳад. Вай даставвал сахт кӯшид, ки ба онҳо забону фарҳанги араб, пеш аз ҳама дини исломро ба зӯрӣ таҳмил кунад.

Сиёсати арабсозӣ дар ҳадди аксари кишварҳои истилошуда ба натиҷаи матлуб расид: тамоман *араб* шуда рафтани мардумони таҳҷоии ҳозира Ироқ (бобилиҳо), Сурия (сурёниҳо) ва Миср (қибтиёни қадим), ки аз ҷумлаи халқҳои мутамаддини аҳди бостон буданд, далели равшани таърихист ба муваффақиятомез поён ёфтани ин сиёсати золимона. (Аъмоли зишти мақдуниёну арабҳоро Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби машҳурашон "*Осорулбоқия*" бо як ҷаҳон дарду алам нақлу нақд кардаанд. **[7]**)

Баъзе уламо, фуқаҳо ва удабои намоёни Ҷумҳурии Исломии Эрон (аз қабили устодони номдор Муртазо Мутаҳаррӣ ва Абулҳусайни Зарринкӯб) хеле саъю кӯш ба харҷ додаанд, ки худи воқеаи китобсӯзиҳои ғосибони арабро дар Эрону Турон инкор намоянд, хусусан кирдори нангвари ғозиёни Қутайбаро дар Бухоро ва Хоразм нодида гиранд. Ишон ҳатто ба ҳаққонӣ будани ҳамон хабари таърихие шубҳа кардаанд, ки дар осори мазкури Абӯрайҳони Берунӣ дарҷ шудааст!

Устод Зарринкӯб эътироф намудаанд, ки "*фатҳи исломӣ албатта бо ҷанг ҳосил шуд*", аммо ҳамзамон бовар доштаанд ва ҳамагонро ба зӯри эътиқодашон (ба самимӣ будани имону ихлосашон шубҳа надорам) бовар кунондан мехостанд, ки "*нашри ислом дар байни мардуми фатҳшуда ба зӯри ҷанг набуд*"! Аз хулосаи фарҳангшиноси намоёни Эрон бармеояд, ки аҷдоди мо гӯё ба зудӣ ва қариб ки ихтиёрӣ мусулмон шуда будаанд!

Дар ҷавоби саволе, ки посухи таърихиаш бармалост, боз чӣ метавон гуфт? Балки аввал хулосаи манзуми Носири Хусрав – яке аз ҳаммазҳабони машҳури оғоюн Мутаҳаррӣ ва Заринкӯб – иқтибоси ҷолибе орам, ки зимнан фармуда:

*Гуфтанд, ки мавзӯи шариат на ба ақл аст,*
*Зеро ки ба шамшер шуд ислом муқаррар!*

Бо вуҷуди он ки Носири Хусрав ҳамчун ҳакиму шоири рӯҳшинос обрӯю эътибори бузург дорад, ба забони факту далелҳои илмӣ изҳори назар кардан беҳтар ва қавитар будагист. Бояд таъкид гуфт, ки ақидаи Мутаҳаррӣ ва Зарринкӯб ба ҳақиқати таърихӣ ба ҳеҷ ваҷҳ рост намеояд! Ҳақ ба ҷониби устод Айнӣ аст, ки мавъалаи мазкурро андаруни таҳлили муқоисавии рафтори ҳамонвақтаи аҷдоди эрониёну тоҷикони кунунӣ тақвиму тақдир кардаанд: "*Вақте ки арабон Эронро истило карданд, дар қатори ҳамаи осори Аҷам, забон ва адабиёти Эронро ҳам аз миён бардоштанд. Бузургони ба дарбори араб муқарраршудаи Эрон, ҳатто дар хонаи худ ҳам, бо забони арабӣ ҳарф мезаданд. Аммо ба муқобили ин ҳуҷуми*

*арабон Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле истодагӣ кард. Бухориён ҳатто ба забони араб намоз гузарониданро ҳам ба гардан нагирифтанд. Шайхон ва имомони араб маҷбур шуданд, ки ба бухороиён намозро ба забони тоҷикӣ-форсӣ омӯзанд...*” [**8**]

Як ҷиҳати хоси таърихнависиҳои Берунӣ ва умуман арбоби фарҳангии даврони Эҳёи Аҷам ин буда, ки ишон дар баробари сахт маҳкум кардани кирдори мушаххаси ғосибони хориҷӣ (дар ин мавриди аъробӣ) фарҳанги онҳо, хосса динашонро инкор накардаанд ё ин ки наҳ назаданд. Гузашта аз ин, маҳз ба шарофати саъю кӯшиши пайвастаи аҳлонию ахлоқӣ ва рӯҳонию равонии хосони аҷамӣ ислом аз як кеши қабилавӣ ба дини ҷаҳонӣ табдил ёфт! Лекин то оғози ин табаддулот Арабу Аҷам дар муқобала ва муколамаи таърихии дусадсола қарор доштанд.

Ин ҷо мавриди таҳлилу таркиби доманадори диншинохтӣ нест. Бад-ин сабаб аз ҷузвиёти муносибатҳои хусуматомези ислом ва зартуштия дар замонҳои гузаштава ҳатто ҳозира сарфи назар карда хулосаи матлабро мегӯям: **ҷашни Наврӯз ба зоти хеш зодаи ягон дин ё мазҳаби машҳур нест – на фақат ислом, ки дини нисбатан ҷавон аст, балки инчунин кеши Зартушт, ки ҳеҷ набуд 1000 сол пеш аз дини Муҳаммадӣ зуҳур кардааст**.

Пеш аз он ки ба андарёфти моҳияти масъала шурӯъ намоям, аввал ба як факти таърихӣ рӯ меоварам. Бино ба шаҳодати устод Садриддини Айнӣ, “*дар Бухоро* (Бухорои садаи нуздаҳӯм дар назар аст) *Наврӯзро, ки иди миллии умумии форсизабонон буда, бисёр ҳурмат мекарданд... Муллоён “дар бораи шарафи ин ид” аз номи пайғамбар ҳадисҳо сохта бофта баровარданд*”.[**9**]

Пурсидан равост, ки уламои онвақтаи Бухорои Шариф маъруф ба *Қуббатулислом* магар аз ҳукми шаръии Имом Ғазолӣ бехабар буданд?! Чаро дар як шароити хоси истибдодӣ, вақте ки ислом ба унвони нерӯи мутлақаи рӯҳонӣ тамомии ҷомеаи онвақтаро дар панҷаи гирояш нигоҳ медошт, фақеҳону уламои дин на фақат таҷлили иди Наврӯзро манъ накарданд, балки дар маросими ҷашнгирии он худашон ширкат меварзидаанд?! (Чунон ки ҳикмати мардумӣ мефармояд, таърих “*агар*”-у “*магар*”-ро намеписандад. Ва агар онҳо издивоҷ кунанд, фарзанде рӯяд “*кошки*” ном!..)

Дар шарҳу тафсири гуфтаи устод Айнӣ бояд низ афзуд: фақат ниёзи идеологӣ ё ғарази нафсонӣ набуд, ки уламои онвақтаи исломро водор сохт дар иди Наврӯзи Аҷам ширкат варзанд.

Муҳимтарин нукта ин аст, ки камоли матлуби ҷашни дунявии Наврӯз ҳатто дар сурати зойида ва парваридайи маздаясно буданаш ҳам, аслан ва воқеъан ба рӯҳи муҳити рӯҳонии араб бегона ё мухолиф набувад. Аввал ин ки аъроб бо ҷашни Наврӯз пеш аз аҳди ислом улфат гирифта буданд. Дар воқеъ, фарҳанги ориёӣ ба муҳити маънавии соминажодон хеле пеш аз оғози аҳди ислом нуфуз карда буд. (Нишонаҳои ин нуфузи таърихӣ пеш аз ҳама дар Таврoти яҳудӣ, ба истилоҳ *Аҳди Қадим,* ҳувайдостанд.) Чунончӣ, иди солинавии эронию турониро дар шаҳре низ ид мекарданд, ки дар суннати исломӣ *Мадинаи Мунавара* гӯянд. Дар ин бора

ҳадиси дар ҳамон ҷо ба гоҳи Наврӯз ба Ҳазрати Муҳаммад ҳадя шудани ҳалвои аҷамӣ (аз ҷониби бобои Абӯҳанифа) шаҳодат медиҳад.

Ашрофи илму адаби араб бошанд, Наврӯзи Аҷамро ҳамчун як падидаи нодираи фарҳангӣ васфу тамҷид кардаанд. Чунончӣ, муаррихони адабиёти араб шоирони қадиму ҷадиди араб, хосса Абӯнавос, Бухтурӣ, Ибнулмӯътаз, Ибнуррумӣ ва дигаронро номбар мекунанд, ки ҷашни Наврӯзро бо қасидаҳои идона васфу тараннум намудаанд. [**10**]

Дигар ин ки одоби ҷашни Наврӯз бо идеалҳои рӯҳонию ахлоқии дини ислом ҳамсоз аст.Дар таърихномаи машҳури Муҳаммади Табарӣ, ки онро Абӯалии Балъамӣ дар аҳди Сомониён бо ислоҳу иловаҳойи худаш аз арабӣ ба тоҷикӣ баргардонидааст, дар бораи ҷашни Наврӯз ва ҳикмати он қиссайи ҷолибе ҳаст. *“Ҷамшедшоҳ донишваронро гирд оварда пурсид: “Чист, ки мулкро пояндаву боқӣ дорад? Гуфтанд: дар миёни мардум адлу дод густурдан. Пас, ӯ адлу дод бигустурд ва донишмандонро бифармуд: он рӯз ки ман додрасӣ бинишинам Шумо назди ман бошед, то ҳар чӣ дар адлу дод бошад, бинамоед, то ман он кунам. Ва нахустин рӯз, ки Ҷамшед ба додрасӣ бинишаст, рӯзи Ҳурмузд буд аз моҳи Фарвардин. Пас, он рӯзро Наврӯз ном карданд ва бар мо акнун суннатт гашт”*.**[11]**

Пурсидан равост, ки *адлу дод* магар камоли матлуби танҳо аҳли маҷус ёаҷдоду авлоди тоҷику эронист? Адолатхоҳию додгустарӣ идеали иҷтимоии ҷумла соҳибназарони ҳама наслҳо ва асрҳо буда бад-ин унвон орзую армони ҳам азалӣ ва ҳам абадии хонадони Одам аст!

**II**

Акнун масъаларо мушаххастар ба миён мегузорем. Вақте ки бархе аз уламои ислом замоне мегуфтанду баъзеҳо акнун ҳам мегӯянд, ки аъмоли Наврӯз аз назари ислом *ҳаром, бидъат* ё*макрӯҳ* аст, пеш аз ҳама боястӣ пурсидан: ҷашнгирии Наврӯз маҳз ба **чӣ** мухолиф аст: ба **аҳкоми ислом** ва ё ба **фатвои** баъзе аз фуқаҳо ё уламои мусулмон, ки дар заминаи тафсири инфиродии оятҳои “*Қуръон*” ё ин ки фармудаҳои *Суннат* қаламӣ шуда ё шифоҳӣ интишор ёфтааст? Агар гӯянд, ки “ба **аҳкоми ислом**”, дигар як саволи куллӣ ва усулӣ пеш меояд: ҷашнгирии Наврӯз маҳз ба фармудаҳои ***кадом “ислом”*** мухолиф аст? Балки ба фармудаҳои “*ислом*” дар таъбиру талаққии Уммавия,Уссома Бинни Лодан, мулло Муҳаммад Умар ё салафиҳои навбаромад?!

Умдаи мулоҳиза ин аст, ки **ягон таъбири илоҳиётшинохтии муносибати усулии ислом ба иди Наврӯз вуҷуд надорад, ки ба ҷумла мазҳабҳо, фирқаҳо ва ё мактабҳои фиқҳи исломӣ *муштарак* бошад** (ақаллан барои дуравияи асосии ислом – тасаннун ва ташаййӯъ).

Зоҳиран, ҳамаи онҳое аз аҳли тасаннун, ки куллан аз номи ислом гап мезананд, пеш аз ҳама ба Қуръон ва Суннат такя мекунанд. Вале дарки фармудаи ҳар яке аз ин сарчашмаҳо тавъам ба ***тафсири*** муайян аст, ки дар бунёдаш дастур ё пиндори

таҳтуззеҳние дорад, ки ба иллатҳои мухталиф аз тарафи ҳамагон пазируфта намешавад.

Масалан, ду мактаби фиқҳии тасаннун – **ҳанифия** ва **ҳанбалия**, – бо вуҷуди ин ки ба як сарчашмаи қудсӣ (Қуръон ва Суннат) такя мекунанд, ҳангоми ҳаллу фасл кардани масъалаи муносибати ислом ба Наврӯз ба як хулосаи муштарак омада наметавонанд. Дар ҳоле, ки яке (ҳанифия) ба урфу одатҳои мардумии аҷамиён арҷ гузошта ба назар гирифтани онҳоро раво мебинад, дигаре (ҳанбалия) чунин амру амали шаръиро усулан маъқул накарда бе чуну чаро риоя намудани аҳкоми исломи расмии давраи "*хулафои рошидин*"-ро ба таври қотеъ талаб мекунад. (Зимнан, пешвоёни ҳар ду мактаби фиқҳӣ – ҳанифия ва ҳанбалия худашон зотан ориётабор буданд!)

Агар масъаларо куллитар ба миён гузорем, он гоҳ ба таъриху назарияи муносибати ислом ба маздаясно ва расму маросимҳои вай рӯ овардан мебояд. Дар қаринаи матлабе, ки ҳадафи гуфтугӯйи кунунист, як фармудаи қуръонӣ ҷолиб аст: "*Ҳамоно Худо миёни касоне, ки имон овардаанд, ва касоне, ки яҳудӣ шудаанд, ва собииён ва тарсоён ва габрон ва мушрикон рӯзи қиёмат ҳукм хоҳад кард. Ба дурустӣ, ки Худо бар ҳар чиз Огоҳ аст*".[**12**]

Аз ин оят ду хулоса бармеояд. (1) Габрон (маҷусиён, зартуштиён) аз ҷумлаи мушрикон нестанд (муқоиса шавад: "*габрон **ва** мушрикон*"); онҳо дар радифи яҳудиён ва тарсоён номбар шудаанд, ки дар суннати исломӣ ҳамчун *аҳли китоб* муаррифӣ мешаванд. (2) Дараҷа ё амиқии эътиқоди мӯъмин – чӣ габру мусулмон ва чӣ тарсою яҳуд – дар рӯзи бозхост аз ҷониби худи Аллоҳ муайян карда мешавад.

(Зимнан, ин огоҳонии рӯҳонӣ роҳнамои бисёр муҳим аст ва онро ҳангоми арзёбӣ кардани муборизаҳои мутақобили динҳо ва мазҳабҳои онҳо ба назар гирифтан даркор аст.)

Яқинан ба ҳамин суннатти қуръонӣ такя намуда Абӯрайҳони Берунӣ кушоду равшан, дар ихтилоф бо талқини муосирони рошидашон зартуштиёнро «*аҳли китоб*» хонда талқину таъкид кардаанд: «*Аҳли китоб, яъне яҳудон, насоро, маҷус ва гурӯҳи мухталифи онҳо*». [**13**]

Дигар ин ки дар *аҳодиси набавӣ* ба Наврӯз ишораҳои мушаххас ҳастанд ва муҳим ин аст, ки бино ба ҳадисҳои саҳеҳ, **паёмбари ислом ҷашнгирии Наврӯзи Аҷамро шаръан *манъ накардаанд*;** фақат ду иди сирф исломиро (*Фитр* ва *Азҳо* ё *Қурбон*) ба унвони идҳои "*беҳтар аз он*" номбар кардаанду бас!

### III

Бино ба далолатҳои илмӣ, ҷашни Наврӯз замонҳои пеш аз аҳди зуҳури ислом вуҷуд дошт ва бад-ин сабаб ба дини мусулмонӣ на ин ки аз ҷиҳати *ташаккул*, балки фақат ҷиҳати *таҳаввул* робита дорад. Лекин ҳамзамон далели дигарро ҳам ба назар гирифтан мебояд: бар хилофи ақидаи маъмул, ҷашни Наврӯз зодаи дини

зартуштия низ набуд. Наврӯз ва зартуштия аз рӯйи санаи зуҳури таърихиашон аз ҳам ҷудостанд: дар солномаи замину замон Наврӯз аввал сабт шудаасту зартуштия сонӣ.

Вале бо вуҷуди ин Наврӯзро парваридаи *маънавии зартуштия* хондан айни ҳақиқати таърихӣ бувад: одобу ойинҳои ҷашни солинавии Аҷам дар муҳити рӯҳонии Маздаясно ба камоли маънавӣ расидааст. Дар ин бора дар *“Осор-ул-боқия”*-и Абӯрайҳони Берунӣ ишораи ҷолиб ҳаст. Алломаи шаҳири хоразмӣ пайдоиши ҷашни Наврӯзро аз забони устураю ривоятҳо қисса карда зимнан аз худ далеле афзуда, ки дар контексти културологии он чизе, ки поёнтар собит кардан мехоҳам, хеле муҳим аст: *“Баъзе аз уламои Эрон мегӯянд: сабаби ин ки ин рӯзро Наврӯз меноманд, ин аст, ки дар айёми Тахмурас, собиа ошкор шуданд. Ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид,динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд»* **[14].**

Агар масъаларо дар заминаи навиштаҳои Умари Хайём таҳлил карда бароем, он гоҳ хулосаамон андар таърихан аз дини зартуштӣ дида барвақттар пайдо шудани ҷашни Наврӯз қавитар мешавад. Дар *“Наврӯзнома”* чунин омада: *“Чун аз подшоҳии Гуштосп сӣ сол бигзашт, Зартушт берун омаду дини габрӣ овард ва Гуштосп дини ӯ пазируфт ва бар он мерафт”*. Агар ба назар гирем, ки дар силсилаи подшоҳони пешдодӣ Гуштосп пас аз Ҷамшед ҷой мегираду баъди гузаштани андаряк ду ҳазор сол подшоҳӣ карда (муқоиса шавад: ба қавли Хайём, *“аз гоҳи ҷашни Офаридун нӯҳсаду чиҳил сол гузашта буд”*, то фаро расидани аҳди Фаридун бошад, Заҳҳок ҳазор соли тамом ҳукумат дошт), бостонитарин ҷашни ориёӣ будани Наврӯз бароямон баръало мешавад.

Инак, ҷашни Наврӯзва динҳое, ки вай бо онҳо дар ҷараёни таъсири мутақобил қарор дошт, дар *давраҳои гуногуни таърих* ба вуҷуд омадаанд. Аз маълумоти илмие, ки то кунун андӯхта шудаст, метавон хулосаи зерин баровард: муосири воқеии ҷашни Наврӯз ойини меҳрпарастӣ будаст мавсум ва машҳур ба митроия. Ва ин таворуди таърихӣ бесабаб нест: ҳар ду (Наврӯз ва меҳрпарастӣ) зойида ва парваридаи муҳити тамаддуни зироатӣ мебошанд. *Ялдо* – ҷашни зодшаби Меҳр=Митро – барҷастатарин нишонаи таърихии ҳамон дини бостонист, ки дусад сол пеш аз зуҳури таърихии ислом ба Аврупо сар даровардa масеҳиятро қариб танг карда баровардa буд. Воқеияти таърихист, ки дар муҳорибайи идеологии дини масеҳӣ ва кеши меҳрпарастӣ насрониён пирӯз шуданд. Вале сабаби пирӯзии онҳо омили рӯҳонӣ набуд, *сиёсӣ* буд. Идеологҳойи дини ғолиб бошанд, ба нияти мустаҳкам кардани мавқейи нави рӯҳониашон тақлидан ба ҷашни зодшаби Меҳр ҷашни мавлуди Исои Масеҳро таъсис дода онро ҷойгузини Ялдо карданд. Ва ҳол он ки солу рӯзи таваллуди Исо ҳанӯз ҳам муқаррар нашудааст...).

Нақши кеши меҳрпарастӣ дар “*Наврӯзнома*”-и Хайём ҳам бармалост. Ба қавли ӯ, бо хости Яздони Гаргар Офтобро дар силсилайи маротиби ҳастӣ волотарин мақом насиб шуда. Бад-ин сабаб Ӯ Офтобро дар низоми кайҳониаш аз ду ҷиҳат

имтиёз додааст. Аввалан, ҷиҳати *таквини* олам: **“***Дар офариниши Офтоб эзиди таъолоро иноят беш аз дигарон будааст”*. Аз ин рӯст, ки “*Эзади таоло Офтобро аз нур биёфарид ва осмонҳо ва заминҳоро бад-ӯ парвариш дод***”.** Сонияи, ҷиҳати “*таърихӣ”*: ”*Эзиди табораку таоло фармон фиристод, ки* [Офтоб] *сабот баргирад, то тобишу манфиати ӯ ба ҳама чизҳо бирасад. Офтоб аз сари Ҳамал бирафту осмон ӯро бигардониду торикӣ аз рӯшноӣ ҷудо гашту шабу рӯз падидор шуд ва он оғозе шуд мар таърихи ин ҷаҳонро*”.[**15**]

Наврӯз аз зартуштия ва хусусан ислом дида ба маротиб қадимитар аст. Ин далели қавии таърихист дар тасдиқи хулосаи илмие, ки ишорааш гузашт: миёни куҳантарин дар ҷаҳон иди соли нав (Наврӯз), аз як тараф, ва динҳои зартуштӣ ва мусулмонӣ, аз тарафи дигар, ҳамбастагии таърихӣ вуҷуд надорад.

Тафсиру таъбири динии пайдоиши ҷашни Наврӯз ва тағйиру таҳаввули расму ойинҳояш мутобиқан ба вазъу шароити мушаххаси таърихӣ (хосса муҳити идеологӣ) гапи дигар аст. Ҳаройина, ҳар ду дини расмии Аҷам (зартуштия дар замонҳои салтанати Ҳахоманишию Сосонӣ ва ислом дар даврони Хилофати араб) ба суннаттҳои иди миллиамон асар гузоштаанд; нақши ислом дар *сурати* Наврӯз ва нуфузи зартуштия дар *сирати* он бармалост.

Дар воқеъ, зартуштия ва Наврӯз дар як замини маънавӣ (фарҳанги ориёӣ) рӯйидаанд, лекин, чунон ки гуфта омад, бар хилофи гумонҳои маъмул (бархе динӣ ва бархе ҳатто илмӣ), онҳо падидаҳои *ҳамзамон* набуданд. Аз ин санади таърихӣ даставвал як хулосаи муҳимми куллӣ бармеояд: миёни ҷашни Наврӯз ва дини зартуштӣ пайвастагии азалӣ нест, яъне ки **зартуштия танҳо падархонди ҷашни Наврӯз буду бас**, гарчанде ки иди солинавии аҷдодамон, чунон ки гуфта омад, маҳз дар қаламрави рӯҳонии Маздаясно маъниву маслаки хос ва тамомияти фарҳангӣ пайдо намуд.

Ҳароина факти таърихист, ки дар яке аз марҳилаҳои қадимтарин замонҳо Маздаясно ва ҷашни Наврӯз бо ҳам вохӯрданд; яқинан бо ибтикори кеши зартуштӣ, ки мехост ҷашни машҳури мардумиро барои ниёзҳои рӯҳонию иҷтимоиаш истифода барад. Ва чун зартуштия ва Наврӯз ду ҳалқаи як занҷири фарҳангии ориён буданд, бархӯрдашон бар асари ҳусни тафоҳум сурат пазируфт ва баройи ҳар ду ҷониб судманд буд.

**IV**

**Аллома Берунӣ** ҷашнҳои мардумиро ба ду навъ – идҳои динӣ *(“ҷашнҳо аз ҷиҳати кеш”*) ва дунявӣ (*“аз падарон ёфта”)* ҷудо карда ҳар якеро алоҳида-алоҳида шарҳу тафсир додаанд. Наврӯз ва Меҳргон –айнан аз ҷумлаи идҳои меросмонда аз падарон, яъне ки ҷашнҳои зотан *дунявӣ* мебошанд.

Аллома Бӯрайҳон дар ягон асарашон Наврӯзро ҳамчун иди хоси зартуштӣ ё маҷусӣ муаррифӣ накардаанд; аз ҷумлаи *“расмҳои порсиён”* хондаанду бас. Иди хоси зартуштиро бошад, алоҳида ном бурдаанд. Чунончӣ, дар *“Осорулбоқия”*

ҳангоми қисса кардани ҷашнҳои суғдиён дар моҳҳои хеш гуфтаанд: *“Навсард – Рӯзи аввали он Наврӯзи суғдиён аст, ки Наврӯзи Бузург бошад”*. Дар айни замон дар хабари аллома зикр шуда, ки иди дигар низ ҳаст, ки ба кеши маҷусият хос бувад, валекин вай дертар, дар охири ҳамон моҳ, ҷашн гирифта мешавад: *“Ва рӯзи бисту ҳаштӯми он зартуштиёни Бухороро идест, ки “Ромиши Оғом” меноманд. Ва дар он ид дароташкадае, ки наздики қаряи Ромиш аст, ҷамъ мешаванд. Ва ин Оғомҳо назди онон азизтарини идҳо аст”*.[**16**]

Нахустин муаррихи Бухоро Наршахӣ низ дар таърихномааш ду навъ ҷашни аввали баҳор – “***Наврӯзи кишоварзон***” ва ***“Наврӯзи муғон”***–ро аз якдигар фарқ карда зимнан афзудааст, ки дар Бухоро аввал “*Наврӯзи кишоварзон*”-ро ҷашн мегирифтанд, сонӣ “*Наврӯзи муғон*”-ро.

Наврӯз зотан ва сириштан *табиитарини* ҷашнҳои ҷаҳонист, чаро ки оғозгоҳаш *табиат* асту анҷомгоҳаш *тамаддун*. Аввал ин ки ҷашни солинавии мо бар замини як ҳодисаи сирф табиию мавсимӣ машҳур ба **эътидоли баҳорӣ** (баробар шудани шабу рӯз, ки ба 21/22 моҳи марти солшумории хуршедӣ рост меояд) бунёд афкандааст, ки баҳори ҳар сол бе дахолат ё далолати ягон нерӯи берун аз табиат ба амал меояд ва ба ин маънӣ ягон ҷанбаи *динӣ* надорад**.**

Аз назари илми муосир “*табиитарин*” муродифи“*ҳамагонитарин*” мебошад, ки яке аз муҳимтарин унсурҳои ҳуснафзои чеҳраи таърихию фарҳангии иди Наврӯз аст.

Худи номи ҷашни солинавиамон ба табиӣ будани аслу асосаш далолат мекунад: ҳар ду калимаи таркибии ин истилоҳ (“*рӯз*” ва “*нав*”) сифати ***замон*** ҳастанд. Абӯрайҳони Берунӣ дар нахустин рисолаи илмии тоҷикиашон “*ат-Тафҳим-ул-авоили саноат-ут-танҷим*” ҷашни Наврӯзро айнан ба ҳамин рангу оҳанг таърифнамудаанд: “*Наврӯзи нахустин аввалрӯзест аз замона ва бад-он фалак оғозид гаштан”*.[**17**]

## V

Рагу решаи иди солинавии ориён *рӯҳонӣ* нест, *табиӣ* аст. Вай аз сарчашмаи қадимзамоне об мехӯрад, ки оғози онро дар илми муосири табиатшиносӣ **Инқилоби неолитӣ** хонанд. Ин воқеаи бузурги таърихӣ дар ҳазораҳои VI-III то оғози солшумории мелодӣ, яъне ба ҳисоби миёна 7-8 ҳазор сол пеш ба амал омадааст. Ҳосили таърихии ин дигаргунии бунёдӣ ташаккули **тамаддуни зироатӣ** буд, ки худи ҳастии таърихиаш куллан ва мушаххасан ба Офтоб вобастагӣ дошт. Ҳадафи тамаддуни мазкур *ободонии табиат* буда дар водиҳое, ки обу иқлими мусоид доштанд, аз **зироаткорӣ** ё **деҳқонӣ** оғоз шудаст. (Зимнан, тасодуфӣ нест, ки яке номҳои мустаори тоҷик **деҳқон** буд. Ва он дигар – **озода**.)

Аз ин маънӣ дар илми тамаддуншиносӣ инқилоби неолитӣ ҳамчун зинаи махсуси инкишофи таърихӣ муаррифӣ мешавад, ки гузариши инсониятро аз **иқтисоди тасарруфӣ** (ҷамъоварии буттамеваҳо, моҳидорӣ ва шикор) ба **иқтисоди**

**тавлидӣ** (кишту кор ва чорводорӣ) таҷассум мекунад.

Кашоварзӣ бошад, оғозгаҳи дигаргунсозиҳои муҳити зист буда бад-ин унвон рамзи ба **неруи мустақили ҷуғрофию экологӣ** табдил ёфтани банӣ-Одам аст.

Инқилоби неолитӣ якбора дар чанд ҷойи рубъи маскун сар зад, вале илми муосир оғозу анҷоми ин воқеаро бештардар мисоли таърихи Осиёи Ғарбӣ, ба вежа Байнайннаҳрайн, шарҳу тафсир дода метавонад. Сухан аз як табаддулоти куллии иқтисодию иҷтимоие меравад, ки симои ҷаҳони онвақтаро ба куллӣ тағйир дода буд. Яке аз дигаргуниҳои умда ва муҳимме, ки дар рафти табаддулоти неолитӣ ба амал омад, гузаштан аз *тақвими***қамарӣ** ба *тақвими* **шамсӣ** буд. Сурати ин тағйиротро иваз шудани як тариқи солшуморӣ (аз рӯйи даврзании Моҳ) бо дигараш (аз рӯйи ҳаракати Офтоб) муҷассам мекард. Сирати тағйироти мазкур бошад, амиқтар буд: дар натиҷаи табаддулоти мазкур худи **ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии одамизод** бунёдан тағйир ёфт, ки неруи такондиҳандааш **дин** набуд.

Наврӯзро зойида ва парваридаи таърихии ҳамин замони фархундаи инқилобӣҳисоб кардан баёни воқеъ мебуд.Тасодуфӣ нест, ки ойинҳои ҷашни Наврӯз ҳам дар оғоз замина ё сабабҳои сирф табиӣ ё иҷтимоӣ доштанд. Ойинҳои машҳури наврӯзӣ – **оташдаргиронӣ, обпошӣ** ва **ба якдигар шакар ҳадя фиристодан**ро мисол овардан кофист, ки ҳар се ҳам зотанягон ҷанби рӯҳонӣ ё мазҳабӣ надоранд.

Аз ойини оташдаргиронӣ сар кунем. Ин одат, агар аз рӯйи таърихи ривоятиаш ҳукм кунем, бо ойини оташпарастӣ алоқа надоштааст. Берунӣ зимнан гуфта: «*Сабаб ин ки дар ин шаб оташ бардошта мешавад, ин аст, ки чун Заҳҳок қарор гузошта буд, ҳар рӯз ду нафар биёваранд ва барои море, ки ба дӯши ӯ буд, димоғи онҳоро ғизо қарор диҳанд. Ва шахсе, ки пас аз омадани Заҳҳок ба Эрон муваккал ба ин кор буд, Измоил ном дошт. Ва ин мувакқаляке аз ин дуро озод мекард ва тӯшае мебахшиду ӯро амр мекард, ки ба қисми ғарбии кӯҳи Дамованд сокин шавад. Ва дар он ҷо биравду барои худ хонае бисозад. Ва дар ивази ин шахси озодшуда ба ду мори сари китфи Заҳҳок димоғи кӯчқоре мехӯронид. Ва ин димоғро бо димоғи як нафари дигар, ки кушта мешуд, махлут мекард. Ва чун Фаридун Заҳҳокро гирифт, Измоилро ҳозир кард ва хост, ки ӯро «подош бахшад». Измоил ашхосеро, ки аз қатл боздошта буд, Фаридунро хабардор кард. Ва як расул аз Фаридун хост, ки ба кӯҳи Дамованд биравад, ки то ҳақиқати масъаларо ба Фа ридун бирасонад. Ва чун Измоил ба кӯҳи Дамованд расид, озодшудагонро амр кард, ки бар пушти бомҳои худ ҳар яке оташе биафрӯзанд, то шумораи эшон зиёд ба назар ояд. Ва ин воқеа дар шаби даҳӯми баҳманмоҳ буд*”. [**18**]

Аллома Бӯрайҳон ҳангоми маънидод кардани ойини оташафрӯзӣ ҳам ба сабаби сирф табиатшинохтӣ ишора карда ба забони ривояти халқӣ гуфтаанд: писари Шопурпаҳлавон Ҳурмуз рӯзи иди Наврӯз оташроба ҷойҳои баланд қарор дода, то ки ”*ҳарорати он ҷавро пазонад ва ашёи касифаро бисӯзонад. Ва мояи фасодоварро ин ҳарорат нобуд намояд*”.[**19**]

Ин масъала ҷиҳати куллитар ҳам дорад. Кеши маҷусият – сириштан ва куллан ойини **оташпарастӣ** нест, гарчанде ки *меҳрпарастӣ* аз ҷумлаи пешаҳдон ва хешовандони маънавии ин кеш аст.(Бино ба гумони Берунӣ, Зартушт ҳам қаблан *меҳрпараст* будаст.)

**Бутсозӣ** набудани *оташпарастӣ* аз таъриху табиати ин суннати фарҳангӣ бармеояд. Дар воқеъ, аз болои чизе, ки маҳалли таъзиму парастиш бувад, ҷаҳида гузаштан (ин одат ҳанӯз ҳам боқист) амру амале мебуд сахт разилона, яъне одати берун аз қаламрави ахлоқу одоби суннаттии Аҷам!

Масъаларо куллан баррасӣ намуда ба ду ҷиҳати он таваҷҷӯҳ кардан мебояд. Аввал ин ки қадимтарин аҷдоди мо ба оташ ҳамчун яке аз чаҳор унсури ҳастӣ (дар радифи обу замину ҳаво) арҷ мегузоштанд. Дигар ин ки оташ ду унсури бунёдӣ дорад: яке **нор** (*гармӣ*) асту ва он дигар **нур** (*равшанӣ*). Қадимтарин гузаштагони мо **норунур**ро ба унвони мояи зиндагӣ мепарастиданд, ки одати бутпарастӣ набуд.

Зимнан, ин ҷиҳати нозуки эътиқоди динии аҷдоди бостониамонро файласуфи ҷаҳоншумули олмонӣ Ҳегел дар ғояти зиракӣ пай бурда буд. Дар замоне, ки рангу раванди афкори шарқшиносии Аврупоро "***ориентализм***" ном як ҷаҳонбинии хос (нодида гирифтани дастовардҳои ақлонию рӯҳонии машриқиён, ба хусус аҳли мусулмон) муайян мекард, ӯ ба хулосае омада буд, ки инқилобӣ хондан муҳобот нест: «*<u>Дини форсӣ бутпарастӣ нест</u>; мӯътақидони вай ашёи мушаххаси табиатро не, балки чизеро мепарастанд, ки ҳамагонитарин бувад. Нур, ба ҷуз чизи табиӣ будан, маншаи маънавӣ ҳам мебошад; вай намоди хайр ва ҳақиқат бувад...*" [**20**]

Пайдоиши одати обпоширо низ Берунӣ ба забони омилҳои сирф табиӣ шарҳ додаанд: "*Сабаби ин ки эрониён дар ин рӯз об ба ҳам мепошанд, ин аст, ки чун дар зимистон тани инсонӣ ба касофати оташ аз қабили дудухокистар олуда мешавад ва ин обро барои тоза кардан аз он касофат ба ҳам мерезанд. Ва дигар ин ки аз тариқи обпошӣ ҳаворо ҳам латифу тоза мекунанд ва намегузоранд, ки дар ҳаво вабо ва бемориҳо тавлид шаванд*".[**21**]

Одати дар рӯзи Наврӯз ба якдигар шакар фиристоданро низ Берунӣ ба забони ривояти *ғайримазҳабӣ* маънидод кардаанд: "*Найшакар дар кишвари Эрон рӯзи Наврӯз ёфт шуд. Ва пеш аз ин касе онро намешинохт. Ва худи Ҷамшед рӯзе наеро дид, ки каме аз обҳои даруни он ба берун таровиш карда буд. Ва чун Ҷамшед дид, ки он ширин аст, амр кард, ки оби ин найро берун оваранд ва аз вай шакар созанд. Ва онгоҳ дар рӯзи панҷум шакар ба даст омад ва аз роҳи табаррук ба он мардум барои якдигар шакар ҳадя фиристоданд*".[**22**]

Берунӣ ду маросими пешазисломии ҳамқавмонашон (хоразмиён)-ро, аз ҷумла иди оғози солро, ки *Новсорҷӣ* мегуфтаанд, як ба як шарҳ дода зимнан афзудаанд:

"*<u>Аммо идҳою айёми онон ба дини эшон алоқа надорад</u>*".[**23**]

Халифаҳои араб дар оғози ҳукумати сиёсию рӯҳониашон дар Аҷам ҳар дуи ин ойин (оташафрӯзӣ ва обпошӣ)-ро манъ карда буданд. Вале, бино ба маълумоти андӯхтаи диншиносон, истилогарон бо андеша аз вокуниши зердастонашон ба зудӣ аз номи Ҳазрати Муҳаммад эълон карданд, ки Амиралмӯъминин оташ афрӯхтан ва ба ҳам об пошиданро дар рӯзи Наврӯз раво донистаанд.

Наврӯз иди ***Эътидоли Баҳорӣ*** аст, ки худ ҳодисаи сирф табиӣ бувад иборат аз дигар ҳодисаи сирф табиӣ – вуруди Офтоб ба бурҷи Барра (Ҳамал) ҳангоми сайри солонааш дар доираи бурҷҳо (минтақатулбуруҷ). Пас, ягонтои ин ҳодисаҳо ба зоти хеш ба дину мазҳаб алоқае надорад. Ва агар минбаъд Наврӯзро бо матоҳои рангоранги дину мазҳабҳо (адён) ва ривояту устураҳо ороста бошанд, аслу мағзи табиии худи ҷашн тағйир наёфтааст.

## VI

Агар ба бунёди фалсафии Наврӯз рӯ оварем, онгоҳ ба як саволи муҳимму матлуб ҷавоб додан даркор аст. Чаро маҳз лаҳзаи баробар шудани шабу рӯз дурахшонтарин идҳои Аҷам– Наврӯз *(эътидоли баҳорӣ)* ва Меҳргон (*эътидоли тирамоҳӣ*)-ро ҳусни оғоз бахшидааст?

Барои ба ин савол ҷавоби илмӣ ёфтан аз доираи танги *таърихнигорӣ* (историография) берун баромада ба қаламрави фарохтари *фарҳангшиносӣ* (културология) ворид шудан мебояд, зеро аввал меъёру мизонҳойи одоби суннаттиамонро баррасӣ кардан лозим аст. Куллан бигирем, тамоми ҷаҳонбинӣ ва тафаккури асили ориёни муқиминишин дар замини маънавие бунёд афкандааст, ки метавон **ҳикмати эътидол** унвон кард. Ҳаким Умари Хайём дар таъйин ва таърифи ҳикмати мазкур гуфтаанд: “*Ин олам, ки ба пой бувад, ба эътидол бар пой бувад”*.[**24**]

Дар воқеъ, ахлоқи суннаттии мо чӣ *тафрит* ва чӣ *ифрот*ро баробар рад мекунад. Вай миёнҷӯию миёнравиро камоли ақлу адл медонад. Аз ин маънӣдар “*Кобуснома*» омада, ки «*эътидол ҷузвест аз ақли кул».*

Минбаъд мутафаккирони сӯфимашраб ин эътиқоди фалсафиро ба як рукни муҳимми одоби волои инсонӣ табдил доданд: танҳо дар гуфтору кирдор, балки ҳатто дар афкор ҳам аз ҳадди эътидол берун рафтан набояд ва нашояд. Меъёри эътидол бошад, *андозашиносист,* ки риояи онро ахлоқи суннаттии мо барои ҳар як шахс фарз медонад. Шоири забардаст Манучеҳрӣ фармудааст: “*Андозашиноси ҳадди худ бояд буд*”.

Ин меъёри волои ахлоқу одоби Аҷам, ки ҷашни Наврӯз парвардаи ӯст, ба суннати рӯҳонии ислом мухолиф ё ҳатто бегона нест.Аз ин ҷост, ки дар Қуръон ҳам ба ***эътидол*** ишора рафтааст. Аллоҳ мефармояд: “*Мо паёмбаронамонро бо далелҳои равшан фиристодем ва бо онҳо Китоб ва тарозуро низ нозил кардем, то мардум ба адолат амал кунанд*”.[**25**]

Дар як радифи рӯҳонию ахлоқӣ омадани “***Китоб***” (Қуръон) ва ***“тарозу”*** ба ҳусни тасодуф нест: тарозу рамзу аломати ба эътидол даровардани афкору кирдору пиндори ҳар як фарди мӯъмин бувад, ки Қуръон ба унвони сарқонуни ҳамагонии ахлоқу одоб муқаррар кардааст. Ин меъёр дар меъмории исломӣ низ риоя мешавад: эътидол меъёри ҳам *устуворӣ* ва ҳам *зебоӣ* ба шумор меравад. Ҳаким Умари Хайём низ зимнан фармудаанд: *“Оростагӣ ҳамвор бо эътидол аст”*.[**26**]

Бино ба сарчашмаҳои қудсии динӣ, Аллоҳ эътидолдориро фақат аз бандагонаш тақозо надоштааст. Худаш ҳам тибқи меъёри эътидол ҷаҳонофарида будаасту аз рӯйи ҳамин меъёрҷаҳондорӣ мекардааст.(Дар як паёми илоҳӣ омада: “*Мо одамиро дар некӯтар эътидоле офаридем*”.) Аз инмебарояд, ки эътидол як навъ асли куллӣ ва ҳамагонии тамоми Коинот будаст.

**VII**

Устод Рӯдакӣ мунодии эҳёи таърихии мо буданду ҳастанд. Ва ишонанд, ки ба ворисонашон ба унвони насиҳат фармуда:

*Замона аспу ту ройиз ба ройи хешат тоз*
*Замона гӯйу ту чавгон баройи хешат боз.*

Бо вуҷуди ин ки минбаъд гузаштагонамон на ҳамеша ба ин насиҳат гӯш карда зиндагӣ кардаанд, моро эҷоди фарҳангу тамаддуни ҷаҳоншумуле муяссар шудааст, ки ба забони манзуми ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ гӯям, “*на гашти замона бифарсоядаш*” ва “*на чун мо табоҳӣ пазирад ҳаме*”! Ҷашни Наврӯз яке аз дастовардҳои рукнгузори ҳамин тамаддуни умрвару ғанӣ буда акнун, дар айёми ҷаҳонисозӣ, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуда шаъну шукӯҳе андӯхтааст бесобиқаву беназир...

Ҳангоме, ки дар Амрико будам, ман шоҳиди як воқеаи таърихӣ шудам: дар Маҷмаи Куллии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳоди Тоҷикистон, Озарбойҷон, Эрон ва дигар аъзои Созмони Конфронси Исломиро дар бораи **Рӯзи байналмилалӣ** эълон намудани Наврӯз ҷумла кишварҳои араб, аз ҷумла Арабистони Саудӣ, ки бонии исломи суннӣ аст, дастгирӣ карданд. Зеро ки ҳамагон дарёфтанд, ки Наврӯзи Аҷам зотан иди **қавмӣ, мазҳабӣ** ё ***табақотӣ*** нест; ҳам ба сурат ва ҳам ба сират **иди ҳамагонист**, ки ба дӯши худ як ҷаҳон маъниву рамзҳои инсондӯстӣ, яъне **ҳумонистӣ**, дорад!

Дар асотир (мифология)-и Юнони аҳди бостон дар борайи Антей ном як қаҳрамона афсонавӣ ривояти аҷаб муассире ҳаст. Рамзу рози ҳунарнамоиҳойи фавқулодаи ӯ ин буда, ки худи Замин ҳамчун волида ба унвони бонӣ ва такягоҳу такондеҳ барояш хидмат мекардааст: ҳар боре, ки Антей дар ҷанги тан ба тан бо ҳарифонаш бемадор мешуд, ба Модар-Замин даст расонда қуввату илҳоми нав мегирифт ва онҳоро мағлуб мекард...

Иди Наврӯз барои мардуми тоҷик танҳо яке аз ҷашнҳои қадиму қоими ориёӣ дар шумор намеояд; иди оғози соли нави хуршедӣ ба зоти хеш ҳам **рамз** ва ҳам

**рози** бақои **таърихии ҷумла ориётабороникэронизабон аст! Наврӯз баройи мо, тоҷикону эрониён, ба сони ҳамон Модар-Замини барӯманди афсонавист.**

Мубориза и идеологӣ бо ҷашни Наврӯз дар садаи бистӯм низ идома дошт. Ин набарди беамонро болшевикони Русия оғозиданд: онҳостанд, ки соли 1926 Наврӯзро ҳамчун "*иди исломӣ*" (!) расман манъ кардаанд. Ришханди таърихро бинед, ки дар даврони истиқлолият бархе аз рӯҳониёни тоҷик ва тотор Наврӯзро ҳамчун "*ҷашни ғайриисломӣ*" маҳкум мекунанд!

Дар замони мо, ҳатто миёни онҳое, ки ба иди мушрикон будани Наврӯз бовар доранд, масъала ба тариқи куллӣ ва усулӣ, яъне ҷашн гирифтан ё ҷашн нагирифтани ин иди мардумӣ, ба миён гузошта намешавад. Вале бархе аз ойинҳои қадимзамони Наврӯз, ки муҷассамаи рӯҳи хоси ӯстанд, то ҳоли ҳозирдар мадди назари интиқоди шаръӣқарор доранд. Яке аз онҳо ойинест мавсум ва маъруф ба "**Чоршанбесурӣ"**. Акнун онро ҳамчун зуҳуроти **бутпарастӣ** қаламдод карда истодаанд, ки ягон шаҳодати таърихӣ ё ин ки заминаи илмӣ надорад!

Дар воқеъ, ҳатто дар оғози устувор шудани ҳукумати рӯҳонию равонии ислом дар Аҷамойини "*Чоршанбесурӣ*"-ро манъ накарда буданд! Гузашта аз ин, ҳатто баъди фоҷиае, ки ҳангоми яке аз оташбозиҳои наврӯзӣ дар Бухоро рух дод! Бино ба хабари нахустин муаррихи Бухоро Абӯбакри Наршахӣ, дар замони ҳукумати Сомониён, мушаххасан аҳди Мансур ибни Нӯҳ, ҳангоми маросими "*Чоршанбесурӣ*" дар пойтахти Сомониён вақте ки "*оташи азим афрӯхтаанд, порае оташ биҷаст ва сақфи сарой* (манзур кохи Амир аст – **А. Т**.) *даргирифт ва дигарбора ҷумла сарой бисӯхт*".[**27**]

Бино ба ровиёни ахбори таърихӣ, ҷашни Наврӯз дар Эрону Турони бостонӣ ҳамчун маросими вежаи динӣ таҷлил намешудаст. (Акси ҳолро мо дар таҷлили соли нав дар суннати рӯҳонии масеҳӣ ва ё уславонӣ мебинем.) Аз ин ҷиҳат ба хусус шаҳодати Ҳаким Умари Хайём ҷолиб аст. Дар "*Наврӯзнома*" ягон ишорае нест, ки маросими ҷашнгирии расмӣ ё мардумии Наврӯз рангу раванди сирф зартуштӣ дошт. Дар исботи ин нукта зикри як худи хабари зерини Хайём кофист: фақат дар рӯзи шашӯми ҷашн (Наврӯзи Хосса ё Наврӯзи Бузург), ки барои подшоҳон ихтисос дода шудаст, Мӯбади мубадон ба саҳнаи маросими идона ворид мешавад – зимнан, дар *қатори дигарон*ва ба унвони "*нахуст кас аз мардумони бегона*".

Акнун як ба мазмуни паёми ӯ ("*Офарини мубади мубадон*") таваҷҷӯҳ кунед, ки аз қавли Умари Хайём мегуфтааст:"*Шаҳо, ба ҷашни Фарвардин ба моҳи фарвардин озодӣ гузин бар дону дини Каён; суруш оварад туро доноӣ ва пӯёӣ ба кордонӣ ва дер зию бо хӯйи хажир; ва шод бош бар тахти заррин; ва анӯша хӯр ба Ҷоми Ҷамшед; ва расми ниёкон дар ҳиммати баланду некӯкорию варзиш доду ростӣ нигаҳ дор; сарат сабз бод ва ҷавонӣ чу хавид, аспат комгор ва пирӯз, ва теғат рӯшану корӣ ба душман, ва бозат гиро(ва) хуҷаста ба шикор, ва корат рост чун тир ва ҳам кишваре бигир нав, бар тахт бо дираму динор, пешат ҳунарию доно гиромӣ ва дирамхор, ва сароят обод ва зиндагонӣ бисьёр*".[**28**]

Чунон ки ҳувайдост, гуфтаҳои Мӯбади мӯбадон ба як ҳисоб насиҳати *сиёсию ахлоқист*, на ин ки воҷиботи сирф динӣ. Ба ҳар ҳол дар табрику таҳнияти ӯ ба маросими хоси зартуштӣ будани ҷашни Наврӯз ишорае нест. Рост, як бор "*дини Каён*"-ро ба забон овардааст, вале агар контексти куллии гуфтаҳои саррӯҳонии зартуштиро ба назар гирем, онгоҳ бароямон маълум мегардад, ки худи мафҳуми "**дин**"ғолибан ба маънии **расму ойин** омадааст, то маънои **кеш**. Хусусан ки худи Умари Хайём қиссаашро "*ойини мулуки Аҷам аз гоҳи Кайхусрав то ба рӯзгори Яздигурди шаҳриёр, ки охири мулуки Аҷам буд, чунон будаст*" гуфта сар мекунад ва бад-ин тариқ ба табиию таърихӣ будани решаи ойинҳои наврӯзӣ илман далолат мекунад.

Дар ин қаринаи фарҳангӣ бесабаб нест, ки Хайём мӯбадонро на ҳамчун **рӯҳониён**, балки ба унвони **донишмандон** муаррифӣ кардааст:"*Чун Кайумарс аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣбиншаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳаду таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод Офтоб ба авали дақиқаи Ҳамал омада, мубадони Аҷамро гирд карду бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд. Мубадони Аҷам, ки* ***доноёни он рӯзгор*** *будаанд, ҷамъ омаданду таърих ниҳоданд*". [**29**]

## VIII

Андешаҳойи фарҳангшинохтии Берунӣ, Фирдавсӣ ва Хайёмро а забони фалсафа баргардонида метавон гуфт, ки дар тимсол ё архетипи маънавии ҷашни Наврӯз парастиши*бунёдкории рӯҳбаландона* нақш бастааст.

Наврӯз вақту соати *таквиниолам* буд, ки бе иштироки одам ба амал омадааст. Валекин минбаъд бар асари муқобалати тезу тунди мабдайи бадӣ ба бунёдкориҳойи мабдайи некӣ ширкати бевосита дар *таъмиру таҷдиди олам* ба вазифаи аввалиндараҷа ва ҳадафи *хешкории* Инсон табдил ёфт. Илҳомбахши фаъолияти бунёдкоронаи одам дар олам бошад, худи Яздонаст, ки ӯро ба унвони ***ҳамкор*** пазируфта.

Ҳадафи ниҳоии ҳамкории халлоқонаи Яздону Инсон – **дигаргунсозии бунёдии Коинот** будаст. Ва тибқи мантиқу мароми эзидии ин навъи фаъолияти кайҳонӣ буд, агар пирӯзии ниҳоии мабдайи хайр аз болойи мабдайи шарр ҳам ба айёми Наврӯз рост ояд!

Ин ҷо дигар як нуктайи муҳимро низ афзудан даркор аст. Бар хилофи он ки баъзе диншиносони идеологиязадайи хориҷӣ мегуфтанду ҳанӯз ҳам мегӯянд, камоли матлуби ислом ба истилоҳ *одами фаталист* ё *тақдирпараст* нест, ки гӯё бо идеали иҷтимоии зартуштия дар хилоф будаст. Дар аҳкоми ислом *ҷабария* ҳеҷ гоҳ аз *қадария* дида нуфузи бештар надошт. Мӯъмини мусулмон ҳам аз азал ба фаъолияти бунёдкорона таъйин шудаст.

Ҳаминро гуфтан кофист, ки фармудайи "*аз ту* (бандайи мӯъмин) *ҳаракат, аз*

*Ман* (Аллоҳ) *баракат*" миёни тоҷикон ба ҳукми ҳикмати мардумӣ даромадааст. Дар ислом ба фаъолияти бунёдкорона пардохтан на танҳо барои одамони алоҳида, балки барои халқу миллатҳо низ амри маъруф бувад. Дар Қуръон (сураи *Раъд*) чунин омада: «*Худо чизеро… дигаргун накунад, то он мардум худ дигаргун нашаванд*». [**30**]

Дар сарчашмаҳойи мӯътабари дини мусулмонӣ на фақат воҷиб будани такомули маънавии шахсият, балки инчунин худи воситайи чунин такомул низ таъйид ва таъкид шудаст. Чунон ки дар яке аз ҳадисҳои Муҳаммади Пайғамбар зикр шуда, муассиртарин воситайи худсозии шахсият **ҷиҳоди акбар** бувад. Хатто дар қаламрави рӯҳонии тасаввуф, ки дар замони Шӯравӣ ҳамчун тарғибгару талқингари динии беғайратии иҷтимоию қазогароии мазҳабӣ бадном шуда буд, *«Инсони комил»* ном як назарияи томи ирфонӣ ташаккул ёфт, ки фаъолияти маънавиро меҳвари ҳастии таърихӣ медонист.

Баройи собит кардани чӣ қадар қавию ғанӣ будани қуввату қудрати ҳумонистии ин назарияи ирфонӣ бояд низ афзуд, ки дар замони мо Иқболи Лоҳурӣ – ба қавли Саиди Нафисӣ, "*барҷастатарин сӯфии қарни XX*" – бо истифода аз он (хосса осори фалсафию ахлоқии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Абулмаонӣ Абдулқодири Бедил) **консепсияи нави инсон**ро танзим кард: агар дар омӯзайи зартуштия Инсон ба унвони *ҳамкори Яздон* васф шуда бошад, дар кайҳони ирфонии Иқбол мақоми одам аз ин ҳам болост:

*Ҷаҳон Ӯ офарид, ин хубтар сохт,*
*Магар бо Эзид анбоз аст Одам?!*

## IX

Ҷашни Наврӯз – ойинаи қаднамойи тамаддуни зироатзоди Аҷам буда занҷири пайванди аслҳои маънавию наслҳои одамиро ҳусни оғоз бахшидааст. Ниҳоли ин солхӯрдатаринтамаддун, чун ҷумла падидаҳойи нодирайи таърихӣ, кӯчатӣ набуд,–

*худрӯст*. Вале замини маънавие, ки ба реша гирифтану гул-гул шукуфтанаш мусоидат кардааст,ба шарофати дар чорсӯйи серодами Ховару Бохтар, дар буридангоҳи шоҳроҳои бузурги тиҷорӣ ва фарҳангӣ қарор доштанаш макони додуситади ҷаҳонӣ буд.

Ва агар Наврӯзро, ки қадимтарин ва ҳамагонитарин иди солинавист, дар ҷараёни таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ куллантаҳлилу тааммул карда бароем, ба натиҷае мерасем, ки онро аз қавли ҷомеашиноси маъруфи эронӣ Алии Шариатӣ (ӯро яке аз идеологҳои маъруфи Инқилоби исломӣ мехонанд) баён кардан айни муддаост: "*Наврӯз ҳама вақт азиз будааст, дар чашми муғон, дар чашми мӯбадон, дар чашми мусалмонон... Ислом, ки ҳамаи рангҳои қавмиятро зудуд ва суннаттҳоро дигаргун кард, Наврӯзро ҷилои бештар дод, шероза баст ва онро бо пуштивонае устувор аз хатари завол дар даврони мусулмонии ориён масун дошт*".[**31**]

Хулосаи калом, Наврӯзро ба забони мафҳумҳои такзибу такфиромези "*ҳаром*",

“*бидъат*”, “*макрӯҳ*” ё ин ки “*мамнӯъ*”маҳкум кардан бар хилофи на фақат воқеияти таърихию фарҳангӣ, балки инчунин суннати исломӣ ҳам мебуд!

Беҳтар он бувад, ки ба ҷойи эҳёи наврӯзситезиҳои уламои пешини исломӣ – бигузор онҳо мисли Ғазолӣ донишмандони оламшумули улуми динӣ бошанд! – суннатҳои ҳумонистии худи ҷашни Наврӯзро муаррифӣ намоем, ки маҳз ба хотири гиромидошти онҳо Наврӯз Рӯзи Байналмилалӣ эълон шуд.

Аз ин мавқеи назар ҳамон **се** рукни “*расми ниёкон*”басе ҷолиб аст, ки зикраш дар “*Наврӯзнома*” гузаштааст. Онҳоро ба ҷумлагӣ як навъ дархости наврӯзӣ хондан аз мантиқи ҳикмати Аҷам бармеояд. Ба қавли Умари Хайём, фармудаҳои мазкур, ки сириштан тақозоҳои сирф *ахлоқистанд*, дар ойини маликони Аҷам *“ҳиммати азим”*будаанд: (1) **аз рӯйи ойини адлу дод ҳукумат кардан**, (2) **дониш андӯхтану ҳикмат варзидан** ва (3) **доноёнро гиромӣ доштан**.

Чунон ки мебинем, ягонтои ин фармудаҳо ҷанби хоси динӣ надорад; ҳамагон аз ҷумлаи шаҳсутунҳои маънавии иморати *одоби волои сиёсӣ* буда, хусусан дар айёми сохтумони давлатҳои миллӣдар ҳавзаи фарҳанги Наврӯз аҳамияти вежае пайдо мекунанд...

## ОСОР ВА ҲОШИЯ


[1] Қуръони Карим, ояти 66-и сураи 3.
[2] Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 7, Душанбе, 1962, с. 495
[2а] Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро,Душанбе: “Адиб”, 1987, с. 12
[3] Муқ. шавад: “Пас, вой бар онҳое, ки китобро худ ба дасти худ менависанд ва то суде андак баранд, мегӯянд, ки аз ҷониби худо нозил шуда”. (Қуръони Карим, ояти 79-и сураи 2)
[4] Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Кимиёи саодат, ҷилди 1, Душанбе, 2008, с. 604.
[5]Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯз, Душанбе: Пайванд,2011, с. 194.
[6]Ali Jafarey. Zoroastrism and Islam, The Seventh North American Zoroastrian Congress, Session 2.3: Zoroastrism and Other Religions, Houston, 1990
[7]Осорулбоқия: саҳифаҳои 56, 71 ва 222.
[8]Садриддин Айнӣ. Ахгари Инқилоб, Душанбе: Ирфон, 1974, с. 114-115.
[9]Садриддин Айнӣ, Куллиёт, ҷ. 7, Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962, с. 495
[10]Раҳмон Халифа Башшор. Наврӯз дар фарҳанги араб,Суханшиносӣ, № 1, 2012, с. 116
[11]Таърихи Табарӣ, ҷилди 1, Душанбе: Ирфон, 1992, с. 78
[12]Қуръони Карим,тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ, Теҳрон: Нашри замон, 2006 (сураи Ҳаҷ, ояти 17)
[13] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, Душанбе: Ирфон, 1990, с. 27.
[14] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 233
[15] Умари Хайём. Наврӯзнома, Душанбе: Адиб, 2012, с. 26
[16]Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 258
[17]Абӯрайҳони Берунӣ. ат-Тафҳим-ул-авоили саноат-ут-танҷим, Душанбе: Ирфон, 1973, с. 144
[18] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 249
[19] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 241
[20] Георг Гегель. Философия истории, М., 1935, с. 167-168.
[21] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 241
[22] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 234
[23] Абӯрайҳони Берунӣ. Осорулбоқия, с. 260

[24]Умари Хайём. Наврӯзнома, Душанбе: Адиб, 2012, с. 65
[25]Қуръони Карим, ояти 25, сураи 57. [26] Умари Хайём. Наврӯзнома, с. 65 [27] Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро, с. 61
[28]Умари Хайём. Наврӯзнома, с. 35[29]Умари Хайём. Наврӯзнома, с. 26 [30]Қуръони Карим, сураи Раъд, ояти 11
[31] Наврӯз ба ривояти доктор Шариатӣ, Армуғон, № 3, 1995, с. 7

## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ПРАЗДНИКА НАВРУЗ С ЗОРОАСТРИЗМОМ И ИСЛАМОМ

В статье рассмотрены история и теория взаимоотношения праздника Навруз с зороастризмом и исламом. Показано, что древнейший ирано-таджикский новогодный праздник к этим двум религиозным системам не имеет прямого отношения, ибо происхождение Навруза исторически связано с геологической эпохой неолита. Тогда родилась земледельческая цивилизация, придавшая особый культурно-исторический смысл и значение солнечному календарю. Другое дело, что Навруз как явление арийской культуры получил системную интерпретацию в духовных рамках зороастрийской религии и как таковое стал органической частью ее традиции. Что до ислама, то его влияние на Навруз ограничивается сферой праздничных ритуалов и обрядов.

Сведения об авторе: Акбар Турсун академик, старшый научный сотрудник отдела Европы и Америки Института изучения вопросов Азии и Европы

## THE RELATIONSHIP OF THE NAVRUZ WITH TWO RIVAL RELIGIOUS SYSTEMS – ZOROASTRIANISM AND ISLAM

The article deals with the history and theory of the relationship of the Navruz with two rival religious systems – Zoroastrianism and Islam. It is shown that the origin of Navruz has no direct relation to these, because the ancient Iranian-Tajik new year holiday with its historical origins dates back to the Neolithic era, when the agricultural civilization was born, which gave a special cultural and historical meaning and significance to the solar calendar. Another thing is that Nowruz as a phenomenon of the Aryan culture received a systematic interpretation in the theological framework of the Zoroastrian religion and as such has become an integral part of its tradition. As for Islam, its influence on Navruz is limited to the sphere of festive rituals and ceremonies.

# ШИНОХТИ РУБОИЁТИ АСИЛИ ХАЙЁМ

**Мирзо МУЛЛОАҲМАД,**
**д.и.ф узви вобастаи АИ**

Масъалаи шинохти рубоиёти асили Умари Хайём ва ҷудо кардани онҳо аз мушкилтарин муаммоҳои Хайёмшиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷику форс аст. Дар ин бора муҳаққиқони зиёде таваққуф кардаанд ва барои ҳалли он саъю кӯшиши фаровон ба харҷ додаанд. Баъзе аз онҳо, дар ин кори душвор натиҷаҳое ба даст овардаанд, вале ин дастовардҳо ҳанӯз комилан таъйид нашудаанд. Зеро то ҳол қадимтарин нусхаи маҷмуаи рубоиёти Хайём, ки дар замонаш ҷамъоварӣ ва китобат шуда бошад, пайдо нагардидааст. Бинобар ин ҷустуҷӯву таҳқиқи ин масъала идома дорад. Мо ҳам саъй мекунем дар бораи меъёрҳои таъйини рубоиҳои аслии Умари Хайём таваққуф намоем.

Пеш аз ҳама бояд тазаккур дод, ки ҷудо кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём ниҳоят зарур аст. Зеро то ин масъала ҳал нагардад, ба таври дақиқ муайян кардани ҷаҳонбиниву афкори шоир ва сабки эҷодии ӯ ниҳоят душвор аст. Бесабаб нест, ки дар бораи шахсият ва ақоиди Умари Хайём чи дар сарчашмаҳо ва чи дар осори таҳқиқотӣ андешаву назарҳои мухталиф баён шудаанд. Аз ҷумла муаллифи «Таърихи ҳукамо» Ҷамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Юсуфи Қифтӣ дар баробари донишманди маъруф, имому алломаи замон ва дар илм беназир шуморидани Умари Хайём рубоиҳои ӯро барои шариат чун мори заҳрдор медонад. Агар Наҷмиддини Розӣ дар «Мирсод-ул-ибод» Умари Хайёмро фалсафиву даҳрӣ ва саргаштаву саргум қаламдод кунад ва Аттор ӯро марде нотамом шуморад, пас Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» ӯро сӯфӣ мешуморад. Чунин андешаҳои зидду нақиз дар бораи шахсият ва ақоиди Умари Хайём то имрӯз идома дорад.

Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ин тазоди андешаҳоро мавриди баррасӣ қарор дод ва ба ҷудо кардани рубоиҳои бегона ё саргардони мансуби Умари Хайём пардохт, ховаршиноси рус В.

Жуковский буд.

Ӯ дар мақолаи худ пеш аз ҳама ихтилофи назарҳоро дар бораи шахсияти Умари Хайём таъкид намуда, маълумоти сарчашмаҳоро роҷеъ ба ӯ ба қалам медиҳад. Сипас муаллиф ба гуногунии таркиби рубоиҳои мансуб ба Хайём ва тадриҷан афзудани теъдоди онҳо дар асрҳои баъдина ишора менамояд. Соли 1884 ҳангоме ки В. Жуковский дар Эрон буд, бори аввал як рубоии мансуб ба Хайёмро дар «Муноҷот»-и Абдуллоҳи Ансорӣ дучор меояд ва андешаи ҷудо кардани рубоиёти сайёр ё саргардони ӯ пайдо мешавад. Ӯ аз сарчашмаҳои гуногун рубоиҳои мансуб ба Хайёмро гирд оварда, онҳоро бо маҷмуаҳои осори Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Исфаҳонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Анварӣ, Амини Розӣ, Озар ва ғайра муқояса мекунад ва ҳар рубоии мансуб ба Хайёмро, ки дар он асарҳо ба назар мерасанд, рубоии саргардон меномад. Ӯ 82 рубоии саргардонро дар осори 39 муаллифи асрҳои Х1 – ХУ11 пайдо мекунад ва манбаи ҳар кадоми онҳоро нишон медиҳад.

Маълум мегардад, ки аз нигоҳи В. Жуковский ҳамаи он 82 рубоии саргардон аз Умари Хайём нестанд, зеро ба ин ишорае надорад. Вале аз мутолиаи он рубоиҳо пай бурдан душвор нест, ки на ҳамаи он рубоиҳо аз Хайём нестанд. Аз эҳтимол дур нест, ки баъзе рубоиҳои Умари Хайём бо саҳви котибон ба осори шоирони дигар ворид шуда бошад. Аз ҷумла В. Жуковский рубоии зерро дар асоси баъзе нусхаҳо ба Наҷмиддини Розӣ нисбат додааст:

*Ҳар сабза, ки дар канори ҷӯйе рустаст,*
*Гӯйӣ зи лаби фариштахӯе рустаст,*
*Ҳон бар сари сабза по ба хорӣ ниниҳӣ,*
*К-он сабза ба хуни лоларӯйе рустаст* **[3,377].**

Ба назари мо рубоии мазкур аз Наҷмиддини Розӣ, ки аз аҳли тасаввуф буд, нест, зеро дар он андешаи тасаввуфӣ мушоҳида намешавад ва аз ҳар лиҳоз хайёмона аст.

Рубоии зайл дар нусхаи хаттии маҳфуз дар Музейи Осиё ба Фирдавсӣ нисбат дода шудааст:

*Ҳон, то ниниҳӣ бар тани худ ғуссаву дард,*
*То ҷамъ кунӣ сими сафеду зари зард.*
*З-он пеш, ки нафаси гарми ту сард,*
*Бо дӯст бихӯр, ки душманат хоҳад х(в)ард* **[3,353]**.

Дар рубоии мазкур сабки Фирдавсӣ мушоҳида намешавад ва он ҷои дигар ба назар намерасад.

Рубоиҳое, ки бо мисраъҳои зайл шуруъ мешаванд, В. Жуковский аз маҷмуаҳои осори Ҳофиз пайдо кардааст:

*Он қаср, ки Баҳром дар ӯ ҷом гирифт*

***

*Абр омаду боз бар сари сабза гирист*

***

*Гар гавҳари тоатат насуфтам ҳаргиз*

***

*Он беҳ, ки ба ҷоми бода дил шод кунем*

***

*Айёми ҷавонист, шароб авлитар*

***

*Он лаъл дар обгинаи сода биёр*

***

*Дар пои аҷал чу ман сарафканда шавам*

***

*Он қаср, ки бар чарх ҳамезад паҳлу*

***

*Онам, ки  падид гаштам аз қудрати ту*

***

*Соқӣ, майи хушгувор бар дастам неҳ*

***

*Афтод маро бо маю мастӣ коре*

Пай бурдан душвор нест, ки на ҳамаи рубоиҳои мазкур ҳофизонаанд ва дар  аксари онҳо сабки Умари Хайём эҳсос мешавад, ки ниёз ба таҳқиқ доранд. Чунин ҳолатро дар рубоиҳои ба Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Абусаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигарон нисбат дода низ метавон мушоҳида кард. Бинобар ин ҳамаи 82 рубоии сайёрро ба таври қатъӣ аз Хайём надонистан ва ба дигарон нисбат додан дуруст нест. Аз ин ҷост, ки В. Жуковский дар охири мақолаи худ рубоиҳои сайёрро аз рӯи мавзуъ ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад ва ба рубоиҳои гурӯҳи чорум такя намуда симои Хайёмро чунин ба қалам медиҳад: « Хирадманди солор, ки дар эътиқоди худ устувор буда, дар масоили ҳастӣ азият кашида, дар шариати исломӣ муаммоҳои зиндагиро пайдо намекунад, дар заминаи ирфони суфиҳо ҷаҳонбинии муназзамро эҷод мекунад; ӯ умуман харобкори имон нест...Умар мунодии ахлоқи пок, ҳаёти воқеӣ ва муҳаббати гарм ба Худованд буда, ба арши абад, дурахшон ва зебо майл дорад.» **[3,362,371].**

Тавре ки мебинем, В. Жуковский дар симои Умари Хайём ҳакими хирадманди аҳли тасаввуфро дидааст ва аз ҳамин назар рубоиҳоро интихоб кардааст. Бо вуҷуди ин асари ӯ саҳми бузурге дар Хайёмшиносии олам ба шумор меравад ва чунон ки ховаршиноси бузург Э. Браун навиштааст, «бо интишори мақолаи бадеъ ва пурарҷи профессор Валентин Жуковский ба унвони «Умари Хайём ва рубоиёти саргардон» давраи ҷадиде дар ин боб оғоз шуд.» **[4].**

Ховаршиноси англис Денисон Росс мақолаи мазкурро ба забони англисӣ тарҷума карда, ихтисоран дар шумораи 23 соли 1898 нашрияи Анҷумни Осиё нашр менамояд. Ӯ теъдоди рубоиёти сайёрро ба 108 мерасонад. Денисн Росс пеш аз ҳама равишҳои муҳаққиқони ғарбро дар шинохти рубоиёти Умари Хайём баррасӣ намуда, чанде аз онҳоро шарҳ медиҳад: «1. Тамомии рубоиёти мансубро, ки дар нусахи хаттии кӯҳан аз шоирони дерини эронӣ ёфта шуда аз девони Хайём ҳазф кунем. 2.Тамомии рубоиётеро, ки аз ҳамон оғоз ба шоирони мутааххир нисбат дода шуда, бизудоем. 3. Тамомии калимотеро, ки аз Умари Хайём дар нахустин осори зиндагинома ва таворих забт шуда, ба унвони нақли қавли асил бипазирем. 4. Сабки иншо ва таркиби калимот ва мавзуи шеърро, ки нозир ба ҷаҳонбинии Хайём аст, ба унвони милоки асолат қабул кунем.» **[20,208].** .

Донишманди даниягӣ Артур Кристенсен пажуҳишро дар ин замина идома дода, соли 1905 рисолае дар бораи Умари Хайём ба табъ расонд ва 12 рубоиеро, ки дар онҳо номи Хайём зикр шудааст, рубоиҳои аслии ӯ донист. Ин пешниҳод мавриди қабули хайёмшиносон қарор нагирифт. Зеро дар ҳақиқат зикри номи шоир на ҳамеша далели муаллифии он мебошад. Масалан, равшан аст, ки дар рубоии зер шоири дигаре ба Хайём ишора кардааст:

*Хайём, ки хаймаҳои ҳикмат медӯхт,*
*Дар кӯраи ғам фитоду ногоҳ бисӯхт.*
*Миқрози аҷал таноби умраш бибурид,*
*Фарроши қазо ба ройгонаш бифурӯхт.*

**Дар рубоии дигар шоире ба Умари Хайём чунин муроҷиат кардааст:**

*Аз ман бари Хайём расонед салом*
*В-он гоҳ бигӯед ба эъзози тамом,*
*К-эй саййиди ҳошимӣ чаро дӯғи турш*
*Дар шаръ ҳалоласту майи ноб ҳаром ?* **[13,14-15].**

А. Кристенсен пажуҳиши худро дар ин замини давом дода, аз ин равиши худ даст кашид ва равиши навро пешниҳод намуд. Ӯ барои муайян кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём равиши омориро пеш гирифта, дар

асоси матни 13 сарчашмаи хаттӣ ва 5 чопӣ 1231 рубоии мансуб ба Хайёмро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва 121 рубоиро интихоб менамояд. Дар байни он сарчашмаҳо нусхаҳои хаттии китобхонаҳои Бодлеан, Музейи Британия, Париж, Ленинград, Берлин ва нашрҳои Калкутта, Розен ҳастанд, ки дар он даврон нисбатан муътамад буданд. Матни омодакардаи А. Кристенсенро метавон аввалин матни интиқодии рубоиёти Умари Хайём ба шумор овард. Зеро ӯ маъхази ҳар рубоиро зикр намуда, тафовут ва нусхабадалҳоро нишон додааст. Вале ин матн ҳанӯз матни комили илмиву интиқодӣ набуд. А. Кристенсен дар таҳияи матн асосан ба маҷмуаҳои рубоиёти мансуб ба Хайём такя кардааст ва ба сарчашмаҳои дигар эътибор надодааст. Масалан, ӯ аз «Нузҳат-ул-маҷолис»(соли китобат 731ҳ.), ки 31 рубоӣ, «Мӯнис-ул-аҳрор»(с.741ҳ.), ки 13 рубоӣ ва аз «Тарабхонаи Ёраҳмади Рашидӣ(соли ҷамъоварӣ 867 ҳ.), ки 415 рубоии мансуб ба Хайёмро дар бар мегиранд, истифода накардааст.

А. Кристенсен пас аз таъйини 121 рубоии ба асл наздики Умари Хайём ба тавсифи шахсият ва андешаҳои ӯ мепардозад ва бар хилофи В. Жуковский набудани унсурҳои ирфониро дар рубоиёти Хайём таъкид мекунад.

Ховаршиноси маъруфи олмонӣ Ф. Розен низ матни рубоиёти Умари Хайёмро интишшор дода, дар муқаддимаи худ ба масъалаи муайян кардани рубоиёти асили шиор мепардозад ва таъкид мекунад, ки ҳамаи рубоиҳои сайёрро аз Умари Хайём надонистан дуруст нест. Аз ҷумла ӯ ишора менамояд, ки аз 16 рубоие, ки ба Ҳофиз нисбат медиҳанд, фақат ду рубоӣ дар нусхаҳои қадимии Девони Ҳофиз ба назар мерасанд. Аз ин рӯ ӯ ба натиҷае мерасад, ки «мо ҳақ надорем аз қабл як рубоии «саргардон»-ро, ки ҷузъи рубоиёти Хайём омадааст, ба унвони он ки ҷаълӣ аст, канор бигузорем.» **[5,48].**

Ф. Розен барои муайян кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём илова бар нусхаҳои қадимӣ афкору андешаҳои ӯро низ ба эътибор гирифта, ҳамроҳ бо завқу салиқаи шахсии худ милок қарор дод ва пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд ва баррасии маҷмуаҳои гуногуни хаттиву чопӣ аз тақрибан ҳазор рубоии мансуб ба Хайём 23 рубоиро асил донист. Ӯ ин рубоиҳоро ҳамроҳи қитъаҳои арабии Умари Хайём соли 1928 ба нашр расонд.

Мутарҷими маъруфи рубоиёти Умари Хайём Фитсҷералд, ки ба хидмати бузурги ӯ дар тарҷумаи рубоиҳои Хайём ва шухрати ҷаҳонӣ пайдо карданаш ишора шуд, дар шинохти рубоиёти шоир низ саҳм дорад. Ӯ ба рубоиҳои мансуб ба Хайём бо назари таҳқиқӣ нигариста, мувофиқи завқи худ он рубоиҳоеро интихоб кардааст, ки дар воқеъ симои ҳакими озодандешро таҷассум менамоянд.

Ховаршиноси маҷорӣ Б. Силлик ба ҷустуҷӯ ва баррасии нусхаҳои

хаттии рубоиёти Умари Хайём пардохта, дар ду асари худ сарчашмаҳои дар китобхонаи Париж маҳфуз бударо тавсиф намуд ва чандин рубоиҳои тозаи мансуб ба Хайёмро пайдо кард.

Ба таҳқиқи сарчашмаҳо ва нусхаҳои хаттии рубоиёти Умари Хайём ховаршиноси олмонӣ Г. Ремпис низ машғул шуда, асарҳои илмӣ ба табъ расонд. Ӯ рубоиҳои мансуб ба Умари Хайёмро аз рӯи таърихи мураттаб ва китобат шудани нусхаҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад ва ба ҳар гурӯҳ хол гузошта ҳар гурӯҳе, ки холи бештар гирифтааст, аслӣ мешуморад. Ба ин тартиб ӯ 255 рубоиро асил дониста 47 рубоии дигарро, ки ба онҳо наздиканд, илова менамояд.

Донишманди ҳинд Свами Говинда Тиртҳа беш аз бист соли умри худро ба ҷустуҷӯву таҳқиқи аҳволу осори Умари Хайём бахшида, дар ин росто ба дастовардҳои муҳим муваффақ мешавад. Ӯ пеш аз ҳама сарчашмаҳои дастраси таърихиву адабиро роҷеъ ба Хайём ва осори муҳаққиқони хайёмшиносро баррасӣ намуда, дар баробари ба таври дақиқ муайян кардани санаи таваллуду вафоти ҳаким, таҳқиқи осори нуҷумӣ ва афкору андешаҳои вай ба ҷамъоварии рубоиёт мепардозад. Ӯ аз миёни 2213 рубоии мансуб ба Хайём 753 рубоиро мутааллиқ ба 143 шоири асрҳои баъд дониста, 1102 рубоиро мансуб ба Умари Хайём мешуморад ва дар китоби худ «Ҳаёт ва фаъолияти Умари Хайём» ба тарҷумаи англисӣ соли 1941 дар Оллоҳободи Ҳинд ба табъ мерасонад. Рубоиҳо дар ин китоб аз рӯи мавзуъ ба 17 боб ҷудо карда шудаанд. Свами Говинда ҳарчанд дар таъйини рубоиёти асил равиши тозае пешниҳод накардааст ва дар асоси нусхаҳои хаттӣ ва завқи шахсии худ рубоиҳоро интихоб кардааст, вале китоби ӯ асари ҷамъбастӣ буда, махсусан, бахши таҳқиқотии он саҳми барҷастае дар Хайёмшиносӣ ба шумор меравад. Муҳтаво ва арзиши илмии ин асарро муҳаққиқи тоҷик Ё.Одинаев ба таври оммавӣ бозгӯ ва шарҳу тавзеҳ намуда, дуруст таъкид кардааст: «Асари Свами Говинда, ки ба забони англисӣ таълиф ва чоп шудааст, чандин масъалаҳои муҳиму баҳсталаби тӯли қариб 900 сол ҳамчун муаммо ба шумор равандаро ба таври асоснок ҳаллу фасл намудааст» **[12,5-6].**

Дар Эрон аввалин касе, ки ба масъалаи ҷудо кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём пардохтааст, нависандаи маъруф Содиқ Ҳидоят мебошад. Ӯ ҳанӯз дар ҷавонӣ маҷмуаи рубоиёти Хайёмро мураттаб намуда, соли 1923 бо пешгуфтор ба табъ расонда буд. Сипас ҷустуҷӯҳои худро идома дода соли 1934 маҷмуаи «Таронаҳои Хайём»-ро бо пешгуфтори муфассал чоп менамояд. Дар воқеъ пешгуфтори мазкур ба ҳукми як тадқиқоти ҷудогона буда, «дар омӯзиши афкору андешаи фалсафӣ ва ҳунари шоирии Умари Хайём то ба имрӯз яке аз пажӯҳишҳои бунёдӣ ба шумор меравад» **[21,180].** Бесабаб нест,

ки баъзе муҳаққиқон мисли Маҳмуди Катирой Содиқ Ҳидоятро бунёдгузори хайёмшиносӣ дар Эрон донистаанд **[4,28-35].**

Содиқ Ҳидоят 14 рубоиро, ки дар сачашмаҳои қадимӣ сабт шудаанд ва маънихои фалсафӣ доранд, милок қарор дода, аз руи онҳо 119 рубоии асилро интихоб намуда, ҷамъан 143 рубоиро ба мавзуъҳо гуруҳбандӣ кардааст.

Содиқ Ҳидоят низ мисли В. Жуковский ба назарҳои зидду нақиз ба шахсияти Умари Хайём ишора намуда, дар як шахс зоҳир шудани хислатҳои илоҳӣ, афюнӣ, шаҳватпарастӣ, моддигарой, муртозӣ, риндӣ, ломазҳабӣ, вофуририро ғайри имкон медонад ва дар асоси рубоиёти интихоб кардааш ӯро шоири файласуфи бузург ба қалам медиҳад.

Муҳимтарин иқдомро дар таъйини рубоиҳои ба асл наздики Умари Хайём дар Эрон адабиётшиносони маъруф Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ гузоштанд. Онҳо соли 1942 маҷмуаи рубоиёти Умари Хайёмро бо муқаддимаву тавзеҳоти муфассал ба нашр расонданд. Маҷмуа аз се китоб иборат буда, дар китоби аввал «Хайёмшинохт» шарҳи ҳоли Умари Хайём мавзуоту мухтавои рубоиои ӯ, хусусиятҳои асосии он рубоиҳо, мизон ва равиши интихоби рубоиҳои аслӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Китоби дувум рубоиёти интихобшударо дар бар мегирад. Дар китоби савум тавзеҳоту шарҳи мухтасари рубоиҳо оварда шудаанд. Ин маҷмуа то имрӯз аз беҳтарин маҷмуаҳои рубоиёти Умари Хайём ба шумор рафта, борҳо ба нашр расидааст.

Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ нуктаҳои асосиии равиши муҳаққиқони пешина, ба хусус В. Жуковский ва Ф. Розенро ривоҷ дода, пеш аз ҳама ба сарчашмаҳои қадимӣ такя намудаанд. Онҳо аз «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмиддини Розӣ, «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Атомалики Ҷувайнӣ, «Таърихи гузида»-и Муставфӣ, «Нузҳат-ул-маҷолис», «Мӯнис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор», чунги Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, нусхаи хаттии маҷмуаи дигари Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, ки то асри Х1У таълиф ва китобат шудаанд, 57 рубоиро ҷамъ оварда ба иловаи 9 рубоии дигар аз сарчвшмаҳои баъдӣ 66 рубоиро ҳамчун рубоиҳои аслии Умари Хайём интихоб менамоянд. Онҳо ҷустуҷӯи худро дар ин росто идома дода, аз рӯи хусусиятҳои асосии он рубоиҳо ва завқи шахсӣ рубоиҳои дигарро илова менамоянд ва теъдоди рубоиҳои мансуб ба Умари Хайёмро ба 178 марасонанд. Дар фасли «Мизони шинохт» ба меъёроҳо онҳо дар шинохти рубоиҳои аслӣ ишора шудааст. Аз ҷумла содагиву бероришии сухани Умари Хайём дар рубоиҳо, аз тахайюлоти шоирона орӣ будан, мӯҷазу устувор, ҷиддӣ, борику зариф, нарм, натиҷаи табъи ҳакими мутафаккир будани мазмуни рубоиҳоро зикр намуда, маъниҳои умдаи рубоиёти ӯро ёдовар мешаванд.

Ҳамчунин аз нигоҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ рубоиёти Хайём «талхиву сақолати насиҳату андарз надорад» ва «вазифаи мавъизаву хотоба бар ухда нагирифтааст ва ҳеч як аз шууни шоириро бар худ набастааст, на мадҳу зам мекунад на муғозалаву муошақа, на аз фироқ мегиряд, на аз висол механдад.» **[14,56-57].**

Дарвоқеъ Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ моҳият ва мазмуни асосии рубоиёти Умари Хайёмро дуруст муайян кардаанд ва меъёри интихоби онҳо низ ҷолиб аст. Вале ба назари мо рубоиҳои Хайём комилан аз андарзу насиҳат холӣ нестанд. Тавре ки дар фаслҳои пешин дидем, андешаҳои ахлоқии Умари Хайём як ҷузъи фалсафаву ҳикмати рубоиҳои ӯро ташкил медиҳанд.

Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ дар охир иқрор мешаванд, ки интихоби онҳо асосан аз рӯи салиқаи шахсиашон сурат гирифтааст: «ин рубоиҳо, ки мо интихоб карда ва ба номи Хайём қаламдод мекунем, муддаъӣ нестем, ки ба таври қатъу яқин аз Хайём аст ё ин ки рубоиёти Хайём мунҳасир ба ин аст, ки мо фароҳам кардаем. Ба назари мо инҳо аз навъи сухани ҳакими Нишопур аст ва метавонад каломи ӯ бошад ва шоистагӣ дорад, аммо ҳокими ҳақиқӣ дар ин аср завқу салиқаи мо будааст на санаду далел ва бурҳон ва агар дигаре завқу салиқааш ғайр аз ин бошад, бо ӯ низоъ надорем...» **[14,61]**

Маҷмуаи мазкур то ҳол ҳамчун беҳтарин маҷмуаи рубоиёти ба асл наздики Умари Хайём шинохта шуда, мавриди қабул ва истифодаи муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Дар шинохти рубоиёти Умари Хайём нусхаҳои хаттии қадимӣ нақши бузург доранд ва пайдо кардани чунин дастнависҳо ҳодисаи муҳим дар Хайёмшиносӣ маҳсуб мешавад. Донишмкнди ҳинд устоди Донишгоҳи Калкутта Маҳфузулҳақ ҳанӯз соҳои 20 асри XX аз пайдо шудани нусхаи хаттии ҷолибе дар Ҳинд хабар дода буд **[11,369-374].** Сипас ӯ дар солҳои 40 он нусхаро чоп намуд. Дастнависи мазкур пеш аз ҳама аз он ҷиҳат хеле ҷолиб буд, ки соли 911 ҳ.қ. бо қалами хаттоти маъруф Султон Алии Машҳадӣ китобат шуда, ба вазир Алишери Навоӣ ҳадя шудааст. Арзиши баланди ин нусха дар он аст, ки он аввалин нусхаи маҷмуаи рубоиёти Умари Хайём аст, ки бо минётурҳои рангину хеле зебо ороиш дода шудааст. Султон Алии Машҳадӣ, ки на танҳо хаттоти забардаст, балки ҳунарманди донишвар низ буд, дар интихобу матни рубоиҳо завқу салиқаи баланд ба харҷ додааст. Дастнависи мазкур 206 рубоиро дар бар гирифта, ба тартиби алифбо мураттаб шудааст. Тавре ки баррасии Маҳфузулҳақ нишон медиҳад, дар ин нусха низ рубоиҳои саргардон ё сайёр ба назар мерасанд.

Дар китобхонаҳои Ҳинд боз чандин нусхаҳои хаттии маҷмуаи рубоиёти Умари Хайём кашф мешаванд, ки дар солҳои 1422, 1463, 1511ва асри ХУ1 китобат шудаанд. Ҳамчунин нусхаҳои зиёди маҷмуаи рубоиёти ҳаким дар китобхонаҳои Париж, Вена, Упсала, Санкт-Петербург ва ғайра пайдо мешаванд, ки дар асрҳои ХУ – ХУ11 китобат шудаанд. Арзиши дастнависҳо яксон набуда, баъзан нусхаҳои ҷаълӣ ё қалбакӣ низ пайдо мешуданд. Аз ҷумла нусхае, ки ховаршиноси англис А. Арберри пайдо кард ва соли китобати онро 1207 муайян намуд, ҳамчун қадимтарин дастнависи рубоиёти Умари Хайём таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намуд. Матни пурраи маҷмуаи мазкур бори аввал бо кӯшиши М.Занд соли 1955 дар Душанбе ба хатти кириллӣ ба нашр расид. Сипас дар соли 1959 Р. Алиев ва М.Н. Усмонов матни форсӣ ва тарҷумаи таҳтуллафзии русии онро дар Маскав интишор доданд. Вале дере нагузашта маълум шуд, ки он нусха ҷаълӣ будааст. Ҳоло қадимтарин нусхаи хаттии рубоиёти Умари Хайём дастнависи Китобхонаи Бодлеан аст, ки соли 865 ҳ.қ. китобат шудааст.

Шинохти рубоиёти Умари Хайём солҳои 60 асри XX ба хусус дар Эрон хеле ривоҷ пайдо кард. Муҳаққиқони зиёде ба баррасиву нашри рубоиёти ҳаким пардохта, дар интихоб равишҳои гуногунро корбаст намуданд. Аз ҷумла Ҷалолиддини Ҳумоӣ дар муқаддимаи муфассали «Тарабхона»-и Ёрмуҳаммад Рашидии Табрезӣ, ки онро ба нашр омода кардааст, қабл аз баррасии хусусиятҳои маҷмуа матни нашркардаи Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғаниро беҳтарин нашр медонад. Бо вуҷуди ин ӯ таъкид мекунад, ки дар ин нашр низ ҳанӯз рубоиҳои сайёр ва машкук ба назар мерасанд. Ӯ ба 8 рубоиии нашри мазкур, ки дар маҷмуаҳои осори шоирони дигар мисли Ироқӣ, Маҳастӣ, Наҷмиддини Кубро, Маҷди Ҳамгар, Фахриддини Розӣ, Ибни Сино, Камолиддин Исмоил, Аттор низ ба назар мерасанд, ишора мекунад. Тавре ки дар фавқ зикр шуд, дар маҷмуаҳои дигар ҷой доштани он рубоиҳо на ҳамеша маънии онро дорад, ки аз Хайём нест. Масалан, Ҳумоӣ таъкид мекунад, ки рубоии зер «дар девони Ироқӣ ҳам сабт шудааст» **[23,182]**:

*Абр омаду боз бар сари сабза гирист,*
*Бе бодаи арғувон намебояд зист.*

Ба назари мо рубоии мазкур аз лиҳозу мазмуни муҳтаво ва сабку тасвирҳо ба рубоиёти Хайём наздиктар аст. Ба ашъори Ироқӣ бештар маъниву тобишҳои ирфониву тасаввуфӣ хос аст, ки дар рубоии мазкур мушоҳида намешавад.

«Тарабхона» соли 867 ҳ. мураттаб шуда, 559 рубоии мансуб ба Умари Хайёмро дар бар мегирад. Рубоиҳо дар он аз рӯи мавзуъ ба 10 фасл ҷудо шудааст. Ҳумоӣ ин маҷмуаро бо нусхаҳои хаттии қадимаи соли китобаташон

604 ҳ. ва 658 ҳ. муқояса намуда, маҷъул будани онҳоро бо далелҳо нишон медиҳад. Ҳамчунин дар ҳошияи рубоиҳо ношир андешаҳои худро дар бораи аслӣ ё дахил будани он рубоиҳо сабт кардааст. Дар муқаддима рубоиҳои «Тарабхона» бо рубоиҳои дар сарчашмаҳои қадимӣ сабт шуда мисли рисолаи «Ат-танбеҳ»-и Фахриддини Розӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Марзбоннома», «Нузҳат-ул-маҷолис», «Мӯнис-ул-аҳрор» ва маҷмуаҳои дигар мавриди муқояса қарор гирифта, тафовути онҳо нишон дода шудааст. Сипас дар муқаддима роҷеъ ба «руботҳои дахили «Тарабхона» таваққуф намуда, 27 рубоиро дар Мухторнома»-и Аттор, 6 рубоиро дар осори Афзалиддини Кошонӣ ва 22 рубоиро дар осори Сайфиддини Бохарзӣ, Саноӣ, Фахриддини Розӣ, Асириддини Умонӣ, Маҷди Ҳамгар, Ироқӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саноӣ, Сироҷиддини Қумрӣ, Убайди Зоконӣ пайдо менамояд ва вуҷуди 77 рубоии сайёрро дар ин маҷмуа таъкид мекунад. Ӯ боз 24 рубоиро машкук доиста, теъдоди рубоиёти дахилро дар «Тарабхона» ба 101 мерасонад.

Донишманди эронӣ Рашид Ёсимӣ низ соли 1964 дар асоси нусхаҳои қадимӣ 340 рубоии мансуб ба Умари Хайёмро ба нашр омода намуда, садтои онро машкук медонад.

Муҳаққиқи дигари эронӣ Маҳдии Фулодванд чаҳор рубоии дар сарчашмаҳои қадимӣ ба номи Умари Хайём сабт шударо меъёр қарор дода, 155 рубоиро ба ӯ нисбат медиҳад.

Ҳасани Донишфар низ дар асоси сарчашмаҳои қадимӣ 14 рубоиро ҳамчун милок доништа, аз рубоиҳои зиёди мансуб ба Хайём 85 рубоиро интихоб намуда, соли 1974 ба нашр мерасонад.

Алии Даштӣ ҳам аз сарчашмаҳои қадимӣ 35 рубоиро меъёр қарор дода, 101 рубоиро ба Умари Хайём мансуб медонад ва аз онҳо 81 рубоиро «мухтор» ва 20 рубоиро «хайёмона» мешуморад.

Ба таҳия ва нашри рубоиёти Умари Хайём ҳамчунин Саид Нафисӣ, Муҳаммадалии Тарбият, Салими Найсорӣ, Баҳриддини Хуррамшоҳӣ, Ҳусайни Пажмон, А.Бомдод, Баҳромӣ, Муҳаммад Биҳиштӣ, Алиасғари Абдуллоҳӣ, Амир Номҷӯ ва дигарон пардохтаанд.

Дар Тоҷикистон низ дар ин маврид баъзе кӯшишҳо сурат гирифтааст. Аз ҷумла соли 2000 китоби шоира Гулрухсор «Шинохти рубоиёти Умари Хайём» бо ибтикори Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе ба табъ расид. Китоб аз ду қисм иборат буда, қисми аввал пажуҳиши муаллифро перомуни аҳволу осори Умари Хайём ва андешаҳо дар бораи мазмуну муҳтавои рубоиёти ӯ дар бар мегирад. Гулрухсор низ дар масъалаи ҷудо кардани рубоиҳои асили Умари Хайём кӯшиш ба харҷ дода, ба чанд

рубоии машкуки ӯ ишора карда, онҳоро «рубоиёти раҳгум» номидааст. Ӯ аз миёни 600 рубоие, ки ба Умари Хайём мансубанд, 350 рубоиро интихоб намуда, меъёри худро чунин ба қалам медиҳад: «Дар интихоби рубоиёт, маҳаки асосӣ пеш аз ҳама ҳусни хатти шоир, яъне тарзи хосси ифодаи мақсад ва набзи сӯзони сухани хайёмона аст, ки аз гуфтори дигарон фарқи назаррас дорад» **[2,102].** Сипас хусусиятҳи хоси рубоиҳои Умари Хайём зикр карда мешаванд. Дар фарҷом ба натиҷае мерасад, ки «ӯро(Хайёмро-М.М) ҳамчун асосгузор ва сардафтари жанри рубоӣ на танҳо дар адабиёти форс, балки дар ҷаҳон мебояд шинохт.» **[2,107].**

Аз андешаҳои Гулрухсор бармеояд, ки дар шинохти рубоиёти Умари Хайём бештар ба мавзуот ва сабки онҳо такя кардааст, ки кофӣ нестанд. Ҳамчунин ба андешаи асосгузори навъи рубоӣ будани Умари Хайём низ наметавон розӣ шуд. Зеро тавре ки маълум аст, асосгузори ин навъи шеър дар адабиёти китобии мо устод Абуабадуллоҳ Рӯдакист, ки Умари Хайём низ суннатҳои ӯро идома додааст. Ҳамчунин Гулрухсор дар чанд маврид таъкид мекунад, ки «Хайём ба дарёфти камина аввал шоир буд» **[2,110].** Ҷои дигар боз такрор менунад: «Хайём аввал шоир будааст, сипас риёзидон, табиб, мусиқишинос, ситорашинос ва ғайра...» **[2,111].**

Бо вуҷуди ин маҷмуаи рубоиёти Умари Хайём, ки дар қисми дувуми китоб ҷой дода шудааст, хонандагони тоҷикро ба намунаҳои беҳтарини рубоиёти мансуб ба ҳакими бузург ошно менамояд.

Дар Тоҷикистон ҳамунин дар солҳои гуногун М.Занд, Усмон Назир, А. Абдуманнонов, М. Диловаров, муаллифи ин сатрҳо маҷмуаи рубоиёти Умари Хайёмро интишор доданд, ки аксаран аз рӯи матнҳои дар Эрон ва Маскав чоп шуда мураттрб гардидаанд ва равиши тозае надоранд.

Дар бораи теъдоди рубоиҳои Умари Хайём низ муҳаққиқон андешаҳои мухталиф баён кардаанд, ки ба онҳо ишора шуд. Баъзе муҳаққиқон ҳатто вуҷуд доштани шоире ба номи Умари Хайёмро инкор кардаанд ва Хайёми шоиру Хайёми олимро ду нафар қаламдод кардаанд. Раҳим Ризозода Малик бо номи Хайём дар тӯли нуҳсад сол зиндагӣ ва эҷод кардани шахсони зиёдеро ёдовар шудааст: Абулҳасан Халаф Хайёмии Бухороӣ(ваф. 361 ҳ.), Абдуллоҳ Муҳаммад Хайёми Мозандаронӣ(в. 410 Ҳ), Халаф ибни Муҳаммад ибни Исмоил Хайём(в. асри У), Музаҳҳабиддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аҳмад Халаф Хайёмии Хуросонӣ(в. асри У111) ва ҳадс мезанад, ки шояд баъзе аз онҳо шеър ҳам гуфта бошанд, ки ба Умари Хайём мансуб дониста шудаанд **[9,6].** Дар ин маврид махсусан, Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ пажуҳиш намуда, чанд мақола таълиф мекунад, ки баъдан дар маҷмуаи мақолаҳои ӯ «Хайёмӣ ё Хайём» ҷамъоварӣ ва нашр мешаванд. Дар ҳашт мақолаи маҷмуаи мазкур ин

масъала мавриди баҳс қарор гирифтааст. Таботабоӣ аз чаҳор нафар, ки бо тахаллуси Хайём эҷод кардаанд, ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки «дар садаи панҷуми ҳиҷрӣ ҳакими риёзидон ва машҳур ба номи Умар ибни Иброҳими Хайёмии Нишопурӣ ва шоире форсигӯ ба номи Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Халаф маъруф ба Хайём дар Хуросон мезистаанд» **[19,17].** Дар мақолаи дигар ба Бухороӣ будани Хайёми шоир ишора шуда **[19,77]** таъкид мегардад, ки «аз садаи ҳафтум ба баъд шахсияти зеҳнии ин Алӣ Хайём ва Умари Хайём дар ҳам идғом шуда ва бо ҳазфи нисбати Хайёмӣ аз аввал ва номи Алӣ аз дувум ба сурати таркибии «Умари Хайём даромадааст...» [19,98] Андешаҳои Таботабоиро баъзе муҳаққиқон таъйид кардаанд ва ҳатто Н. Шайдер иддао дорад, ки «Хайём ҳеч сурудае надорад. Пас номаш аз таърихи адабиёти форсӣ ҳазф гардад» [15,5].

Андешаи Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ дар хусуси бо тахаллуси Хайём ва Хайёмӣ зиндагӣ кардани чанд адибу олим дуруст аст, вале комилан рубоӣ ханавиштани Хайёми донишмандро таъкид намудан ва ба Хайёми Бухороӣ нисбат додани ҳамаи рубоиҳои Умари Хайёми Нишопурӣ дуруст нест, зеро тавре ки зикр шуд, аксари он рубоиҳо ба шоирону донишмандони асрҳои гуногун тааллуқ доранд. Рубоӣ гуфтани ҳакимону донишмандон дар таърихи фарҳанги мо ҳодисаи ғайриодӣ нест ва мисли Абӯалӣ ибни Сино, Фахриддини Розӣ, Насириддини Тӯсӣ олимони бузург, ки шоирони ҳирфаӣ набуданд, рубоии зиёд навиштаанд, ки ҳаким Умари Хайём низ аз он зумра аст. Бинобар ин ҷудо кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём аз вазифаҳои муҳимми хайёмшиносӣ ба шумор меравад.

Тавре ки ишора шуд, барои иҷрои ин вазифаи муҳим муҳаққиқони зиёде саъю кӯшиш ба харҷ дода, равишҳои гуногунро корбаст намудаанд, ки ҳоло аз такрори онҳо худдорӣ менамоем Дар ин бора муаллифи ин сатрҳо низ дар ду мақола изҳори назар карда, ба корҳое, ки дар ин маврид анҷом ёфтааст, ишора карда буд.

Аксари муҳаққиқоне, ки ба ҷудо кардани рубоиҳои аслии Умари Хайём даст задаанд, пеш аз ҳама қадимӣ будани сарчашмаҳои он рубоиҳоро ба асос гирифтаанд. Агар В.Жуковский аз 464 рубоии мансуб ба Хайём 6 рубоии дар қадимтарин нусхаҳои сарчашмаҳо сабт шударо рубоиҳои асили Умари Хайём донад, А. Кристенсен 12 рубоӣ, Муҳаммад Алии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ шасту шаш рубоиро «ба эҳтимоли бисёр қавӣ, балки ба итминон аз Хайём донистаанд» [14,55]. Ахиран муҳаққиқи рус Н.Е. Косачкова бо истифодца аз равиши матншиносии Д.С.Лихачев аз 18 сарчашмае, ки дар тӯли 250 соли пас аз вафоти ҳаким офарида шудаанд, 515 рубоиро аз Умари Хайём мешуморад [6]. Дар замоне, ки ҳанӯз сарчашмаи муътамаде аз замони худи шоир боқӣ

намондааст, ин равиш то ҳадде мадад мерасонад, вале масъаларо пурра ҳал намекунад. Зеро далелҳои он сарчашмаҳо, ки дар асрҳои баъд офарида шудаанд, муътамад нестанд. Масалан, дар «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, ки аз қадимтарин сарчашмаи боқимондаи 5 рубоии мансуб ба Хайём аст, номи Умари Хайём зикр нашудааст. Дар «Марзбоннома»-и Саъдиддини Варовинӣ низ номи Хайём сабт нашудааст. Бинобир ин ба таври қатъӣ он рубоиҳоро аз Умари Хайём донистан дуруст нест. Вале баъзе муҳаққиқон мисли Мӯҳсини Фарзона рубоиҳои дар «Мавъиза»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирӣ, «Марзбоннома»-и Варовинӣ, «Роҳат-ус-судур»-и Ровандӣ, «Ат-танбеҳ»-и Фахри Розӣ сабтшударо бетардид рубоиҳои асили Хайём медонад. Тавре ки матншиноси маъруфи рус Д.С. Лихачев таъкид кардааст, « баррасии таърихи матни асар бо барқарор кардани муосибатҳои мутақобилиаи паи ҳами матнҳо маҳдуд намегардад. Матншиносӣ хусусияти худи матнҳо, ҳадафи мураттаб кардани онҳо, сабабҳои тағйироти онҳо ва ғайраро дар ҳудуди барои шарҳи таърихи онҳо зарур баррасӣ менамояд.» [8,10]. Аз ин рӯ таҳқиқи муқоясавию интиқодии сарчашмаҳо ва нусхаҳои хаттии рубоиҳои мансуб ба Умари Хайём зарур аст.

Барои шинохти рубоиёти асили Умари Хайём ба назар гирифтани мавзуот ва мазмуну маъниҳои хоси ашъори ӯ зарур аст. Тавре ки борҳо таъкид шуд, Умари Хайём шоири ҳирфаӣ набуд ва рубоиро маҳз барои баёни андешаҳои муайяни фалсафиву иҷтимоӣ истифода кардааст. Бинобар ин адабиётшиноси тоҷик Абдушукури Абдусаттор дуруст таъкид кардааст, ки «Хайём ҳаргиз ишқ, бода, айшу комронӣ ва беғамиву лоуболиро дар маркази андешаҳои худ қарор надодааст, баръакс тамоми андешаҳои ӯ дар атрофи масъалаи ҳаёту марг ва ҳастиву нестӣ мечархад. Дар назари ӯ ишқ, бода ва хушгузаронӣ василаест, на мақсад ва ӯ доир ба бода ва ишқ танҳо дар сурате сухан меронад, ки бо рафти андешаи ӯ дар бораи муаммои маргу зиндагӣ робитае дошта бошад.» [1,180].

Баррасии рубоиёти мансуб ба Умари Хайём нишон медиҳад, ки онҳо бештар мавзуоти фалсафиро мисли қадимӣ ва абадӣ будани оламу одам, таҳаввулу табаддули олам, рози ҳастиву нестӣ, асрори ҳаёту марг, нопойдории умр, ғанимат донистани лаҳзаҳои нотакрори умр, мунозира бо Офаридгор, масоили иҷтимоиву ахлоқӣ чун вазъи ногувори замона, муҳити носозгор, танқиди зулму риёкорӣ, ҳирсу оз, ситоиши некиву накукорӣ, ҳимматбаландӣ, худшиносиву худогоҳӣ дар бар мегиранд.

Ба рубоиёти Умари Хайём озодандешӣ хос аст. Он матлабе, ки ӯ наметавонист ба таври ошкоро дар рисолаҳои илмиаш баён намояд, дар рубоиҳо ифода кардааст.

Мазмуну мавзуоти рубоиҳои Умари Хайём бо осори илмии ӯ робитаи қавӣ дорад. Донишманди эронӣ, пизишки маъруфи қалб Ҳусейни Содиқӣ дар мақолаи «Рубоиҳои илмии Умари Хайём» мухтавои илмии онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Аз ҷумла аз як рубоӣ бармеояд, ки «Ҳаким Умари Хайём дар ҳудуди 450 сол пеш аз Коперник ба марказияти хуршед ва гардиши моҳ ба даври он огоҳӣ доштааст» [18,48]. Дар рубоиёти Умари Хайём ҳамчунин ба пайдоиши коинот, марги ногаҳонии марбут ба бемории қалб ва ғайра, ки то замони ӯ маълум набуданд, ишораҳо мавҷуданд.

Андешаҳои Умари Хайём дар рубоиёташ бо афкори фалсафии ӯ дар рисолаҳояш робитаи қавӣ доранд. Донишманди эронӣ Алиризо Заковатии Қарогузлу дар ин бора менависад: «Дар рисолот ба таври зимнӣ матолибе омада, ки ба мазмуни рубоиёти асили Хайём созгор аст, аз қабили норасо будани фикри башар, интиқод бар олими намоёни аср, таъйиди ҷабр дар ҳадди маъқул, ишора ба фалсафаи заррот, нафйи ғарази фоилӣ аз бори таъоло, даъват ба қаноат, таҳзир аз дӯстии аҳли замона...» [7,22-23]. Дар асари дигари худ «Умари Хайём (ҳаким ва шоир) Алиризо Заковатии Қарогузлу ин масъаларо ба таври муфассал баррасӣ намуда, андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Ӯ ҳамчунин маҷмуаҳои зиёди рубоиёти Хайёмро, ки нашр шудаанд, мавриди накд қарор дода, бо сарчашмаҳои гуногун муқояса кардааст ва дар асоси онхо мунтахаби рубоиёти ҳакимро овардааст, ки мо аз он истифода кардем.

Умари Хайём дар ибтидои рисолаи «Ҷавоб ба се масоил» дар хусуси мутаноҳӣ ва ғайримутаноҳӣ будани ҷисмҳо баҳс кушода, онро ҷамъбаст накардааст. Аз рубоии зайл беинтиҳо будани оламро таъкид карда, баҳси мазкурро ҷамъбаст намудааст:

*Дар доирае, ки омаду рафтани мост,*
*Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.*
*Кас меназанад даме дар ин олам рост,*
*К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост. [14,73]*

Ба ин тартиб Умари Хайём афкори фалсафии рисолаҳояшро дар як силсила рубоиёташ идома дода, ба таври ошкоро баён намудааст.

Тараннуми ишқ, ба хусус ишқи тасаввуфӣ, майпарастиву мадҳ хоси рубоиҳои Умари Хайём нестанд. Масалан, рубоии машҳури зер, ки дар тавсифи ишқ гуфта шуда, оҳанги фалсафӣ надорад, аз ӯ донистан нашояд:

*Хуршеди сипери безаволӣ- ишқ аст,*
*Мурғи чамани хуҷастафолӣ - ишқ аст.*
*Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,*
*Ҳар гаҳ ки бимириву наноли – ишқ аст. [16,157]*

Ё рубоии зер, ки андешаи ваҳдати вуҷудро талқин мекунад, хоси рубоиёти Хайём нест:

*Ҷонҳо ҳама об гашту дилҳо ҳама хун,*
*То ҷуст ҳақиқат аз паси парда бурун.*
*Эй бо амалат хирад равад гардуни дун,*
*Аз ту ду ҷаҳон пуру ту аз ҳар ду бурун. [24,383]*

Тавре ки зикр шуд, баъзе муҳаққиқон ба рубоиёти Умари Хайём оҳангҳои тасаввуфиро хос донистаанд. Аз ҷумла ба андешаи Ҷаъфарӣ «Умари Хайёмӣ мардест файласуф ва донишманди комилан мазҳабӣ ва нисбат додани рубоиёте, ки дорои муҳтавиёти пучгароӣ ва лаззатпарастӣ аст, ба ин шахсияти бузург дуруғи маҳз аст, балки он гурӯҳ аз рубоиётро шоирони дигар суруда ва ба Умари Хайём нисбат дода шудааст.» [22].

Аввалан андешаи комилан мазҳабӣ будани ҳаким Умари Хайём, чунонки қаблан гуфтем, дуруст нест, ки инро мухолифати шадиди руҳониён ба ӯ низ нишон медиҳад. Сониян эҳсосоти ҳар фард метавонад дар тӯли умр борҳо тағйир ёбад ва гоҳо пайдо шудани эҳсоси рӯҳафтодагӣ ва ё лаззатгароӣ аз имкон дурр нест. Хайём низ баъзан аз ногувории зиндагӣ ба маъюсӣ гирифтор шуда, изҳори навмедӣ кардааст. Дар рубоиҳои зер ҳамон гуна вазъи ногувори ҳаким бозтоб ёфтааст:

*Чун ҳосили одамӣ дар ин шӯристон*
*Ҷуз хӯрдани ғусса нест то кандани ҷон.*
*Хуррам дили он к-аз ин ҷаҳон зуд бирафт*
*В-осуда касе, ки худ наёмад ба ҷаҳон.*

***

*Гар омаданам ба худ будӣ, н-омадаме*
*В-ар низ шудан ба ман будӣ, кай шудаме.*
*Беҳ з-он набудӣ, ки андар ин дайри хароб*
*На омадаме, на шудаме, на будаме. [14,57]*

Бинобар ин мо чанд рубоиеро, ки дорои андешаву эҳсосоти руҳафтодагиву навмедӣ буда, дар сарчашмаҳои қадимӣ ба назар мерасанд, ба гурӯҳи рубоиҳои аслии Умари Хайём ворид намудем.

Муҳаммад Алии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ мавзуоти ахлоқиро низ барои рубоиёти Умари Хайём бегона донистаанд. Маълум аст, ки тарбияи инсон аз вазифаҳои асосии ҳар асари адабист ва ҳар адиб мекӯшад барои ташаккулу ғановати маънавии мухотаби худ мусоидат намояд. Хайём низ бо рубоиёти худ гоҳ ошкор ва гоҳ пӯшида андешаҳо волои аҳлоқиро баён кардааст. Масалан, дар рубоии зер шаҳвату ҳавасронӣ мазаммат шуда, оқибати нохуши ин хислатҳои бад таъкид гардидааст:

*Гар аз пайи шаҳвату ҳаво хоҳӣ рафт,*
*Аз ман хабарат, ки бенаво хоҳӣ рафт.*
*Бингар чӣ касиву аз куҷо омадаӣ,*
*Медон, ки чӣ мекунӣ, куҷо хоҳӣ рафт. [14,57]*

Дар рубоии мазкур андешаи ахлоқӣ на ҳамчун панду насиҳат ё вазъ, балки пайваста бо андешаи фалсафии маъниву мароми зиндагии инсон баён шудааст.

Дар рубоии зайл низ зарурати ҳифзи саломатии инсон ва василаи пешрафти инсон будани он пайваста бо андешаи хушгузаронии умр таъйид шудааст:

*Ҳар к-ӯ ба саломатасту ноне дорад*
*В-аз баҳри нишаст ошёне дорад,*
*На ходими кас бувад, на махдуми касе,*
*Гӯ шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне дорад. [5,19]*

Умари Хайём низ некиву накӯкориро аз беҳтарин фазилатҳои инсон мешуморад ва василаи хушҳоливу хушрӯзии ӯ медонад:

*Гӯянд ба ҳашр гуфтугӯ хоҳад буд,*
*Не кори касе ба кори ӯ хоҳад буд.*
*Аз хайййри маҳз ҷуз накӯӣ н-ояд,*
*Хуш бош, ки оқибат накӯ хоҳад буд. [14,97]*

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳси муҳаққиқони Хайёмшинос аст, тасвири май ва майгусорӣ дар рубоиёти ӯст. Тавре ки Ҷалоли Матинӣ навиштааст, «дар бораи «бода» дар рубоиёти Хайём ду назар вуҷуд дорад. Аксарияти қариб ба иттифоқ, ки нигорандаи ин сутур низ дар шумори онон аст, «бода»-ро дар шеъри Хайём чизе ҷуз шароби ангур намедонанд, дар ҳоле ки бархеро ақидае ҷуз ин аст.» [10,235]

Дар ҳақиқат бода, май, шароб дар рубоиҳои Умари Хайём хеле зиёд ба назар мерасад. Аз ин ҷост ки мураттибону котибони нусхаҳо ва ноширон ҳар рубоиро, ки дар он май зикр шудааст, ба Хайём нисбат додаанд ва яке аз сабабҳои хеле зиёд шудани рубоиҳои мансуб ба ӯ низ ҳамин аст. Бинобар ин муайян кардани мафҳуми май аз нигоҳи Умари Хайём хеле муҳим аст. Тавре ки қаблан зикр шуд, май дар шеъри тоҷикиву форсӣ дар асрҳои 1Х – Х ба маънии аслии модии худ истифода мешуд, ки ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва ба хусус қасидаи маъруфи «Модари май» гувоҳи он аст. Вале аз асри Х1 бо рушду таъсири тасаввуф мафҳуми май дар шеър васеъ гардида, маъниҳои маҷозиву рамзиро низ касб кард ва дар осори шоирони мутасаввиф мафҳуми комилан тозаро гирифт. Рубоиёти Умари Хайём дар ин мавридро ба назари мо дар давраи гузариш қарор дорад. Яъне дар баробари

нигоҳ доштани маънии аслии худ бода хосияти рамзиро касб намуда, дорои мафҳуми васеътар мегардад, вале ҳанӯз мафҳуми маҷозии тасаввуфиро нагирифта буд. Бода дар рубоиёти Умари Хайём дар баробари нигоҳ доштани мафҳуми аслии худ инчунин рамзи неъматҳои зиндагист. Аз нигоҳи Хайём инсон бояд умрро ғанимат дониста, аз неъматҳои он баҳраманд гардад. Бинобар ин майро василаи беҳтрини хушгузоронии умр медонад:

*Бархез бут́о, биёр баҳри дили мо,*
*Ҳал кун ба ҷамоли хештан мушкили мо.*
*Як кӯза шароб то ба ҳам нӯш кунем*
*З-он пеш, ки кӯзаҳо кунанд аз гили мо.*

***

*Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт,*
*К-аз хоб касеро гули шодӣ нашукуфт.*
*Коре чӣ кунӣ, ки бо аҷал бошад ҷуфт,*
*Май хӯр, ки ба зери хок мебояд хуфт. [14,65-73]*

Дар рубоиёти Хайём, пеш аз ҳама май василаи хушгузаронии умр, зудояндаи ғаму андӯҳи зиндагӣ ва рафъи мушкилоти ҳаёт мебошад:

*Май хӯр, ки зи дил касрату иллат бибарад*
*В-андешаи ҳафтоду ду миллат бибарад.*
*Парҳез макун зи кимиёе, ки аз ӯ*
*Як ҷуръа хӯрӣ, ҳазор иллат бибарад. [14,82]*

Дар интихоби рубоиҳои фаровоне, ки бо зикри май ба Хайём нисбат дода мешавад, мо такя ба он рубоиҳое кардем, ки ба мавзуъҳои мазкур бахшида шуда, маъниҳои тасаввуфӣ надоранд.

Мавзуи дигаре, ки бо маю майгусорӣ робита дошта, барои ифодаи андешаҳои ҳаким Умари Хайём мусоидпт менамояд, тасвири табиат аст. Дар рубоии зер зебоиҳои табиат дар Наврӯз бо зебоии маъшуқ ва хушиҳои май тавъам шуда, андешаи ғанимат будани умри зудгузарро тақвият мебахшанд:

*Чун лола ба Наврӯз қадаҳ гир ба даст,*
*Бо лоларухе агар туро фурсат ҳаст,*
*Май нӯш ба хуррамӣ, ки ин чархи куҳан*
*Ногоҳ туро чу хок гардонад паст. [14,71]*

Зебоиҳои табиат аксаран барои бозгӯи андешаҳои фалсафии ҳаким тасвир шудаанд. Қадимӣ будани олам ва дар тағйиру такмил будани он, нопойдориву зудгузарии умри инсон тавассути зебоии табиат ба қалам дода шудааст:

*Бингар зи сабо домани гул чок шуда,*
*Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда.*

*Дар сояи гул нишин, ки бисёр ин гул*
*Дар хок фурӯ резаду мо хок шуда. [14,103]*

Дар рубоиёти Умари Хайём тасвири сабзаву гул зиёд буда, онҳо низ маънии аслии худро нигоҳ доштаанд ва ҳанӯз мафҳумҳои таҷридиву тасаввуфӣ нагирифтаанд. Онҳо ҳам мисли май баъзан маънии рамзӣ дошта, таҷассумгари неъматҳои моддӣ мебошанд. Дар рубоии зайл сабза ифодагари орзуҳои инсон аст:

*Эй кошки ҷои орамидан будӣ,*
*Ё ин раҳи дурро расидан будӣ.*
*Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок*
*Чун сабза умеди бардамидан будӣ. [14,105]*

Тасвири гул низ двр рубоии зер маънии рамзӣ дошта, бесуботии умри инсонро ифдода менамояд:

*Бо сарвқаде тозатар аз хирмани гул*
*Аз даст манеҳ ҷоми маю домани гул.*
*З-он пеш, ки ногаҳ шавад аз боди аҷал*
*Пироҳани умри мо чу пироҳани гул. [14,95]*

Дар рубоиёти Умари Хайём беш аз ҳама масъалаҳои гуногуни фалсафӣ баён шудаанд. Қадимӣ будани олами ягона, ҳамеша дар тағйири такмил будани унсурҳои олам, аз як шакл ба шакли дигар гузаштани онҳо, бесуботиву зудгузарии умри инсон, хушгузаронии умр, муаммои ҳастиву марг, асрори пайдоиши оламу одам ва масоили дигари фалсафӣ дар рубоиҳои Умари Хайём матраҳ шудаанд. Аксари чунин рубоиҳо ба афкори фалсафии ҳаким, ки дар рисолаҳои илмиаш баён шудаанд, иртибот доранд ва онҳо бешубҳа моли ӯнд. Аз ин рӯ ҳангоми интихоби рубоиҳо ба ин ҷиҳати онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми интихоби рубоиҳои мансуб ба Хайём мавриди назари мо буд, ин забон ва сабки рубоиёт аст. Дар рубоиёти Умари Хайём вожаву мафҳумҳои илмиву фалсафӣ мисли аҷзо, таркиби табоеъ, асрори азал ба назар мерасанд. Хайём ба ороиши зиёди сухан, лафзбозиву суханпардозӣ таваҷҷухи зиёд надоштааст.Дар роубоиҳои Хайём муҳимтар аз ҳама мазмун, ба хусус маъниҳои фалсафӣ аст. Аз ин ҷост, ки баъзе рубоиҳои ӯ аз санъатҳои бадеиву ороиши сухан холӣ буда, ба муҳовараи муқаррарӣ монанданд. Барои мисол дар рубоии зер ягон санъати сухан истифоа нашудааст:

*Доранда чу таркиби табоеъ орост,*
*Аз баҳри чӣ афкандаш андар каму кост?*

*Гар нек омад шикастан аз баҳри чӣ буд ?*
*В-ар нек наёмад ин сувар, айб кирост ? [14,72]*

Ба ин минвол дар интихоби рубоиҳои ба асл наздики Умари Хайём равишҳои гуногун истифода гардид, ки қадимӣ будани сарчашмаҳо, нусхаҳои муътамади маъхазҳои рубоиёт, ифодаи мазмунҳои фалсафиву иҷтимоӣ, баёни озодандешиҳо, вуқуъгӯиву ҳақиқатҷӯӣ, сабки забони содаву бероиш, кутоҳбаёниву камсуханӣ, дурӣ аз муҷаррадбаёниву маҷоз ва ғайра аз он ҷумлаанд.

Бо ин ҳама мо даъвои комилан асил будани ҳамаи рубоиҳои интихобшуда ва ба Умари Хайём мансуб будани онҳоро надорем. Ин масъала танҳо замоне ҳал хоҳад шуд, ки нусхаҳои аслии рубоиёти Хайём ба даст ояд. Ин кӯшиши мо танҳо барои муайян кардани рубоиҳои ба асл наздики ҳаким Умари Хайём аст.

## ПАЙНАВИШТ

1. Абдусаттор А. Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик / Абдушукур Абдусаттор. – Душанбе, - 2017.

2. Гулрухсор. Шинохти рубоиёти Умари Хайём. / Гулрухсор. – Душанбе, - 2000.

3. Жуковский В. Омар Хайям и «странствующія» четверостишія. هیرفظملا / В. Жуковский // Сборник статьей учеников профессора барона В. Р. Розена ко дню двадцатипятилетия его рервой лекции. - Санкт Петербург. - 1897.

4. Катироӣ М. Содиқ Ҳидоят бунёдгузори хайёмшиносӣ дар Эрон / Маҳмуди Катироӣ // Нигин, 1349, № 7. С.- 28 - 35.

5. Кристенсен А. Баррасии интиқодии рубоиёти Хайём / А. Кристенсен, тарҷумаи Фаридун Бадраӣ. - Теҳрон, 1374.

6. Косачкова Н.Е. Четверостишия Омара Хайяма в наиболее древних источниках / Н.Е. Косачкова // Известия АН Тадж.ССР, 1983, № 4.

7. Қарогузлу А. Аз рисолати ҳайёмӣ то рубоиёт / Алиризо Заковатии Қарогузлу // Хулосаи мақолоти Кунгураи байналмилалии бузургдошти нуҳсадумин соли вафоти ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ. – Теҳрон, 1378.

8. Лихачев Д. С. Текстология (на материале русской литературы X-XУ11 вв) / Д.С. Лихачев. – М.-Л., - 1962.

9. Малик Р. Таронаҳои Хайём / Раҳим Ризозода Малик - Теҳрон, 1378.

10. Матинӣ Ҷ. Хайёми шоир / Ҷалол Матинӣ // Эроншиносӣ, 1376, № 2.

11. Mahfuz-ul-Haq M. Some new quatrains of Umar-I Khaiyyam, Islamic Culture 3, 1929, pp. 369-374.

12. Одинаев Ё. Умари Хайём ва рубоиёти ӯ аз назари Свами Говинда / Ё. Одинаев – Душанбе: «Ирфон». - 2013.

13. Омар Хаййам. Рубаиййат, подготовка текста, перевод и предисловие Р.М. Алиева и М.Н.О.Османова, ч. 2 – М., 1959.

14. Рубоиёти Хайём, ба тасҳеҳу таҳшияи Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва Қосим Ғанӣ, ба эҳтимоми Абдулкарим Ҷурбузадор, чопи чаҳорум, - Теҳрон, 1385.

15. Рубоиёти Умари Хайём, ба се забон, зери назар ва муқаддимаи Фаршед Иқбол - Теҳрон, 1385.

16. Рубоиёти Хайём, таҳияи Усмон Назир. - Душанбе, - 2000.

17. Рубоиёти Умари Хайём, - Теҳрон, чопи дувум.
18. Содиқӣ Ҳ. Рубоиҳои илмии Ҳаким Умари Хайём / Ҳусейни Содиқӣ // Авҷи Зуҳал. 2012, № 2.
19. Таботабоӣ М. Хайём ё Хайёмӣ / Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ – Теҳрон, 1370.
20. Шервонӣ Ф, Шойгон Ҳ. Нигоҳе ба Хайём / Фардин Муҳоҷири Шервонӣ, Ҳасани Шойгон – Теҳрон, 1370.
21. Хоҷамуродов О. Хайём аз зовияи диди Содиқ Ҳидоят / О. Хоҷамуродов // Илм ва ҷомеа. 2017, №2.
22. Ҷаъфарӣ М. Таҳлили шахсияти Хайём / Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ – Теҳрон, 1372.
23. Ҳумоӣ Ҷ. Муқаддимае бар «Тарабхона» / Ҷалолиддини Ҳумоӣ // Маю мино, 1372.
24. Ягонӣ И. Нодираи айём ҳаким Умари Хайём /Исмоили Ягонӣ. - Теҳрон, 1370.

## ШИНОХТИ РУБОИЁТИ АСИЛИ ХАЙЁМ

Масъалаи шинохти рубоиёти асили Умари Хайём ва ҷудо кардани онҳо аз мушкилтарин муаммоҳои Хайёмшиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷику форс аст. Дар ин бора муҳаққиқони зиёде таваққуф кардаанд ва барои ҳалли он саъю кӯшиши фаровон ба харҷ додаанд. Дар мақола дар бораи меъёрҳои таъйини рубоиҳои аслии Умари Хайём таваққуф шуда, равиши ҷомеи шинохти онҳо пешниҳод гардидааст, ки аз таҳқиқи матншиносӣ, омӯзиши муқоисавии рубоиҳои шоирони гуногун, баррасии сабку услуби рубоиёт, истифодаи усулҳои омориву семиотикӣ, таҳқиқи муқоисавии рубоиёт бо андешаҳои илмиву фалсафии Умари Хайём ва ғ. иборат аст.

**Калидвожаҳо:** шеър, осор, китобхона, Хайём, муҳаққиқ, услуб, афкор, хаттӣ.

## АТРИБУЦИЯ РУБАЙЯТ ОМАРА ХАЙЯМА

Спор о том, был ли Хайям профессиональным поэтом подобно Рудаки, Фирдоуси, Саъди, Хафизу, часто возникает среди представителей восточного и западного хайямоведения. Действительно, в исторических и литературных источниках, сохранившихся до XV века, нет сведений об Омаре Хайяме как о поэте. Тем не менее, это не может быть основанием для полного игнорирования принадлежности известных четверостиший Омару Хайяму.

Однако Хайяму приписывают большое число четверостиший, принадлежащих другим авторам, что, в конечном итоге, их количество превысило 5 тысяч. Перед исследователями творческого наследия Хайяма стояла задача выявить подлинность четверостиший и определить их достоверность.

Для атрибуции рубайята Хайяма были использованы различные методы. Однако до сих пор эта проблема не получила окончательного решения.

В статье для определения более достоверного варианта текста рубайят Хайяма рекомендуется использовать комплексный метод, состоявшийся из текстологического исследования, сравнительного изучения рубайят различных поэтов, исследования языка и стиля рубайят, использования статистических и семиотических методов, сравнительного исследования рубайята с научными и особенно философскими трудами Омара Хайяма и т.п.

**Ключевые слова:** поэма, творчество, библиотека, Хайям, исследователь, стиль, мнение, писменный.

## ATTRIBUTION OF RUBAR OF OMARA KHAYYAM

The dispute over whether Khayyam was a professional poet like Rudaki, Ferdowsi, Sadi, Hafiz, often arises among representatives of Eastern and Western Highlands. Indeed, in historical and literary sources, preserved until the XV century, there is no information about Omar Khayyam as a poet. However, this cannot be a reason for completely ignoring the belonging of the famous quatrains to Omar Khayyam.

However, Khayam is credited with a large number of quatrains belonging to other authors, which, ultimately, their number exceeded 5 thousand. Researchers of the creative heritage of Khayyam were faced with the task of identifying the authenticity of the quatrains and determining their authenticity. For attribution rubayyat Khayyam various methods have been used. However, this problem has not yet received a final solution.

The article recommends using the complex method consisting of textual research, comparative study of various poets, studying the language and style of Rubayat, using statistical and semiotic methods, comparative research of Rubayat with scientific and especially philosophical works of Omar Khayyam and etc.

**Keywords:** poem, heritage, library, Khayam, researcher, style, opinion, written.

# АВРУПОИЁН ШЕФТАИ ОСОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ ҲАСТАНД

**Санавбарбону ВОҲИДОВА**
**доктори илмҳоитаърих, профессор**

Ҷалолуддини Румӣ аз нобиғагони назми классикии тоҷику форс буда, дар эҷоди суханварӣ дар дунёи Аврупо ҳамчун “пайғамбари беҳамтои кишвари ишқу зебоӣ” шинохта шудааст. Маснади ин суханофарини базми ишқ ба дараҷае воло ва шӯри каломи ҷонофаринаш он қадар сеҳрангез аст, ки номаш мояи орзу ва шеъраш боиси базму тараб будааст. Чакидаҳои қалами сеҳрнигори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ шӯҳрат ва аҳамияти ҷаҳонии адабиёти тоҷикро боз ҳам афзунтар ва ангезаҳои руҳонии тамаддуни башарро боз ҳам рангинтару ғанитар гардонидааст. Омӯзиши осори Мавлавии Румро дар Аврупо асосан дар охирҳои қарни XVIII оғоз кардаанд. Пажӯҳишгарони олмонизабони Аврупо Ҳаммер фон Пургштал, Фридрих Рюккерт, Ёҳан Волфганг фон Гёте, Теодор Нёлдеке, Карл Брокелманн ва махсусан Анна Марии Шиммел саҳми зиёде дар шинохти осори Мавлавӣ дар Аврупо ва дар мутолиаи ислом ва тарҷумаи китоби муқаддаси “Қуръон” ба забонҳои аврупоӣ гузоштаанд.

Шоири шаҳири Олмон Гёте бо ҷиддияти зиёде ба мутолиаи забони арабӣ, китобҳои дарсӣ, сафарномаҳо, нусхаҳои хатии ашъори Ҷалолуддини Румӣ, Ҷомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Аттор ва матнҳои тафсири “Қуръон-и” маҷид, фиқҳ, кутуби сирати Ҳазрати Муҳаммад ва дигарон пардохтааст [2, 62].

Дар китоби хеш “Девони ғарбию - шарқӣ” Гёте ба сатрҳои Ҷ. Румӣ иқтибос меорад: “Ту дар он дунё хостгори сулҳу оштӣ мебошӣ. Аммо ин ҷаҳон мисли хоб мегузарад. Ту хоҳони он, ки сайри ҷаҳон кунӣ ва ҷойҳои ҷолибро бубинӣ. Лекин тақдир ба пиёда шудани ормонҳои ту иҷоза намедиҳад. Ту таҳаммули сардию гармиро надорӣ. Аз нақҳати гулҳое, ки ту сай мекунӣ лаззат бибарӣ, зуд хазон мешаванд” [5, 56-57].

Дар ҷои дигар Гёте ибрози ақида мекунад, ки "инсонҳо ҳастии табиати хешро хуб медонанд ва дарк мекунанд, ки Шарқу Ғарб ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд ва онҳоро аз ҳам ҷудо кардан номумкин аст".

Гёте дар "Девони ғарбию - шарқӣ" фарқи пайғамбар аз шоир ва ҳақиқати рисолати Ҳазрати Муҳаммадро эътироф менамояд. Ӯ менависад: "Ӯ шоир нест, пайғамбар аст, китоби Қуръон"-и ӯ қонунҳои худовандӣ аст, на китобе, ки аз тарафи инсон барои дилгармӣ ва ё баланд бардоштани сатҳи дониш навишта шуда бошад [5, 62].

Дар шеъри "Муҳаммад" Гёте рисолати Ҳазрати Расули акрамро дар шакли истиора оварда, ӯро ба чашмаи об муқоиса мекунад, ки ба тадриҷ зиёд мешавад ва нерӯи маънавӣ ва руҳиро касб мекунад, бузургтар мешавад ва ба укёнус табдил меёбад, ки рамзи қудрат ва тавоноии худованд аст [2, 62].

Вақте, ки сухан роҷеъ ба шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, дар мусташриқини Аврупо меравад, яке аз аввалинҳо шуда, ӯро олим, дипломати маъруфи утришӣ (Австрия) собиқ нахустпрезиденти Академияи илмҳои Австрия Йозеф Ҳаммер фон Пургштал ба ҷаҳони Аврупо шиносондааст.

Ногуфта намонад, Йозеф Ҳаммер фон Пургштал солҳои 1799 – 1807 иҷрои вазифаи дипломати дар империяи турки Усмонӣ дошт. Ӯ муаллифи "Таърихи адабиёти форс" (1818) мебошад [9, 20]. Йозеф Ҳаммер фон Пургштал дар асари номбурда Мавлонои Румро "ҳамчун шоири шаҳири аҳли тасаввуф дар Шарқу Ғарб" номидааст. Маснавии маънавиро "Йозеф Ҳаммер фон Пургштал дар ҳашт ҷилд пурра чоп кардааст. Мутаассифона, бо сабаби сӯхтор дар шаҳраки Бейоғлу аз ин тарҷумаҳо фақат пораҳо мондаасту халос [1, 43].

Йозеф Ҳаммер фон Пургштал дар китоби хеш "Таърихи адабиёти форс" қайд мекунад, ки китоби "Маснавии маънавӣ"-ро бояд ҳар як суфӣ аз халиҷи Ганг то халиҷи Босфор ҳатмӣ мутолиа карда бошад.

Яке аз олимони намоёни Олмон Фридрих Рюккерт мебошад, ки ӯ худро шогирди Ҳаммер фон Пургштал меномид. Ӯ нобиға ба маънои пурааш буд. Муаллифи тарҷумаи пурраи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, тарҷумаи "Қуръони маҷид" ва мутарҷими беҳтарини Мавлонои Рум буд. Ӯ соли 1819 қасидаҳои Румиро ба олмонӣ тарҷума кардааст. Ф. Рюккерт бори нахуст ба адабиёти олмонизабони Аврупо жанри ғазалро ҷорӣ намуд. Ӯ баъд аз мутолиа "Маснавии маънавӣ" ва Девони Кабир Румиро бениҳоят дӯст дошт. Ба муҳаббати том ӯ чиҳилу чор қасидаи Румиро тарҷума карда, ӯро ба хонандагон ҳамчун "Марсия" пешниҳод намуд [7, 5].

Фридрих Рюккерт он қадар мафтуни эҷоди Мавлавӣ шуда буд, ки баъдан тарҷумаи "Девони Кабир"-ро ба унвонии "Гулҳои Шарқ" рӯи чоп

овард. Асари Ф. Рюккерт хело олӣ буд, чунки худи Ф. Рюккерт шоир буд, бо нозукиҳои назми шарқӣ ошно буд, ғазалҳоро бо фаҳмишу дарки том ба анҷом расонид ва тарҷумааш хело шоирона ва орифона буд. Ӯ вақте, ки “Девони Кабир”-ро тарҷума кард ва ибрози ақида намуд, ки аз ин китоб “Наққати гул” меояд ва китоби хешро ба унвонии “Гулҳои шарқ” номид [8, 1].

Райнҳолд Николсон “Маснавии маънавӣ”-ро соли 1925 – 1937 ба забони инглисӣ тарҷума карда онро дар 8 ҷилд тафсир намудааст [13]. Инчунин, донишманди фаронсавӣ Ева ду Витрей Мейерович (1909-2001) китоби ба унвонии “Румӣ ва суфизм” рӯи чоп овардааст [14, 3]. Баъдан ховаршиноси шинохтаи олмонӣ Розенсвейг – Шванау тарҷумаи ғазалҳои Мавлоноро ба анҷом мерасонад, азбаски муаллиф руҳи шоирӣ надошт мазмунаш камтар коҳиш ёфта буд [15, 391]. Қобили зикр аст, устоди забонҳои шарқии Донишгоҳи Кембриҷи Инглистон Ҷорҷ Арберрӣ китоби Мавлоно “Фиҳӣ мо Фиҳӣ” ва чанд масале аз “Маснавии маънавӣ” тарҷума кардааст. Эшон пеш аз фавташ ба яке аз дӯстонаш мегӯяд, ки “Ман умри боқимондаи хешро барои омӯхтани асарҳои Румӣ мебахшам” чунки аз осори Мавлавӣ кас шифо ва оромиш пайдо мекунад, аз бадбахтиҳои замона раҳоӣ меёбад.

Ногуфта намонад, ки яке аз шоирони олмонизабони Авврупо Ханс Майнеке (1974 вафоташ) баъд аз мутолиаи асарҳои Мавлонои Рум, ошиқи ишқи илоҳии ӯ шуда, тамоми назми хешро ба ӯ бахшидааст. Ӯ махсус сафари Кунё карда ва зиёрати мазори эшон кардааст. Дар дунёи инглисзабон, Ипполит Тэн (1828-1893) муаллифи китоби чорҷилдаи “Таърихи адабиёти инглис”, дар китобаш аз Мавлавии Рум иқтибоси зиёде овардааст [15, 391].

Қобили зикр аст, ки Ҷеймс Редхаус китоби хешро “Маснавӣ” ном гузошта, ба забони инглисӣ тарҷума кардааст. Донишманди дигари маъруфи инглис Э. Х. Уинфилд ба унвонии “Маснавии маънавӣ” соли 1898 рӯи чоп овард. Ӯ дар асари хеш қайд намуд “Инсонҳое, ки ин дунёро падруд мекунанд, бояд худоро хуб шиносанд ва дар тафаккури хеш дарк кунанд” [15, 391].

Суфишиноси дигари инглис Э.Х. Палмер, маҷмӯи мунтахаби Румиро ба унвонии “Суруди най” рӯи чоп овард. Ин китоб на фақат барои Британия муҳим ва дастрас буд, балки ба тамоми хонандагони англисзабони Аврупо. Дар охири китоб тавзеҳот дода шуда буд [15, 391]. Хидмати бузурги ховаршиноси фаронсавӣ Кло Юарро бояд махсус қайд кард. Ӯ ба забони фаронсавӣ соли 1897 ба унвонии “Дарвешони чархгардон”-ро рӯи чоп овард. Ин китоб барои фаронсавиҳо аз хонотарин ба ҳисоб мерафт.

Бояд таъкид кард, ки соли 2002 ба ибтикори собиқ Сафири фавқуллода ва

мухтори Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби оқои Маттяс Мейер ва ин ҷониб собиқ раиси Созмони ғайридавлатии "Ҳамкории Олимон" доктори илмҳои таърих, шарқшинос Санавбарбону Воҳидова, А.М. Шиммел ба Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ даъват шуда буд. Ӯ роҷеъ ба "Мақоми зан дар Ислом" суханронӣ намуд ва бо ганҷинаи нусхаҳои хаттии нодири Академияи улуми Тоҷикистон ошно шуд. Ӯ аз нусхаи хело зебои "Қуръон"-и карим ба ваҷд омада, қабл аз боз кардани китоб сураи "Ал-Фатиҳа"-ро қироат намуд ва бо эҳтиёти зиёд ва муаддабона саҳифаи "Қуръони маҷид"-ро боз намуд, ки ин боиси тааҷуб ва шигифтии ҳозирин гардид [1, 249].

Ногуфта намонад, ки яке аз муҳаққиқони барҷастаи "Румишиноси олмонизабони" Аврупо хонуми зиндаёд Анне Марии Шиммел мебошад. Ӯ"Шукӯҳи Шамс"-ро эҷоднамуда, даронишки худро нисбати Ҷ. Руми иброз менамояд [3, 93-97].

Дар оғози китоб Анне Марии Шиммел қайд менамояд, ки ошноии вай бо эҷодиёти Мавлоно дар асоси китоби Р. А. Николсон ба вуҷуд омадааст [12, 7]. Инчунин муаллиф иброз менамояд, ки «Ӯ сарчашмаи «Шамси бузург»-ро пас аз 40 соли кофтукови пайдарпай пайдо намудааст".

Вай ҳамчунин китоберо таҳти унвони «Аҷоиботи рақам дар тамаддунҳои гуногун» иншо кардааст, ки соли 1984 дар Кёлн барои аҳли башар ва соли 1992 дар Ню-Йорк ба табъ расидааст [16, 87].

Дар асари «Шамси бузург» шахсияти Румӣ чунин тасвир ёфтааст: «Мавлавӣ як одами ниҳоят хоксор буд, ки ҳама сифатҳои неки инсониро фаро мегирифт, аммо ӯ медонист, ки дараҷаи руҳие, ки ӯ дар шеърҳояш сутудааст на бо мақсади эътиқоди паст нисбат ба урфу одат ва олами модӣ аст, балки ин бо мақсади дар инсон мукаммал гардонидани сифати баланд мебошад. Воқеан ишқ чун қиёми муъҷизаовар истифода мешавад, шайтон дар назди мусалмони боэътиқод хело заиф ва нотавон мемонад..., ки дар оташ ва тобиши ин ёқут нопойдор дар зер монанди ишқ ғарқ мешаваду вақте ба ин дунё бар мегардад, дигар гуна намудор мешавад ва маънои дигар дорад» [17, 6-10].

Тахайюлоти баланди руҳии Мавлавӣ, шеъри ӯ, ҷаҳони маънавиаш А. М. Шимеллро ба самти пажӯҳиши ҳаёт ва фаъолият ин шахси бузург равона намуд. Китоб аз се боб иборат аст: «Хаёлбандии Мавлавӣ», «Теологияи Мавлавӣ», «Нуфузи Ҷалолуддини Мавлавӣ ба Шарқ ва Ғарб».

Дар ин рисола А. М. Шиммел пешрафтҳои наверо барои инкишофи минбаъдаи исломшиносони олмонизабон ва шарқшиносони Аврупо ба миён овард, ки аз воқеияти муосир дарак медиҳанд. Омӯзиш тӯли солҳои

зиёд дар кишварҳои Шарқ идома ёфта, ба самти маънавиёти мукаммали Мавлавӣ равона шуда буд.

Ҳамсӯҳбатони вай баъзан дарвешон ва диндороне буданд, ки дар руҳияи фалсафаи устодони бузургашон тарбият ёфта буданд. А.М. Шиммел ҳамчунин мақбараи Мавлои Румро зиёрат намудааст. Вай бо эҷодиёти қадимаи Румӣ аз қабили «Маснавӣ», «Девони Кабир», «Фиҳи мо фиҳӣ» хело хуб ошно буд. Дар асоси дигар маъхазҳои боэътимод, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи олимони Шарқ ва Ғарб, дигар олимони пешин ва муосир тавонистааст, ки китоби хешро иншо намояд ва аз ҷониби олимон ва шарқшиносон ва пажуҳишгарони ҷараёни суфия баҳои баланд гирад. А.М. Шиммел ғазалиёти Мавлоноро он чунон бо самимият аз забони форсӣ ба забони олмонӣ тарҷума намудааст, ки тавассути ин тарҷумаҳо метавон дар барои ҷаҳонбинии Румӣ ба осонӣ ақида пайдо кард. Китоби «Фиҳи мо фиҳи»-ро бо забони англисӣ баргардон кардааст. Яке аз бобҳои ин китоб – «Тахайюлоти Мавлавӣ» намунаи шеърҳои хаёломезро бо тасвири аҷоиб дар бар гирифтааст [18, 15]. Боби мазкур аз 15 фасл иборат аст, ки ҳар кадоме аз номҳо ба як мавзӯъ ва ҳолати руҳии шоир бахшида шудаанд: «Орзуи Офтоб», «Хаёлоти обҳо», «Оинаи орзуи боғ», «Орзумандӣ аз номи ҳайвонот», «Кӯдакон дар тахайюлоти Мавлоно», «Орзуҳо дар ҳаёти ҳаррӯза», «Орзуҳо доир ба хӯрокҳо дар ашъори Мавлоно», «Хаёлпарастӣ оид ба бемориҳо», «Бофтан ва чокдузӣ», «Хаттотии Худовандӣ», «Афзоиши инсонҳои бузург», «Хаёлпарастӣ доир ба Қуръон», «Хаёлпарастӣ аз таърих ва ҷуғрофия», «Хаёлпарастӣ аз таърихи суффия», «Ишқ, мусиқӣ ва само» [13].

Хулосаҳо дар заминаи ташхиси асосноки илмӣ ва ҷаҳонбинии Мавлоно ҳамчунин муқоисаи онҳо бо мактабҳои орифон натиҷаҳои хубе додааст. А.М. Шиммел тавонист чунин мавзӯҳоро дар эҷодиёти Румӣ ба монанди ӯҳдадории пайғамбарона, олами рӯх, ҷойгоҳи ишқ дар зиндагонии инсоният, мақоми ибодат дар раванди бар камол расидани инсоният ва ғайраро мавриди пажӯҳиши амиқ қарор диҳад.

Ҳамин тавр, асари А.М. Шиммел «Шамси бузург»-шоҳасари илмӣ, паёми муҳаббати Анне Марии Шиммел доир ба Шарқ, тамаддуни он, мардуми ин сарзамин ва файласуфону шоирони бузурги онҷо ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз Румӣ А. М. Шиммел дар бораи Робияи Алавия, ва Мансури Ҳаллоҷ, Муҳиддин ал Арабӣ ва Иқболи Лоҳурӣ ва дигар суфиёну орифон навиштааст. Ҳаёт ва эҷодиёти бисёре аз онҳоро муҳаққиқи олмонӣ-шарқшинос Шиммел А.М. дар бисёре аз пожӯҳишҳояш ошно намудааст [11, 442].

Асари дигари ниҳоят машҳури А. Шиммел рисолаи вай «Олами исломии

суфия» ба ҳисоб меравад [16, 21]. Ин китоб сазовори чандин мукофот гардидаасту ҳамчун хидмати арзанда ва пурарзиш дар таълимоти суфия ва ислом шинохта шудааст. Тайи ҳашт соли охир рисола танҳо дар Эрон панҷ маротиба ба нашр расидааст. Муаллиф ин китобро бо забони англисӣ навиштааст. Соли 1975 тарҷимаи ин пажӯҳиши машҳур бо забони туркӣ ба анҷом расида ва соли 1985 бо забони олмонӣ низ баргардон шудааст. Соли 1986 бошад, якумин тарҷимаи ин китоб бо забони форсӣ ба табъ расидааст [4, 20]. Дар Россия ин китоб аввалин бор аз ҷониби шарқшиноси машҳури рус Н.И. Пригарина, мудири шуъбаи матншиносии Академияи илмҳо тарҷима шудааст. «Олами исломии суфия» маҷмӯаи баромадҳо ва гуфторҳои А. М. Шиммелро дар донишгоҳи Гарвард дар бар мегирад. Ин китоб асосан барои донишҷӯён интишор шуда аз нӯҳ боб иборат аст: «Суфизм чист?», «Мухтасари таърихи суфизми классикӣ», «Роҳи маънавииии камолот», «Инсон ва камолоти ӯ», «Сулола ва пайравии суфия», «Суфия дар асоси идрок ё ҳикмати Худовандӣ», «Гулҳо ва булбулҳо», «Шеърҳои маърифатӣ бо забонҳои форсӣ ва туркӣ», «Суфизм дар Ҳинд ва Покистон» [6, 8-10].

«Олами исломии суфия» баёнияе дорад, ки дар ин асос метавон исломро дуруст ва хуб дарк кард. А.М. Шиммел қайд мекунад, ки дар раванди пажӯҳиши ҷанбаҳои суфияи ислом ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Аз ин рӯ, вай чунин менависад: «Ягон чиз доир ба дарки суфия ё ислом навиштан қариб ки ғайриимкон аст. Вақте, ки ба навиштани боби аввал шуруъ менамоӣ дар пеши назар қуллаҳои баланд намудор мешаванд ва ҳамон қадар, ки ба суйи амалӣ намудани мақсад роҳ тай намоӣ боз ин қуллаҳо баландтар мешаванд.

Ҷараёни суфия шояд дар забони форсӣ дар шакли назм қарор гирад то ки ин фикронии хело баландро таҷассум менамояд ва бо нигоҳи нарм барои дарки ҳикмати Худованд ва дарки ӯ асос меёбад.

Ба ҳар сурат, танҳо қисмати ками инсонҳо метавонанд дар водиҳои кӯҳии дур орифона парвоз намоянд, ки он ҷо паррандаи афсонавӣ Симурғ умр ба сар мебарад ва то дар ҳақиқат он чиро ки мекобанд дар вуҷуди худашон нуҳуфтааст [4, 25].

Олимаи варзида А.М. Шиммел дар сатҳи олӣ донандаи забонҳои олмонӣ, англисӣ, лотинӣ, арабӣ, форсӣ, туркӣ ва чандин забони Ҳинд буд, ки ҳамаи нозукиҳои забон шеърро медонист ва бо ин ҳама тавонист олами тааҷҷубовари маърифат ва фаросати шоирони бузурги Шарқро боз намояд.

А.М. Шиммел пажуҳишгари маъруфи фарҳанги ислом дар асоси Қуръон ва ҳадисҳои Пайғамбар Муҳаммад дини исломро барои оммаи васеъ ва мардуми Олмон ошно гардонидааст. Дониш ва бохабарии ӯ дар ин самти дониш дар заминаи таҳрири тарҷимаи олмонии Қуръон ба вуҷуд омадааст,

ки аз ҷониби Макс Хеннинг ба поён расидааст. Ин тарҷимаи М. Хеннинг бо таҳрири А.М. Шиммел соли 1960 дар Штутгард интишор гардидааст [10, 10].

А.М Шиммел инчунин китоби шавқовареро бо номи «Муҳаммад» дар Кёлн ба чоп расонидааст [20, 3].

Соли 2001 пас аз сафараш дар Тоҷикистон вай тасмим мегирад, ки барои мушарраф гардидан ба ордени «Дустии халқҳо» ба Самарқанд ташриф оварда, ҳамчунин унвони «Доктори фахрӣ»-ро дар Донишгоҳи Самарқанд ноил гардидааст. А.М. Шиммел бо муҳаббати зиёд нисбат ба мардуми форсизабон, аз ҷумла тоҷикон муносибат кардааст.

Шарқшиноси маъруфи қарни XX - и Олмон Анна Марии Шиммел бо пажӯҳишҳои доманадори хеш, ки дар онҳо донишҳои таърихӣ ва фарҳанги мардуми Шарқ инъикос гардидааст, ҷаҳони пурғановати маънавӣ ва борикназарии мутафаккирони шарқро чун Румӣ, шоири ишқ ва зебоӣ, сулҳ ва ҳамдилӣ баъд аз 40 соли пайваста кофтуковаш боз менамояд, ва ҳамин тавр хонандагони олами Ғарб ва Шарқро бо назми форсӣ-тоҷикӣ ошно мегардонад. Олимаи намоёни асри 20-и Олмон Анна Мари Шиммел дар илми исломшиносӣ ва шарқшиносӣ хусусан дар пажуҳиши тарҷимаи мероси адабии ориф ва шоири бузург Ҷалолиддини Балхӣ хидмати пурарзише анҷом додааст. Фаросати вай, нигоҳи дурандешонаи ӯ, коршоямиаш ва ҷасораташ ниҳоят тааҷҷубангез буда, баҳои холисонаи илмиаш, дақиқкорӣ ва дониши волояш А.М. Шиммелро чун шарқшиноси бузурги ҷаҳон беҳамто ифода менамоянд.

Ногуфта намонад, ки Мавлавии Рум инсонро бузургтарин муъҷизаи офариниш мешуморид. Барои ӯ яҳудию ҳиндӣ, насронию мусулмон яксон буданд. Сулҳу оштӣ, ишқу ошиқӣ ба ақидаи Мавлоно, қодир аст заминро бо осмон хешу табор гардонад. Талоши зиндагӣ, такопӯи доимӣ дар роҳи матлаб, зиндадиливу ҳаётдӯстӣ, яке аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти шоир буд. Ғазал аз забони шоир чун об аз фаввора берун меомад. Ӯ дар сари ҳар байту мисраъ таамул ва тааммуқ намекард, пойбанди қофия баъзан ҳатто вазн ҳам намешуд. Ӯ инсонро аз тамоми мавҷудоти олами улвию суфлӣ муқаддамтар ва аз тамоми муқадассот муқаддамтар гардонидааст. Қобили зикр аст, ки дар “Девони” Шамси Табрезӣ ишқи сӯзони хешро чунин байён кардааст.

*Аҷаб он дилбари зебо куҷо шуд?*
*Аҷаб он сарви хушболо куҷо шуд?*
*Куҷо шуд, эй аҷаб бе мо куҷо шуд?*
*Дилам чун барг меларзад, шабу рӯз,*
*Ки дилбар ними шаб танҳо куҷо шуд?*
*Ҳама ҷо дидам, андар ҷо надидам,*
*Дуто гаштам, ки он якто куҷо шуд?*

*Бигӯ равшан, ки Шамсулҳаққи Табрез,*
*Чу гуфт, аш – шамсу лоюҳфо .*

Мавлавӣ Ҷалолуддини Румӣ зиндагиашро дар пайвастагӣ бо ишқ мебинад:

*Чӣ бӯй аст ин, чи бӯй аст ин, магар он ёр меояд?*
*Магар он ёри гулрухсор аз он гулзор меояд?*
*Хамӯш кардам, хамӯш кардам, ки ин девони шеъри ман,*
*Зи шарми ин паричеҳра ба истиғфор меояд.*

Дар фарҷоми мақола боядтазаккурдод, ки осори Мавлавӣ Ҷалолуддини Румӣ дунёи нави Аврупоро ба такон овардаву, назарияи таҳаммулпазириро, ки мислаш на дар Ғарб на дар Шарқ будаву, тараннумгари ишқи зебоӣ ва сулҳу оштӣ будаву, барои ӯ яҳудию ҳиндӣ, насронию мусулмон яксон будаву инсонро бузургтарин мӯъҷизаи офариниш шуморида, маҳбуби ҷаҳониён шудааст.

Аҳсан, ба хидмати ховаршиносон, донишмандон, файласуфон, аз ҷумла Ёҳан Волфганг фон Гёте, Эманиел Кант, Ҳаммер Пургштал, Фридрих Рюккерт, Анна Марии Шиммел, Ива ду Витрей, Райнҳолд Николсон, Ҷорҷ Арберрӣ, Эдвард Палмер ва дигарон дар мусташриқини Аврупо дар шинохти Мавлавии Ҷалолуддини Румӣ нақши беназир гузоштаанд. Мавлавии Рум аз хонотарин муаллифон дар Аврупо ба шумор меравад. Чунки аз ғазали ӯ наккҳати гул меояд ва ҷаҳони Аврупоро бо осори дилфиребаш ҳамчун тараннумгари ишқи илоҳӣ, инсондӯстиаш, адолатпарвариаш муаттар ва муттаҳайир сохтааст.

## АДАБИЁТ


1. Вохидова С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI вв). - Душанбе, 2014, 504
2. Воҳидова С. Нақши паямбари Ислом Ҳазрати Муҳаммад дар осори Гёте // Суханшиносӣ №4, 2015
3. Вохидова С. Выдающийся немецкий религиовед и востоковед XX в. А.М. Шиммел// Известия АН РТ Сер:философия и право. 2013, №4
4. Гувоҳӣ А. Мир исламского мистицизма. - Тегеран, 1374.
5. Goethe J. W. West-Ostlicher Divan Leiden - Brill, 1819. .
6. Пригарина Н.И. Мир исламского мистицизма. М., 1995.
7. Ruckert F. Die Einweihung. Stutgard, - 1820.
8. Ruckert F. Ostliche Rosen. Leipzig, - 1822
9. Hammer von Purgstall. Die Geschichte der schonen Redekuenste persiens. Wien, - 1818.
10. Henning M. Heiliqe Koran, Stuttgard, 1960, S. 1.
11. Насриддин А. Чиҳилмақола. - Хуҷанд, 2007. – с. 442
12. Nicolson R.A. Rumi-Poet and mystic. Ethical and Religions classics of the East and West) London, -1950,- S. 7.

13. Nickolson R. A. Selected Poems from the Divani Schamsi Tabrizi. London, 1898.
14. Eva Vitray – Meyerovitch. Rumi and Sufism, Apollo – Press Sausalito, 1977
15. Шефик Дж. Мавляна Джалолиддин Руми: жизнь, личность, мысли. - Москва, - 2008, - с. 391
16. Schimmel A.M. Die Geheimme Zeichen in verschiedenen Zivilisationen. Koln, 1984.
17. Schimmel A.M. Der Giosse Schams, Bonne, 1956.
18. Schimmel A.M.Phihi mo phihi, Divans of the Mavlavi // New-Yourk, 1965.
19. Schimmel A.M. Die mystischen Dimensionen des Islam, die Geschichte des Sufismus. Diedrichs Verlag, 1985- 1992.
20. Schimmel A.M. Und Muhammad ist sein Prophet // Die Verehrung des Propheten in der islamischen Frommigkeit Diedrichs-Verlag, - 1995

## ЕВРОПЕЙЦЫ ИЗУМЛЕНЫ НАСЛЕДИЕМ МАВЛЯНА ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

Автор в статье подчеркивает, что Мавляна Джалолуддин Руми в Европе является величайшим поэтом суфием, его считают «уникальным пророком страны любви и красоты». Европейцы начали заниматься наследием Мавляна Джалолуддина Руми в конце XVIII века. Далее автор отмечает, что европейцы в действительности изумлены наследием Мавляна Джалолуддин Руми, он взбудоражил европейский мир, также основал теорию толерантности, который не имелось ни в Западе, ни в Востоке.

В статье впервые даётся подробно переводы наследие Мавляна Джалолуддин Руми на немецкий, английский, французский и итальянский и др. языки.

Вклад европейских и американских ученых, например, Ё. Гёте, Э. Кант, И. Витрей, Р. Николсон, Дж. Арберри, Э. Палмер в ознакомление наследия Мавляна Джалолуддин Руми.

Ключевые слова: Восток и Запад, Европа, перевод, толерантность, немецкий, английский, французский, человечность, читаемый.

Сведения об авторе: Вохидова С.

д.и.н., зав. отдел. Европы и Америки Института изучения вопросов Азии и Европы

## EUROPEANS ARE AMAZED BY THE LEGACY OF MAVLYAN JALOLUDDIN RUMI

The author in the article emphasizes that Mavlyana Jaloluddin Rumi in Europe is the greatest Sufi poet, he is considered “the unique prophet of the country of love and beauty”. Europeans began to engage in the legacy of Mavlyan Jaloluddin Rumi at the end of the XVIII century. Further, the author notes that Europeans are really amazed by the legacy of Mavlyana Dzhaloluddin Rumi, he stirred up the European world, also founded the theory of tolerance, which was not available either in the West or in the East.

The article for the first time gives in detail translations of the legacy of Mavlyan Jaloluddin Rumi in German, English, French and Italian.

contribution of European and American scientists, for example, Y. Goethe, E. Kant, I. Vitrey, R. Nicholson, J. Arberry, E. Palmer in familiarizing the heritage of Mavlyan Dzhaloluddin Rumi.

Key words: East and West, Europe, translation tolerance, German, English, French, humanity, readable.

# НАЗАРЕ БА РОМАНИ ЯШПАЛ "ҲАҚИҚАТИ ҚАЛБАКӢ"

**Ҳабибулло РАҶАБОВ,**
**д.и.ф., профессор**

Дар соли 1947 ҳангоми ба ду давлат тақсим шудани Ҳиндустон, фоҷиаи касношуниди ба сари мардумони ин минтақа омадаро баробари таърихнигорон ва солноманависон боз адибоне, ки шоҳиди ин фоҷиаҳо буданд, онҳо ҳам хеле муфассал ба қалам додаанд. Агар даҳҳо садсолаҳо "Маҳабҳарата" ва "Рамаяна" барин шоҳасарҳо - ҳамосаҳои бузурги мардуми Ҳинд манбаи илҳоми ҳазорон адибон, рассомон, ҳайкалтарошон, мусиқидонҳо ва ғайраҳо шуда бошанд, пас воқеаҳои соли 1947 низ то андозае ҳамин монанд нақшро иҷро кардаанд. Лекин бояд шарҳ диҳем, ки воқеаҳои соли 1947 ба адибон мисли "Маҳабҳарата" ва "Рамаяна" нақши он гуна илҳомбахшӣ, ки некбинона ва рӯҳбахш бошад, надоштанд ва надоранд. Ин ҷо қимати дигар чиз намоён аст, яъне эҳсоси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва нисбат ба тақдири халқу ватан дилсӯзӣ доштан ва бетафовут набудан боло гирифтааст. Илова бар ин хавфи боз пораю боз нооором шудани Ҳиндустон низ аз байн нарафтааст. Инро низ набояд фаромӯш кард. Кофист, агар воқеаҳои дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар музофоти Панҷоб рӯй додаро ба ёд орем. Аз гумон дур нест, ки дар сари душманони Ҳиндустон фикри ҷудо кардани боз як қисмати ин мамлакат, бешак, чарх мезад ва имрӯзҳо низ чарх мезанад. Аз ин ҷо хулосае бар меояд, ки то он даме чунин хавф ҷой дорад, то он вақте душманони ягонагии Ҳиндустон тарки бадхоҳии худ накунанд, соати ором шудан барои адибони пешқадам, мисле ки худашон борҳо арз кардаанд, нахоҳад расид. Ҳадафи адибон дар навбати аввал ин аст, ки тариқи чунин асарҳои тасвиркунандаи ҳақиқат огоҳии мардум бештар шавад, онҳо ақли солим ва фаҳмиши солимро ба кор баранд ва нагузоранд, ки барои пайдо шудани заминаҳои тақсим шудани чунин як давлати бузург ба якчанд давлатҳои хурд-хурд, заррае имкон фароҳам

ояд. Ҳеҷ нагузоранд, ки боз бегонаҳо ба корҳои дохилии ин кишвар дахолат кунанд. Нависандаи маъруфи Ҳиндустон Яшпал (1903-1976) ба оқилӣ ва дурандешии мардуми Ҳинд боварӣ дошт ва дар романи машҳури худ “Ҳақиқати қалбакӣ” (“$hutha sach”) баробари тасвири фоҷиаҳо боз тасвири бо ҳам дӯстона зистани мардумони гуногунмазҳаби Ҳиндустонро кардааст.

Асарҳои ин гуна воқеаҳоро тасвир намуда кам нестанд. Оид ба ҳамаи онҳо дар андак вақт ва дар ҳаҷми хурд чизе гуфтан имконнопазир аст, барои ҳамин ҳам танҳо машҳуртаринашонро мухтасар мавриди тадқиқот қарор додан мумкин аст. Чун сухан аз он меравад, ки кадоме аз адибони Ҳиндустон ин воқеаҳоро пурра ба ҳақиқат наздик тасвир намудааст, бешак, аввал номҳои Яшпал (1903-1976) [12], Бҳишма Саҳнӣ (1915-2003 [3], Хушвант Сингҳ (1915-2014) [8] ва Камлшвар (1932-2007) [5] гирифта мешавад. Яшпал то соли 1947 ҳам мактаби муборизаи сиёсиро гузашта буду ҳам вобаста ба ин муборизааш азоби зиндонро низ чашида буд. Илова бар ин ӯ аллакай ҳамчун нависандаи болаёқат мавқеи худро дар адабиёти ҳиндӣ ёфта, шӯҳрат дошт. Бҳишма Саҳнӣ ва Хушвант Сингҳ низ дар ин вақт аллакай адибони навқалам набуданд. Фақат Камлешвар ҳанӯз хеле ҷавон, яъне ҳамагӣ 15 сол умр дошт, вале ҳамин синну сол ҳам кофӣ буд, ки ин ҷавони наврас андозаву оқибатҳои чунин задухурдҳоро бараъло тахмин кунад ва хулосаҳо барорад. Агар ҳамин тавр намебуд, пас ӯ бо гузаштани чанд даҳсола бо андешаи он ки шояд боз задухӯрдҳо ва тақсимкунии давлатҳои ягона пеш оянд, “Чанд Покистон?” (“*Kitne Pakistan*”) барин ном асарро наменавишт. Дар пешлафзи ҳамин китоб адиб гӯшрас кардааст, ки чандин сол боз навиштани ин асарро дар назар дошта, ба нақша гирифта будаст, лекин бисёр корҳои дигар зуд-зуд пайдо мешуданду ин кор ба вақти дигар вогузор мешудаст. [5,4]

Аз истисмори бераҳмонаи мустамликадорони англис дар Ҳиндустон на ҳиндувон раҳоӣ меёфтанду на мусулмонҳо, на ба сикҳҳо раҳм буду на ба ҷайнҳо, аз асорат на будпарастон озод будfestанду на масеиҳои ҳиндустонӣ. Андешаи аз зулми мустамликадорӣ озод шудан ба воситаи далерона мубориза бурдану муқобилият нишон додан, ҳамбастагии ҳиндувону мусулмонҳо ва дигар мардумони Ҳиндустонро талаб мекард ва инро ҳар навъ дину мазҳабдорҳо хуб мефаҳмиданд. Ҳамин якдигарфаҳмӣ муборизаи озодихоҳонаи мардумони Ҳиндустонро дар охири асри XIX ва аввалин даҳсолаҳои асри XX хеле қавӣ карда буд. Вале, бадбахтона чун дар баробари талоши озодӣ ба даст даровардан боз масъалаи аз ҳисоби як қисми Ҳиндустон ташкил намудани давлати мустақили мусулмонӣ бо номи Покистон ба миён омад, ҳамбастагиву бародарии ҳиндувону мусулмонҳо дучори шикасти шадид гардид. Ҳиндустони бузург пора шуд, Тарафдорони бунёди давлати

ҷудогонаи мусулмонӣ қаноатманд шуданд. Вале қаноатмандии мукаммалро онҳое эҳсос мекарданд, ки якпорчагии Ҳиндустонро намехостанд. Барои душманони бурунмарзии Ҳиндустон ин як воситаи заиф намудани ҳамбастагии ҳиндувону мусулмонҳо ва дар маҷмӯъ заиф намудани яке аз давлатҳои бузурги Осиё буд. Соҳибони ақли солим аз ҳар ду ҷониб хуб мефаҳмиданд, ки ин ҷудошавӣ ба манфиати кист ва чи гуна оқибатҳо дорад. Садҳо ҳазор одамон ошкору пинҳон андешаи ин ҷудошавиро маҳкум менамуданд, вале он вақт пеши селоби даҳшатовари амалҳои ҷудоихоҳонро касе гирифта наметавонист. Ҳатто Ҷавоҳирлол Неҳру (1889-1964), ки ҳеҷ гоҳ пора шудани Ҳиндусторо намехост, ба хулосае омада буд, ки ба ғайр аз розӣ шудан ба ҷудошавӣ дигар чорае нест, вагарна ин задухурдҳо боз шадидтар хоҳанд шуд ва андозаи оқибатҳои даҳшатоварашро тахмин кардан ҳам имкон надорад. Пас аз ҷудошавӣ ҳамин қадар монд, ки айёми хунини ҷудошавӣ чун даврони мудҳиш ва зиёновар дар ҷомеа дар сатҳҳои гуногун муҳокима шавад. Адибони пешқадам, онҳое, ки нисбат ба тақдири халқу ватан бетафовут набуданду нестанд, рӯйи коғаз овардани мушоҳидаҳову шунидаҳои худро дар асри гузашта ва асри ҷадид ҳатмӣ ва қарзи ватанхоҳии худ медонанд. Яке аз чунин адибон, тавре болотар ёдовар шудем, Яшпал (1903-1976) мебошад, ки бо романҳо, алалхусус романи "Ҳақиқати қалбакӣ" ("*$hutha sach*") ва ҳикояҳои сершумораш дар Ҳиндустон ва берун аз он хеле машҳур гаштааст. Яшпал кай навиштани романи "Ҳақиқати қалбакӣ"-ро оғоз намудааст ба мо маълум нест, худ ҳам дар ягон ҷой махсус зикр накардааст, вале бо итминони комил гуфта метавонем, ки нияти муфассал баён кардани задухӯрдҳои мазҳабии мусулмонҳову ҳиндувонро адиб аз худи соли 1947, албатта, дар назар доштааст ва на як солу ду сол болои он бисёр ҷиддӣ кор кардааст. Инак, пас аз 12 соли озод шудани Ҳиндустон, яъне соли 1959 ҷилди аввали ин китоб бо номи "Ватан ва мамлакат" ("Vatan aur desh") аз чоп баромад. Ҷилди дувуми асар "Ояндаи мамлакат" ("Desh ka bhavishya") соли 1960 ба табъ расидааст.

Пеш аз он, ки ба ин асари дар садсолаи XX дар адабиёти ҳиндӣ дар қатори беҳтарин ва машҳуртарин романҳо буда, дурусттар шинос шавем, бояд ба саволи чи адибро водор ё маҷбур кардааст, ки чунин асари бузургҳаҷмеро офарад, ҷавобе бигӯем. Ёдовар мешавем, ки дар маҷмуъ, ду ҷилди "Ҳақиқати қалбакӣ" бештар аз як ҳазору чорсад саҳифаро ташкил медиҳад. Ҳарчанд ҷавоб ба ин ва ин навъ саволҳо то андозае маълум мебошад, ба ҳар ҳол боз камтаре шарҳ додан аз манфиат холӣ нест. Сабаби асосӣ, албатта, ин аст, ки воқеаҳои фоҷиавии пора шудани Ҳиндустон дар соли 1947 ба ҳар як бошандаи дилсӯзи Ҳиндустон, аз ҷумла адибони пешқадам, ки ба

инсон раҳму шафқат дошта ва ватандӯстиро пеша кардаанд, таъсири зиёд расонидааст. Адибоне, ки аллакай майдони сухангӯӣ ва хонандаҳои огоҳ доштанд, аз ҷумлаи аввалинҳо шуда масъулияти баён кардани андешаҳои худро оид ба ин бадбахтии бемисли халқ, ба душашон гирифтаанд. Сабаби дигар дар он аст, ки имкон дошт ҳам дар асри гузашта ва имрӯзҳо дар асри ҷадид ҳам имкон дорад боз ин задухӯрдҳо аз нав ба андозаи кас ношунид сар зананд. Ҳамин хавфро дар назар дошта шоири машҳури форсизабону урдузабони Ҳиндустон Муҳаммад Иқбол (1877-1938) ҳанӯз даҳсолае пеш аз озод шудану тақсим шудани Ҳиндустон дар боби "Ашке чанд дар ифтироқи ҳиндиён"-и маснавии худ "Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?" гуфта буд:

*Даргузашт аз ҳукми ин саҳро мубин,*
*Кофире зи куфру диндоре зи дин.*
*Ҳиндиён бо якдигар овехтанд,*
*Фитнаҳои куҳна боз ангехтанд. [6,829]*

Албатта, Муҳаммад Иқбол худ ҷонибдори бунёди чунин як давлати мусулмонӣ дар як қисми Ҳиндустон буд, вале гумон аст тахмин карда бошад, ки он пайваста бо кадом бадбахтиҳо муяссар мешудаст. Барои ҳамин ҳам соҳибони ақли солимро амру хоҳиши дил ин буд, ки бо ҳар роҳ ва бо ҳар қимате ки бошад, ин хатари ҳоли табоҳоварро бояд пешгирӣ кунанд. Адибони пешқадам, ки хоҳишу ҳавсалаи ин воқеаҳоро хубтар таҳлил кардан доштанд, огоҳ буданд, ки аз ин гуна майдонҳои набарди бемаъниӣ, беҷо, ғалатҳадафу нанговар ва марговар барои ҳамбастагии мардумони Ҳиндустон чи гуна ҳосиле бардошта мешавад. Боз ин чиз ҳам бароияшон маълум буд ва ҳоло ҳам равшан аст, ки бадхоҳони ягонагии Ҳиндустон ҳанӯз бедоранд ва нияти боз пора кардани ин мамлакати бузург аз сарашон дур нарафтааст. Аз ҳамаи ин ҳолатҳо ва пешомади маҳзун адибон, дар воқеъ сахт дар изтироб буданд. Адибони солҳои чилуми асри гузашта худашон на танҳо шоҳидони зиндаи задухӯрдҳои мазҳабӣ буданд, балки дар қатори ҷабрдидаҳо низ ҷой доштанд. Пас аз нашри романи машҳури Яшпал "Ҳақиқати қалбакӣ" таваҷҷӯҳ ба ин мавзуъ боз бештар шуд. Ҳам таввaҷӯҳи адибон ва ҳам таввaҷӯҳи муҳаққиқону хонандагон. Яшпал бо навиштани ин роман боз як бори дигар ватандӯсти асил, ҳомии ваҳдат ва мубoризи дар осудагӣ зистани қавмҳои гуногуни Ҳиндустон будани худро собит намуд. Роман бо сабаби мавзӯи ниҳоят муҳиму мубрамро дар бар гирифтанаш, кофӣ калонҳаҷм бошад ҳам, зуд мутолиа шуда аз даст ба даст мегузашт ва дар маҳфилҳои адабӣ бо таваҷҷуҳ ва шавқмандӣ муҳокима мешуд.То чи андоза ҷолиб будани ин романро академик Челишев бо овардани чунин далел хеле равшан баён кардааст: "Дар солҳои 1957-1958 ин роман (романи "Ҳақиқати қалбакӣ". Ҳ.

Р.) порча – порча дар маҷаллаи "Дҳармаюга" ("Асри тиллоӣ") чоп мешуд. Пас бо ким-кадом сабабе шумораи навбатии маҷалла бе давоми роман чоп шуд. Онгоҳ Яшпал аз хонандагон зиёда аз ҳафтсад мактуб гирифт, ки чопи асарро нигоҳ надорад".[13,266] Пас аз нашри аввалин дар солҳои 1958-1960 ин асар то имрӯз борҳо рӯи чопро дидааст, ки ин ҳам далели ниҳоят маҳбуб ва ниҳоят замонавӣ будани ин асар аст.

Азбаски Яшпал дар аксарияти асарҳояш бештар ба мавзӯҳои сиёсӣ эътибор додааст, муҳаққиқони ин паҳлӯи эҷодиёти адибро омӯхта низ кам нестанд. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ олимони ҳиндшинос ба мисли Дяков А.М., Челишев Е. П., Богданов Ф. А., Бескровнҷй В. М., Балин В. И., Бекаева Д. К.. Рабинович И. С. ва дигарон ба асарҳои гуногуни Яшпал, хусусан ба он асарҳое, ки ба забони русӣ тарҷума мешуданд, диққат дода мақолаҳои тадқиқотӣ навиштаанд ва назари худро гуфтаанд. Соли 1978 Бекаева Д. К. асари ҷудогонае бахшида ба Яшпал навишта аз чоп баровард [2]. Ҳарчанд ин асар ҳаҷми он қадар калон надошта бошад ҳам (72 саҳ.), ин дар он солҳо ягона асари ҷудогона бахшида ба Яшпал буд, ки дар он як боб - боби севум. иборат аз шонздаҳ саҳифа (саҳ. 50-65) ба романи Яшпал "Ҳақиқати қалбакӣ" бахшида шудааст. Муаллиф ба масъалаҳои мухталифи дар асар ҷой дошта, инчунин ба образҳои қаҳрамонҳои марказӣ, аз ҷумла Ҷайдев ва Тара чун муҳаққиқ нигоҳ карда, баҳо додааст ва дар охир ба хулосае омадааст, ки дар тасвири воқеаҳои даҳшатноки тақсим шудани Ҳиндустон кам адибони дигар бо Яшпал баробар шуда метавонанд: "Шумораи адибоне, ки ҳамчун Яшпал таъсири воқеаҳои тақсим шудани мамлакатро (Ҳиндустонро. Ҳ.Р.) ба ҳамасронаш ин қадар чуқур тасвир карда бошанд, зиёд нест. Адиб нишон медиҳад, ки чи тавр дар зери таъсири ҷудошавии мамлакат тағироти шуури одамон ба амал меояд ва аз нав баҳо додани ҷаҳонбиниву мавқеашон сурат мегирад" [2,65] Бояд зикр кард, ки Бекаева дар асари тадқиқотии худ бештар ба образҳои асар ва масъалаҳои иҷтимоӣ диққат додааст, ки дар натиҷа муҳимтарин масъала – задухӯрдҳои мазҳабӣ ва оқибатҳои зиёновари онҳо аз назар дур мондааст.

Пас аз нӯҳ соли дигар, соли 1987 китоби дигар ҳиндшиноси шуравӣ Эминова С. М. "Анъана ва навоварӣ дар романи муосири ҳиндӣ" [10] аз чоп баромад, ки боби севуми он "Вайронкунӣ - Созандагӣ" (Яшпал)" ном дорад. Муаллиф анъанаи навовариро дар романҳои се адиби барҷастаи асри XX-и адабиёти ҳиндӣ: Сачитананд Ҳирананд Агей (1911-1977), Амритлал Нагар (1916-19) ва Яшпал (1903-1976) таҳқиқ намудааст. Маълум нест, ки чаро Яшпал, бо вуҷуди аз Агей ва Нагар, ҳам аз лиҳози синну сол ва ҳам аз лиҳози он нақше, ки дар инкишофи адабиёти ҳиндӣ гузоштааст, яъне бе

баҳс бузургтар буданаш, дар ҷои севум омадааст, лекин ба ҳар ҳол тахмин мекунем, ки ҷо ба ҷо кардани адибон дар ин асар, дар айни ҳол на аз рӯи мавқеи дар адабиёт ишғол кардаи адибон сурат гирифтааст. Романи “Ҳақиқати қалбакӣ” дар ин ҷо муфассалтар таҳлил шудааст ва масъалаи тақсимшавӣ ва бадбахтиҳои он зиёдтар дарҷ шудаанд: “Романи “Ҳақиқати қалбакӣ” дар бораи фоҷиае, ки ба сари миллати ҳинду баробари озодшавӣ ва аз англисҳо мустақил зистан омада буд, қисса мекунад. Ин баёни фоҷиаи ба ду давлат ҷудо шудани Ҳиндустон аст. Ҷудошавиро ҳосили талхтаринаш - кушокушию хунрезии бераҳмона, тақдирҳои пуразоби одамон, шикастани муносибатҳои дӯстона, ҷудошавии умрбоди дӯстону наздикон, гум кардани волидайн кӯдакони худро, гум кардани кӯдакон волидайни худро ва мисли инҳо буд” [10,93].

Муҳаққиқони Ҳинд низ аз фаъолият ва осори адабии Яшпал сухан оғоз намуда, ҳикоянавис ва романнависи маъруф буданашро борҳо зикр кардаанд ва ҳар дафъа махсус ёдовар шудаанд, ки романи “Ҳақиқати қалбакӣ” дар адабиёти муосири ҳиндӣ бо дар бар гирифтани масъалаи бархӯрди мусулмонҳо ва ҳиндувон, ҳангоми тақсим шудани ин давлат, яке аз беҳтарин асарҳо буда, дар адабиёти замони нав мақоми шоистае дорад. Олими ҳинду Камала Прасад китобчаи ҷудогонае бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Яшпал навишта, оид ба романи “Ҳақиқати қалбакӣ” чунин гуфтааст: “Романи “Ҳақиқати қалбакӣ” дар таърихи адабиёти ҳиндӣ асари ниҳоят муҳим ва беҳамтост. Ин натиҷаи меҳнати сангин ва ақлу истеъдоди нависанда мебошад. Роман асарест, ки онро дар қатори шоҳасарҳои машҳури ҷаҳон гузоштан мумкин аст" [4,37]. Дигар муҳаққиқи адабиёти ҳиндӣ Бабу Гулабрай дар асари тадқиқотии худ “Таърихи оммафаҳми адабиёти ҳиндӣ” (“Hindi sahitya ka subodh itihas”), дар боби ҳафтум, ки “Инкишофи адабиёти насрии ҳиндӣ” (“Hindi katha-sahitya ka vikas”) ном дорад, роҷеъ ба насрнависони маъруфи асри XX маълумотҳои кӯтоҳ дода, аз Яшпал низ ёдовар шудааст. Номбурда Яшпалро миёни адибони пешқадами Ҳиндустон дар ҷои аввал гузошта бошад ҳам, мутаассифона, роҷеъ ба масъалаҳои романи “Ҳақиқати қалбакӣ”-и ӯ ҳеҷ гуна шарҳ ё баҳое надода, танҳо “романи калон” гуфтасту халос: “ Номи Яшпал дар миёни адибони пешқадам пеш аз ҳама гирифта мешавад. “Рафиқ Дада”, “Ватанфурӯш” ва дигар романҳои адиб асарҳое мебошанд, ки бо ҳизби коммунистӣ алоқаманданд. Романҳои “Симои инсон”, “Дувоздаҳ соат” мавзӯҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд. Романҳои “Дивя”, “Амита” ва дигар чунин романҳо чун романҳои таърихӣ эҷод шудаанд. Романи ӯ “Ҳақиқати қалбакӣ”, ки ба ду ҷилд ҷудо карда шудааст, романи калонҳаҷм аст” [1,- с.161]. Мисле ки мебинем, ин ҷо ҳадаф

танҳо номбар кардани асарҳост, на таҳлил ё баҳо додан.

Яке аз адабиётшиносони варзидаи Ҳиндустон Мадҳуреш, ки муҳаррири китоби “Маҷмӯаи асарҳои Яшпал” (“Yashpal. Rachna sanchayan”) мебошад, дар пешлафзи ба ҳамин китоб навиштааш романи “Ҳақиқати қалбакӣ”-ро беҳтарин романи Яшпал гуфтааст: “Бе баҳс, романи “Ҳақиқати қалбакӣ” беҳтарин романи Яшпал мебошад. Фоҷиаи тақсим шудани мамлакат ва задухӯрдҳои кӯчокӯчро ҳамчун шоири рӯҳи бузург дошта тасвир намудааст”[11,14]. Ҳиндшиноси Шӯравӣ И. С. Рабинович дар “Яшпал” ном мақолааш, ки аслан ба романи “Ҳақиқати қалбакӣ” бахшида шудааст, ин романро ҳамчун “китоби калони тарҷумаи ҳоли халқи ҳинду” номидааст. [7,326] Ин ҷо низ ба яке аз мавзӯҳои асосии асар – задухӯрдҳои мазҳабӣ кофӣ эътибор дода нашудааст. Муаллиф фақат ҳамин қадар ишора кардаасту халос: “Фазои шаҳр торафт тезу тунд мешуд. Ҳоло дар ин ҷо, ҳоло дар ҷои дигар сухтор мешуд, хун мерехт. Ташкилотҳои динию ҷамоатӣ ба таблиғи миллатгароӣ машғул буданд. Сикҳо, мусулмонҳо ва ҳиндуҳо ба ҳамдигар чун ба душманон нигоҳ мекарданд. Ҳеҷ чиз пеши роҳи қатлу ғоратгариро гирифта наметавонист” [7,327]. Ҳамин тариқ, тадқиқотҳо оид ба Яшпал ва романи ӯ “Ҳақиқати қалбакӣ” кам нестанд ва ҳар кадомро арзиш як хел нест. Лекин оид ба масъалаи асосии асар, яъне задухӯрдҳои мазҳабӣ, сабабҳои ба вуҷуд омадани ин фоҷиа ва оқибатҳои он, ба андешаи мо таваҷҷуҳ кам зоҳир шудааст. Барои ҳамин ҳам мо ин ҷо маҳз сари ин масъала бештар истоданӣ ҳастем, зеро барои таҳлили баъзе масъалаҳои ба ном динӣ тааллуқ дошта инро аз манфиат орӣ намедонем. Фақат як нуқтаро месазад, ки махсус ёдовар шавем, ки Яшпалро асосан адиби коммунист, адиби марксист мегӯянд. Ин гуна ақида доштани ин ё он адиб дар Ҳиндустон ва маълум аст, ки на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар дигар мамлакатҳо низ аз тарафи муҳақиқону мунаққидон якранг пазируфта намешавад. Чанде ин гуна адибонро тарафдорӣ ва дастгирӣ мекунанду чанде аз дигарон на танҳо тарафдорӣ намекунанд, балки бадхоҳиашонро бе парда изҳор менамоянд. Дар романи “Ҳақиқати қалбакӣ” пӯшида намемонад, ки муаллиф пеш аз ҳама ба фаъллияти коммунистон диққати хонандаро равон карданӣ мешавад. Коммунистҳо бо хислатҳои накӯ ва фаъолияти барои ҷамъият манфиатовар фарқ доранд. Ин гуна образҳоро мо бофтаву дар асл дар воқеият ҷой надошта гуфта наметавонем. Онҳо дар асри XX дар индустон буданд ва имрӯзҳо низ ҳастанд, ки ба халқ хизмат кардан, манфиати дигаронро аз манфиати худ болотар донистан, муқобили амалҳои манфур ва барои беҳбудии ниёзмандон мубориза бурданро касб кардаанд. Муқобили ин гуна образҳои Яшпал офарида ва худи муаллиф чун як фарди ин гуна образҳо

офаранда сухан гуфтан кӯшиши беҳуда ва ғаразнок аст. Барои ҳамин ҳам, бо вуҷуди ҳар навъ бадбинӣ, равшанбинҳо нисбат ба ин адиби коммунист, наметавонанд қимати баланд доштани романи “Ҳақиқати қалбакӣ”-и ӯро рад кунанд. Чи тавр будани назари муннақидону муҳаққиқон, албатта, муҳим аст, вале муҳимияти назари хонанда камтар нест. Вақте романи “Ҳақиқати қалбакӣ”-ро Ҷовед Бота ба забони панҷобӣ тарҷума карда онро дар шаҳри Лоҳур чоп намуд, он вақт аз ӯ сабаби тарҷума кардани романро пурсиданд. Дар ҷавоб Ҷовед Бота хотиррасон намудааст, ки воқеаҳои асосии асар ва ҳар навъ куштору несту нобуд ва харобазоркуниҳо маҳз дар Панҷоб рӯй додаанд. Барои ҳамин ҳам ба мардуми панҷобизабон ошно шудан бо ин асар бисёр муҳим ва ҷолиб аст.

Албатта, ҳар як роман, боз чунин романи бузургҳаҷм ба мисли романи “Ҳақиқати қалбакӣ” наметавонад бо дар бар гирифтани ду-се мавзӯъ ё ду-се воқеаҳои хурд-хурд маҳдуд шавад. Дар роман адиб ба бисёр масъалаҳо, аз ҷумла масъалаи ба воя расидани насли дигар, насли давраи озодӣ, дигаргун шудани андешаҳои шахсони ҷудогона ва дар маҷмӯъ андешаҳои тамоми ҷомеа, диққат додааст. Дар айни ҳол, диққати моро ҳамон бахши роман ҷалб намуд, ки он ҷо сухан аз зидиятҳои мазҳабӣ, аз кӯр-кӯрона амалҳои ҷоҳилонаву разил кардани кӯтоҳандешон, роҳгумкардаҳо ва фирефташудагону фиребхӯрдагон меравад. Таҳлили амиқ ва баёни назари солим ба ин гуна воқеаҳо ва бунёгарону мусоидаткунандагони ин навъ воқеаҳо имрӯзҳо, дар ҳамин нахустин даҳсолаҳои асри XXI, ки бо баҳонаҳои “дифои дин”, “покизагии дин” ва мисли инҳо ба корҳои пасту зиди инсонии осудагиро халалрасон даст мезананд, ниҳоят мубрам мебошад. Ҳол он, ки ҳар як дин бо ҳамон муқараот ва эътиборе, ки дорад метавонад худро ҳам дифо намояду ҳам покиза нигоҳ дорад.

Дар асари ин адиби мубориз, насрнависи маъруфи Ҳинд дар асри XX Яшпал “Ҳақиқати қалбакӣ” (“*Jhutha sach*”) мехонем: “Ба ёди Ҷайдев (қаҳрамони марказии асар. Ҳ.Р.) он моҳе, ки дар шаҳри Марӣ[1] гузаронида буд, расид. Урмилаи пурэҳсос, шӯху боҷуръат ва бебок! Дирӯз вай арӯс буд, имрӯз – бевазан. Боз чӣ қадар бадбахтиҳо ин бадбинии ҳиндувону мусулмонҳо ба мардум меоварда бошанд? Чӣ қадар ғамангез аст дарду алам дар чашмоне, ки камтаре пештар бисёр пурҷило муҳаббатро ифода мекарданд” [11,-с.100]. Ин ҷо ишора ба он аст, ки то пайдо шудани андешаҳо оид ба бунёди давлати мусулмонии Покистон байни ҳиндувону мусулмонҳо бадбиние набуд ва агар ҷой ҳам медошт, онро андоза он қадаре набуд, ки ин қадар бадвоҳима ва

1. Шаҳри Марӣ дар дурии 70 км. аз тарафи шарқи Таксила (пойтахти гандҳарҳои Ҳиндустон дар замони қадим) дар сарҳади Кашмир ҷойгир аст ва чун шаҳри курортӣ машҳур аст.

фарогири тамоми мамлакат бошад.Ин фоҷиа бо ҳамин андозаву шакле, ки рӯй додааст, яку якбора сурат гирифтааст. Албатта, мо гуфта наметавонем, ки ҳиндувон истилогаронро, пайи ҳам ба ин сарзамин лашкар мекашиданд, хушҳолона бо нону намак пешвоз мегирифтанд. Онҳо бо ҳамон қудрате, ки доштанд сахт мубориза мебурданд, вале маълум аст, ки дар баробар набудани қувваҳо тарафи ба ҷанг омода набуда, фикри онро накарда ва кам неру дошта мағлуб мешавад. Муғулҳои Бузург нияти Ҳиндустонро тороҷ намуда ба ватани худ баргаштанӣ надоштанд. Баракс дар ин сарзамин монда чи қадаре метавонистанд аз паси ободӣ буданд. Барои ҳамин ҳам то андозае байни мусулмонҳо ва ҳиндувон мухолифате, ки вуҷуд дошт, оқибатҳои фоҷиавиаш ин қадар андозаи бузург мушоҳида нашуда буд. Ин ҷо, дар ин фоҷиа ба ҳамагон маълум аст, ки нақши мустамликадорон хеле калон аст. Ҳарчанд сабабҳои бародаркушӣ равшану возеҳ аст, боз ҳам саволҳо пайдо мешаванду ҷавоб додан маъмулан бештар ба души адибон меафтад. Барои ҳамин ҳам то имрӯз ҷустуҷӯ кардани сабабҳо ва гунаҳгорони шикасти ҳамбастагии мусулмонҳову ҳиндумазҳабон ва пора шудани Ҳиндустон аз манфиат орӣ нест. Ҳоло он осудагие, ки дар сарзамини Ҳиндустон нисбатан ҳукумфармост, зарфи ниҳоят нафиси осоншиканро мемонад ва бо андак беэҳтиётӣ имкон дорад, ки пора-пора шавад. Дар он сурат гумон аст, ки он пораҳоро илоҷи ширеш кардан бошад. Ин ҷо на танҳо таваҷҷуҳ ба фаъолияти онҳое бояд бошад, ки бунёди Покистонро мехостанду бо амалӣ гардидани ин ҳадаф куштору бехонумон шудани миллионҳо ҳиндувону мусулмонҳо ба вуҷуд оварданд, балки боз ба дахолати он бегонагоне бошад, ки онҳо низ дар порасозии давлатҳои орому боқудрат даст доранду имрӯзҳо ҳам ин кори зидиинсониро ривоҷ мебахшанд.

Пӯшида нест, ки мустамликадоронро одат ҳамеша оташи нафратро байни қавмҳои гуногун барангехтан буду аз он баҳра бурдан. Имрӯзҳо ин амал намудҳои дигар гирифта бошад ҳам моҳияти пешинаашро пурра нигоҳ доштааст. Моҳияти ин гуна амалҳо ва азму нақшаҳои созмондиҳандагони онҳоро равшан намудан бо манфиат мебошад. Ҳарчанд ин, тавре ишора кардем, кори он таърихшиносон аст, ки дар ин самт махсус тадқиқот мебаранд. Матлаби мо баробари муайян кардани сабабҳо ва оқибатҳои бародаркушӣ боз чанд сухане нисбат ба тарзи баён ва қимату аҳамияти асарҳои дар ин бобат навишташудаи адибони пешқадами Ҳинд гуфтан аст.

Асри XX бо бештар бедор шудани мардумони Ҳинд ва дар ҷабҳаи муборизаи озодихоҳӣ фаъолона амал кардани онҳо оғоз ёфт. Муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ дар ин кишвари бостонӣ баробари бештар сурат гирифтани зулму истисмор рӯз то рӯз авҷ мегирифт ва дар саросари Ҳиндустон

пахн мешуд. Он адибони Ҳиндустон, ки зодаи нимаи дуюми асри XIX ва даҳсолаҳои аввали асри XX буданд, худашон шоҳиди зиндаи ин муборизаҳо шуданд. Ҷонбозии ватандӯстонро на аз тариқи шунидан, балки аз тариқи дидани худашон тасвир менамуданд. Орзуи ватанро озод дидан онҳоро рӯҳбаланд менамуд ва онҳо аз ҳеҷ гуна таҳдиди зиндонӣ шудан ё маҳв шудан тарсе надоштанд. Солҳои сиюму чилуми асри XX муборизаи халқи ҷабрдида чун селоби пуртуғён идома меёфт, азми соҳиби воқеии мулки худ шудан, аз болои тарсида сар фаровардан ғалаба мекард, ҳарчанд ин азм ҳам бо талафоти ҷисмонву ҳам талафоти рӯҳӣ ҳар замон рӯ ба рӯ мешуд. Лекин ҳанӯз касе гумон надошт, ки чӣ фоҷиае, чи гуна даҳшати кас нодидаву ношунидае дар пеш, дар арафаи соҳибистиқлол шудан аст. Инак, аз рӯйи расму одат, анъанаҳои миллӣ ва динӣ Ҳиндустон ба ду давлати мустақил - Ҳиндустону Покистон тақсим шуд. Покистон аз Покистони Шарқиву Покистони Ғарбӣ[2] иборат буд. Акнун ҳиндумазҳабҳо дар Ҳиндустон ва мусулмонон дар Покистон бояд иқомат мекарданд. Ин новобаста ба он, ки қабл аз ин дар кадом минтақаи Ҳиндустони мустамликавӣ зиндагӣ ба сар мебурданд. Миллионҳо аз ҳар ду ҷониб бехонумон ва садҳо ҳазор ҷони худро аз даст доданд. Чунон бародаркушӣ ва ғорату манзилсӯзӣ ба амал омад, ки мислашро таърихи Ҳиндустон намедонист. Аз нимаи дуюми солҳои чилум, дақиқтараш, аз худи соли 1947 сар карда адибони пешқадам на танҳо дар баромадҳо, суҳбатҳо ва гирдиҳамоиҳо, балки бо тамоми ҷиддият дар асарҳои бадеияшон ба дарҷи мавзӯи задухӯрдҳои мазҳабӣ ва оқибатҳои даҳшатовари он дар Ҳинду Покистон эътибор медодагӣ шуданд. Шояд аз ҷумлаи адибони пешқадам, ки ҳамеша дар дифои оромиву дӯстона зистани қавмҳои гуногуни Ҳиндустон буданд, нафаре ёфт нашавад, ки назаре ба ин мавзуъ накарда бошад. Аз ҷумлаи он адибоне, ки худ мубориз буданду дар ин роҳ далерона ҷонсупорӣ менамуданд, дар адабиёти ҳиндӣ қабл аз ҳама Яшпалро (1903 - 1976) бояд номбар кард. Яшпал 3 декабри соли 1903 дар Фирӯзпур ном шаҳри Панҷоби Шарқӣ дар дар оилаи бараҳмани миёнаҳол таваллуд шудааст. Хотиррасон мекунем, ки Панҷоб яке аз марказҳои ин гуна задухӯрдҳои шадид буд. Яшпал маълумоти ибтидоиро дар мактаби динӣ, ки гуркул мегӯянд, гирифтааст. Пас ба шаҳри Лоҳур рафта ба коллеҷи миллии Панҷоб дохил мешавад.. Дар синни ҳаждаҳсолагӣ бо даъвати Маҳатма Гандӣ (1869-1948) таҳсилро дар коллеҷ тарк мекунад, вале баракси пешниҳоди Маҳатма Гандӣ, ки ба муборизаи ғайризуроварӣ ҳамроҳ шавад, якҷоя ба як гуруҳ ҷавонони дигар, ки ба ғолиб омадан аз тариқи муборизаи

2. Ҳоло Покистони Шарқӣ аз Покистони Ғарбӣ ҷудо шуда, бо номи Бангладеш чун давлати ҷудогона арзи вуҷуд дорад.

ғайризуроварӣ чандон боварӣ надоштанд, роҳи дигари муборизаро пеш мегирад, яъне аз тариқи террор аз байн бурдани ашадитарин душманони озодии Ҳиндустон. Вай ин муборизаро дар шаклҳои гуногун то он даме, ки Ҳиндустон озод шуд, идома додааст. Аз як ҷониб бо силоҳ мубориза бурда бошад, аз ҷониби дигар бо асарҳои пурқимати баландғояаш. Ҳамин ки ба таърихи адабиёти ҳиндӣ дар садаи XX менигарем (якчанд муҳаққиқ чунин асарҳо бо номи "Таърихи адабиёти ҳиндӣ" навиштаанд), новобаста ба он, ки муаллифи ин рисолаҳо киҳо ҳастанд, ҳатман чунин мазмунро дарёфт мекунем, ки Яшпалро ватандӯсти асил донистаанду романи ӯ "Ҳақиқати қалбакӣ" ("Jhutha sach")-ро беҳтарин романе, ки воқеаҳои мудҳиши сол 1947-ро тасвир намудааст.

Роҷеъ ба Яшпал ва романи машҳури ӯ "Ҳақиқати қалбакӣ" ("Jhutha sach") ҳам муҳаққиқони Ҳинд ва муҳаққиқони хориҷӣ борҳо андеша карда, ба он чун ба беҳтарин романи нимаи дувуми асри XX баҳои баланд додаанд. Ин боз дар ҳамон ҳолате, ки ба ормонҳои коммунистӣ зид будагон Яшпалро ҳамчун коммунист бештар бад медиданд, на балки дӯст медоштанд. Чунончи Шямчандр Капур дар китоби худ "Таърихи адабиёти ҳиндӣ" ("Hindi Sahitya ka Itihas") ном дорад, дар боби 27-ум – "Роман ва ҳикояи ҳиндӣ" роҷеъ ба Яшпал маълумоти ниҳоят кӯтоҳ дода, ӯро насрнависи маъруф дар замони нав гуфтааст. Пас танҳо дар Фирӯзпур таваллуд шуданашро зикр кардаасту халос. Кай таваллуд шудааст, инро низ мадди назар кардааст. Ҳунари ҳикоянависӣ ва романнависии адиб таҳлил нашуда баҳо нагирифтааст. Роҷеъ ба романи "Ҳақиқати қалбакӣ" муҳаққиқ ҳамин қадар зикр кардаст: "Пас аз озод шудани мамлакат Яшпал ҳамчун эҷодкори озод аст. Машҳуртарин романҳои ӯ "Дивя", "Симои инсон" ("Manushya ke rup") ва "Ҳақиқати қалбакӣ" ("Jhutha sach") мебошанд".[3]

Дигар муҳаққиқи адабиёти ҳиндӣ Моҳан Авастӣ низ дар китоби "Таърихи имрӯзаи адабиёти ҳиндӣ" ("Hindi Sahitya ka Adyatan Itihas") танҳо бо номбар кардани асарҳои Яшпал маҳдуд шудаасту халос. Каме бештар маълумотҳо оид ба Яшпал дар китоби Виҷаендра Снатак "Таърихи адабиёти ҳиндӣ" ("Hindi Sahitya ka Itihas") дида метавонем. Олими рус академик Челишев Евгений Петрович дар бисёр асарҳи тадқиқотиаш то андозае дар бораи Яшпал андешаҳои худро гуфтааст. Зиёдтар маълумот оид ба Яшпал дар "Адабиёти ҳиндӣ" ном асари Челишев дар боби "Яшпал ва "Ҳақиқати қалбакӣ"-и ӯ" дида мешавад. Номбурда ин асари Яшпалро бо "Дони ором"-и Михаил Шолохов ва "Сарсонию саргардонӣ"-и Алексей Толстой

3. Шямчандр Капур. "Таърихи адабиёти ҳиндӣ" ("Hindi Sahitya ka Itihas"). Деҳлӣ, 1999, с.321.

баробар донистааст. Албатта, бахшида ба Яшпал, романҳои ӯ ва алалхусус романи "Ҳақиқати қалбакӣ" навиштаҳои пурарзиш кам нестанд. Сабаби зиёд будани ин навиштаҳоро Академик Челишев ин тавр эзоҳ додааст: "Дар атрофи асарҳои Яшпал имрӯзҳо низ баҳсҳои гарм идома дорад ва ин пурра табиӣ ва ва қонунист, чунки ӯ маҷбур мекунад аз болои бисёр масъалаҳое, ки ҷамъияти ҳиндустониро ба ташвиш овардааст, андешаронӣ кунем".[4] Мо ба онҳо дар мавриди зарурӣ назар хоҳем кард.

Ҳамин тариқ, бузургтарин романи яке аз адибони барҷастаи Ҳиндустон Яшпал (1903-1976), ки "Ҳақиқати қалбакӣ" ("*Jhutha sach*") ном дораду аз ду ҷилд иборат аст, тақрибан 15 соли зиндагии мардуми ҳиндро дар бар гирифтааст. Дар роман даҳҳо масъалаҳои муҳими солҳои чилуму панҷоҳуми асри XX, аз ҷумла масъалаҳои задухӯрди мазҳабӣ акси худро ёфтаанд. Ин асар маҳсули натиҷаи мушоҳидаи бевоситаи худи нависанда буда, далели равшани ноҷову беандеша ва ба зарари худ ва тамоми Ҳиндустон амали гумроҳона кардани ҳангомаҷӯён мебошад. Азбаски ин асар мавзӯи доғи рӯзро дар бар мегирифт ва ба ҳар як шаҳрванди Ҳинду Покистон дахл дошт, ҳанӯз ҳангоми порча-порча дар саҳифаҳои маҷаллаи ҳарҳафтаинаи "Дҳармаюга" ("Асри тиллоӣ") чоп шуданаш диққати ҳазорҳо хонандагонро ба худ ҷалб намуд. Барои Яшпал барин нависандаи инсондӯст тасвири дарду ғам, тақдири имрӯзу фардои ватан ва дар як марҳилаи таърихӣ ба сӯи фоҷиаҳои касношунид гом задани ашхоси аз душманони берунӣ ва тангназари дохилӣ фиребхӯрдаҳо, осон набуд, вале зарурати рӯйи коғаз овардани онро адиб барало ҳис мекард. Ба нависанда ин кор барои он осон набуд, ки вай намехост танҳо баёнгари бетафовут бошад. Гузашта аз ин адиб хавф аз он дошт, ки мабодо боз гумроҳони дигар пайдо шаванду оташи бадбинӣ аз нав аланга зада, боз ҳазорҳо бегуноҳонро ба коми худ фурӯ бараду боз ҳазорҳо манзилҳо тӯъмаи оташ шаванд. Адиб худ ҳамчун яке аз мубориозони фаъоли ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва муаллифи асарҳои сиёсӣ-таърихӣ, таърихи халқи худро хуб медонист. Яшпал аз ҷумлаи камтарин адибони солҳои мустамлика будани Ҳиндустон аст, ки бевосита силоҳ ба даст гирифта барои озодии Ҳиндустон шахсан мубориза бурдааст. Соли 1931 дар яке аз набардҳо ӯ то охирин тири дар камон доштааст муқобили политсияи мусаллаҳи мустамликадорон ҷангидааст ва сар нафаровардааст. Чун ӯро дастгир мекунанд зуд ҳукми қатлаш бароварда мешавад. Вале ба тудаҳои мардуми бархоста муяссар мешавад, ки сахт эътироз намуда, ҳукми қатлро бекор намоянд. Адиб ба муддати тӯлонӣ зиндонӣ мешавад. Пас боз ҳам бо талаби мардум, ки "Маҳкумҳои сиёсӣ озод карда шаванд" мегуфтанд, соли 1938 Яшпал аз зиндон озод мешавад. Ояндаи зиндагии ӯ боз ҳам бо мубориза

4. Челышев Е. П. Литература хинди. М., 1968, с. 266-267.

алоқаманд буд, ҳарчанд, ки он мубориза акнун шакли дигар дошт. Акнун бар ивази силоҳ дар дасти Яшпал қалам нақши асосиро мебозид. Пеш аз оғози роман дар аввалин саҳифаи он омадааст: “Дар романи “Ҳақиқати қалбакӣ” ман як порчаи хурди ҳақиқатро бо иловаи андешаҳои худ чун муаллиф тасвир намудам. Ҳоло ин асари худро мебахшам ба халқи худ, ба халқе, ки ӯро борҳо бераҳмона фиреб додаанд, ба халқе, ки ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, бисёр матин ҳақиқатро нигоҳ доштааст, барояш мубориза бурдааст ва ҳеҷ гоҳ дар ин мубориза мардонагиву шуҷоатро аз даст надодааст”.[12,3]

Имрӯзҳо ҳазорҳо ҳиндувон ва на танҳо ҳиндувон, боз ҳамаи онҳое, ки дар ҷустуҷӯи фаҳмидани ҳамаи ҳақиқати задухӯрдҳои солҳои чилуми асри ХХ дар Ҳиндустон мебошанд, бештар на ба воқеаномҳои он солҳо, балки ба “Ҳақиқати қалбакӣ” барин асарҳои реалистии адибон рӯ меоранд. Яшпал бо тасвири муфассали воқеаҳои таърихии бародаркушиҳо маҳдуд нашуда, бемаънӣ, зиёновар ва зиёдтар аз ин аслан ба манфиати кӣ будани шикасти ягонагии мардумони Ҳиндустонро боварибахш нишон додааст, ки имрӯзҳо низ аҳамияти худро аз пештар бештар нигоҳ доштааст.

## АДАБИЁТ


1. Бабу Гулабрай. “Таърихи оммафаҳми адабиёти ҳиндӣ” (“Hindi sahitya ka subodh itihas”). Агра, 1992, - 278 с.
2. Бекаева Д. К. Социально-политические романы Яшпала. Ташкент. 1978, - 72 с.
3. Бхишма Саҳни. Ҷаҳолат (Тамас). Деҳлӣ, - 310 с.
4. Камала Прасад. Яшпал. Деҳлӣ, 2011, - 72 с.
5. Камлешвар. Чанд Покистон (Kitne Pakistan). Деҳлӣ, 2004, - 361с .
6. Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ. Лоҳур, Ҳайдаробод, Карочӣ. 1981, -1300с.
7. Рабинович И.С. Сорок веков индийской литературы. М. 1989, - 336 с.
8. Хушвант Синх. Қатора ба сӯйи Покистон. (Pakistan mail). Деҳлӣ, 2016. – 208 с.
9. Шямчандр Капур. “Таърихи адабиёти ҳиндӣ” (“Hindi Sahitya ka Itihas”). Деҳлӣ, 1999, - 348 с.
10. Эминова С. М. Традиции и новарство в современном романе хинди. М., 1987, - 132 с.
11. Яшпал. Маҷмӯаи асарҳо” (“Yashpal. Rachna sanchayan”), Деҳлӣ, 2012, - 368 с.
12. Яшпал. Ҷхутҳа сач. (Ҳақиқати қалбакӣ). Ҷилди якум. Оллоҳобод, 2016, - 418 с.
13. Челышев Е. П. Литература хинди. М., 1968. – 328


## НАЗАРЕ БА РОМАНИ ЯШПАЛ “ҲАҚИҚАТИ ҚАЛБАКӢ”


Нависандаи маъруфи ҳинд Яшпал (1903-1976) дар охири солҳои 50-уми асри гузашта романи “Ҳақиқати қалбакӣ”-ро иншо кард, ки он ба ҳаводиси соли 1947, ки кишвар аз рӯйи муносибати динӣ ба ду давлат тақсим шуд, бахшида шудааст. Дар таърихи адабиёти ҳинд “Ҳақиқати қалбакӣ” беҳтарин асари инъикоскунандаи бархурди ҳиндуҳо бо мусалмонон эътироф шудааст. Нависанда дар ин роман масоили мухталифи ҳамон давраро мавриди брассӣ қарор қарор додааст. Муаллиф бошад дар ин мақола бештар ба паҳлӯйи инъикоси бархӯрди муносибатҳои динӣ, ки инсонҳо шефтаи он шуда, ба амалҳои номатлуб даст заданд, таваҷҷӯҳ намудааст.

Муаллиф ба он назар аст, ки мавзӯъи романи Яшпал кӯҳна нашуда, балки дар ин даврон, ки бархӯрди динӣ боиси харобиҳои зиёд дар олам шудааст, он хеле актуалӣ мебошад. Асари мазкур ҳушдор медиҳад, ки инсонҳо ба ақидаҳои мухталиф дода нашуда, балки барои якпорчагии ватан талош бояд кунанд.

Калидвожаҳо: Яшпал, роман, Ҳиндустон, чудоии давлат, бархӯрди динҳо, ҳақиқати қалбакӣ, ҳиндуҳо, мусалмонон, куштор.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабов Ҳабибулло, доктори илмҳои филология, мудири шӯъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

## О РОМАНЕ ЯШПАЛА “ЛОЖНАЯ ПРАВДА”

Исследование, посвященые Яшпалу и его роману “Ложная правда” как в Индии так зарубежом этой страны немало, однако основным проблемам - религиозным столкновениям и их страшным последсвиям и причины возникновения подобных трагедии уделены мало внимание. Поэтому мы особое внимание уделяли именно этим проблемам. В наши дни тысячи индусов и не только индусы, но и те, которые хотят узнать о причинах и последствиях того трагического периода, обращаются больше всего к таким произведениям как реалистический роман “Ложная правда”. Яшпал не ограничивается только описанием тех трагических братоубийственных событий, но показывает также на столько они были бессмысленнимы, вреднимы и кому были выгодны разобшенность индий-ского народа. Исслеование данной проблемы и сегодна очень актуално.

Ключевые слова: Яшпал, роман, Индия, разделение страны, религиозные столкновения, ложная правда, индусы , мусулмане, убийство.

Сведения об авторе: Раджабов Х.

д.ф.н., зав. отдел. Юго-Восточной Азии, Института изучения вопросов Азии и Европы

## ABOUT YASHPAL’S NOVEL “FALSE TRUTH”

Outstanding prose writer of India Yashpal (1903-1976) in the late fifties of the twentieth century wrote a novel called “False truth”, which is dedicated to the tragic events of 1947, when the country, according to religious principles, was divided into two separate States. In the history of Hindi literature the novel “False truth” is considered to be the best works covering the Indo-Muslim clashes. In the novel, the writer pays great attention to the actual problems of the time. However, we considered mainly the problems associated with religious clashes, when people lost their minds in the blind created cruelty and heartlessness. As a result of these clashes, more than a million innocent people on both sides were killed. Thousands of homes and beautiful buildings were destroyed and burned, and millions were forced to leave their homes without Gilles and place of residence. Therefore, today more than ever it is necessary to think soberly about these tragic events in order to prevent such a tragedy in the future. The study devoted to Yashpal and his novel “False truth” both in India and abroad of this country a lot, but the main problems - religious clashes and their terrible consequences and the causes of such a tragedy paid little attention. Therefore, we paid special attention to these problems. Nowadays, thousands of Hindus and not only Hindus, but also those who want to learn about the causes and consequences of that tragic period, turn most of all to such works as the realistic novel “False truth”. Yashpal is not limited to the description of those tragic fratricidal events, but also shows how much they were meaningless, harmful and who benefited from the disunity Indian people. The study of this problem and today is very relevant.

Keywords: Yashpal, novel, India, division of the country, religious clashes, false truth, Hindus , musulman, murder

# МАҚОМИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

**Т. Н. МАРДОНӢ**
**д.и.ф., профессор**

Интишори забони арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳанӯз аз замони футуҳоти исломӣ, гаравидани мардуми тоҷики ин сарзамин ба дини мубини ислом, омӯхтани Қуръон ва аз худ намудани расми тоату ибодат, оғоз ёфта буд.

Тоҷикон бо мурури замон дар ҳифзи забони арабӣ чунон мутабаҳҳир гардиданд, ки худ ҳар гуна фарҳангҳо, луғатномаҳо, шарҳу тафсири Қуръон ва насабномаҳоро ба ин забон месохтанд, ҳадисҳо ҷамъоварӣ мекарданд, ба таълифи китобҳои сарфу наҳви арабӣ машғул мешуданд, ба ин забон осори манзуму масури дилписанд эҷод менамуданд. Аз он замони футуҳот то ибтидои асри IX давраи дусадсолае гузашт, ки муаррихони муосир онро аз забони олими намоёни иронӣ равоншод Абдулҳусайн Зарринкуб «ду қарни сукут» номидаанд бад-ин маънӣ, ки дар ин давра қариб дар ағлаби соҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла ҳукуматдорӣ ва илму адаб, забони арабӣ роиҷ буд. Вале аз асри IX сар карда забони форсии тоҷикӣ оҳиста-оҳиста мавқеъи худро дар ҷомеа чунон мустаҳкам намуд, ки дар асри X аллакай як силсилаи бузургеро аз аҳли қалам ба вуҷуд овард, ки онҳо «Аҷам зинда карданд бад-ин порсӣ». Дар баробари ин забони арабӣ чун забони Қуръону ҳадис ва шеъри баланд маҳбубияти худро аз даст надода, дар илму адаб, хоҳ назму хоҳ наср-баробар истифода мешуд. Гузаштагони мову шумо бо ин забон осори гаронбаҳое эҷод кардаанд, ки ба воситаи кутуби таъриху таълифоти илмиву тазкираҳои адабӣ қисме аз он то ба рӯзгори мо омада расидааст ва ниёз ба таҳқиқу баррасӣ дорад.

Бояд гуфт, ки бо гузашти асрҳо майдони истифодаи забони форсии тоҷикӣ густурдатар шуд ва нуфузи он ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифт.

Баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки гӯё мавқеъи забони арабӣ

дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои минбаъда сусту заиф гашта, он танҳо дар майдони дину мазҳаб истифода мегашт ва дигар ба илму адаб роҳ намеёфт. Ин суханҳо ба воқеъият мувофиқ нестанд. Яке аз маъхазҳои муътамади таърихию адабӣ “Ятимат ад-даҳр”-и Абумансур ас-Саолибӣ нишон медиҳад, ки дар асри Х дар Хуросону Мовароуннаҳр қариб 120 шоири арабизабон фаъолияти эҷодӣ мебурданд ва аз худ мероси назаррасе боқӣ гузоштаанд [3]. Мо медонем, ки пас аз асри Х низ забони арабӣ дар эҷодиёти илмиву адабии Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ, Умари Хайём ва дигарон ҷои намоёне дошт. Охир дар ҳама қуруни гузашта касби илмҳои зарурӣ ва анъанавӣ бе донистани забони арабӣ муҳол буд.

Ин гумонҳоро эҷодиёти бисёрҷанбаи олим, шоир, адиб ва мутафаккири шуҳратёри тоҷик Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ низ рад ва барканор месозад.

Забони арабӣ дар осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мавқеи намоёнеро ишғол менамояд ва ба ин ҳар муҳаққиқе, ки ба тадқиқи рӯзгор ва осори ӯ машғул шудааст, ҳатман таъкид менамояд. Барои ворид шудан ба мавзӯи фарҳанги арабии Мавлоно кифоя аст, ки кас ба мероси манзуму мансури ӯ ошноӣ пайдо кунад. Дар натиҷа ӯ мефаҳмад, ки ин чи мавзӯи густурда, паҳновар ва мураккабу серпаҳлӯе будааст. То ба ҳол касе ба омӯзиши пурраи ин масъала машғул нашудааст, гарчанде ба мавзӯи мазкур дар китобҳои таърихи адабиёт, масалан, “Таърихи адабиёт дар Ирон”-и Забиҳулло Сафо [4], дар китобҳои ба Ҷомӣ бахшидашудаи адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод, аз ҷумла “Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир” [1], “Ҷомӣ” ном асари олими эронӣ Алиасғар Ҳикмат [5] ва ғайра.

Мақолаи мо як барги хурдест дар дарахти бузурги ҷомишиносӣ, ки танҳо барои равшан сохтани паҳлуҳои мавзӯи мазкур барои муҳаққиқони оянда хизмат хоҳад кард.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Мавлоно Ҷомӣ сарфу наҳви забони арабиро ҳанӯз дар хурдсолӣ нахуст аз падари худ Мавлоно Низомиддин Аҳмад таълим гирифта, сипас дар Ҳирот тавассути устодони донишманде ба мисли Мавлоно Ҷунайди Усулӣ, ки дар илми арабият моҳир буда ва дар он фан шуҳрати тамом доштааст, маърифати арабии худро такмил додааст [7]. Дар қасидаи ҳасбиҳолии худ «Рашҳу болин би шарҳи ҳолин» Ҷомӣ хотирнишон менамояд, ки муқаддамоти улуми ибтидоияшро, аз ҷумла сарфу наҳви забони арабиро аз худ намуда, инчунин Қуръони маҷидро аз бар кардааст. Масалан, ӯ мегӯяд:[7, 7].

*Даромадам пас аз он дар мақоми касби улум?*
*Муморисони фунунро фитода дар дунбол.*

*Зи наҳвиён талабидам қавоъиди иъроб*
*Зи сарфиён шунавидам завобити иълол.*

Пас аз ин ҳангоми таҳсил дар мадрасаи «Низомия»-и шаҳри Ҳирот ва баъдан дар Самарқанд ӯ улуми маонӣ, мантиқ, ҳикмати машшоӣ, яъне фалсафаи пайравони Арасту, ҳикмати ишроқӣ, яъне фалсафаи пайравони Афлотун, илмҳои табииёт, риёзиёт, илоҳиёт, фиқҳ, усул, ҳадис ва тафсирро фаро гирифта будааст.

Маълум аст, ки аксари ин улум ба забони арабӣ таълим дода мешуд. Минбаъд худи Мавлоно Ҷомӣ як қатор асарҳояшро ба забони арабӣ таълиф кардааст ва ё баъзе аз осори шоирон ва мутафаккирони барҷастаи арабро ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума ва шарҳ намудааст. Масалан, Ҷомӣ куллиёти осори худро тартиб дода, муқаддимаи онро, ки «Тафсир «Фотиҳат ал-китоб» ном дорад, ба арабӣ таълиф намудааст. Ҳамчунин «Сарф ал-лисон» ном асари худро низ ба арабӣ дар шакли манзума навиштааст. Ба масъалаҳои сарфу наҳви арабӣ бахшидашудаи асари Мавлоно, ки бо номҳои «Фавоиди зиёия», «ал-Фавоид аз-зиёия фи шарҳ «ал-Кофия», «Шарҳи мулло», «Шарҳи Ҷомӣ»ва ғайра машҳур аст, низ ба арабӣ таълиф ёфтааст. Ин асарро Ҷомӣ барои писараш Зиёуддин Юсуф дар шарҳи «ал-Кофия фи -н- наҳв»-и Ибн ал - Ҳоҷиб (ваф.645/1248) навиштааст ва ин охирин асари комилан анҷомёфтаи ӯст. Муаллиф дар он аввал ҷумлаю ибораҳои Ибн ал-Ҳоҷибро оварда, онҳоро шарҳ медиҳад ва аз онҳо натиҷаҳои судманд гирифта, гуфтори худро бо иқтибоси оятҳову ҳадисҳо ва ашъори арабӣ тақвият мебахшад. Қариб беш аз панҷсад сол аст, ки «ал-Фавоид аз-зиёия» дар мадориси Осиёи Миёна, Қафқоз, Ирон, Ҳиндустон, Покистон, музофотҳои назди Волга китоби ҳатмии дарсӣ буда, дар кишварҳои арабӣ ҳануз ҳам мавриди истифода аст [1, 130].

Қобили зикр аст, ки Ҷомӣ дар бораи сарфу наҳви забони арабӣ бо назми ба наср омехта рисолае навиштааст, ки «Сарфи форсии манзум ва мансур» ном дорад. Баъзе асарҳои Ҷомӣ ё мансуб ба ӯ луғатномаҳоеро мемонад, ки дар он калимаву ибороти арабӣ ба тоҷикӣ шарҳ ёфтааст. Масалан, дар «Рисолаи таҷниси хат», ки худ як манзумаест, луғоти арабӣ ба тасҳиф ва табдили аломати хатти маонии гуногун ҳосил менамояд[1,138]. Дар рисолаи дигари мансуб ба Ҷомӣ мисраъҳои тоқ шаш калимаи арабӣ ва мисраъҳои ҷуфт ҳамин микдор калимаҳои форсӣ-тоҷикии тарҷумаи онҳоро фаро мегирад ва бақия луғати лафз ба лафзи манзуми арабӣ ба форсии тоҷикӣ

мебошад [1,140].

Мавлоно Ҷомӣ якчанд асаре ба забони арабӣ дорад, ки иртиботи онҳо бо тасаввуф ва ирфон намоён аст. Ашъори тасаввуфӣ аз ибтидо махсусан ба шеъри маддоҳони дарбори шоҳону сарватмандон зид меистод. Эҷодиёти мутафаккирони бузурги араб - Муҳиюддин ибн ал-Арабӣ (1165-1240) ва Умар ибн ал-Фориз (1181-1235), ки ба Мавлоно Ҷомӣ таъсири амиқи худро гузоштаанд, мисоли равшани ин гуфта шуда метавонад. Ин асарпазирии Мавлоно аз шоирон ва мутафаккирони мазкури араб дар шарҳу тафсири баъзе аз осори онон аз тарафи ӯ маълум мегардад. Масалан, Мавлоно асаре дорад бо номи «Накд ан-нусус» ва ё «Накд ал-фусус», ки шарҳест бар асари машҳури фалсафию ирфонии Муҳиюддин ибн ал-Арабӣ «Нақш ал-фусус», ки онро худ аз асари бузургҳаҷми машҳураш «Фусус ал-ҳикам» мунтахаб сохтааст [6].

Асари Ҷомӣ «Накд ан-нусус» насри омехтаи тоҷикӣ ва арабӣ буда, дар он нақши нозуки «Накд ан-нусус» аз ҷумла масоили фалсафии ирфонӣ тавзеҳ дода мешавад.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки Мавлоно асари асосии Ибн ал-Арабиро, ки «Фусус ал-ҳикам» ном дорад, бевосита ба арабӣ шарҳ дода, шарҳро дар баҳори соли 1461 ба охир расонидааст.

Яке аз шарҳҳои меъруфе, ки Ҷомӣ навиштааст шарҳи қасидаи «Тоия» ё «Назм ас-сулук» ва ё «ат-Тоият ал-кубро» -и Ибн ал-Фориз аст, ки аз 760 байт иборат аст. Шарҳи Ҷомӣ ҳамаи ин қасидаро фаро нигирифта, танҳо қисмати аввали «Назм ас-сулук»-ро, ки «Назм ад-дурар» ном гирифтааст, шомил аст [8]. Сабаби шарҳи худро идома надодани Ҷомӣ маълум нест.

Ба қалами Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчунин рисолаи мавзуни «ал-Лавомеъ» тааллуқ дорад, ки худ шарҳи «Қасидаи мимияи хамрияи форизия» мебошад. Ин асар рисолаи ирфонӣ-фалсафӣ буда, дар он калимаву ибораҳои мураккаб ва ақволи рамзии ин қасидаи Абуҳафс Умар ибн ал-Фориз шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Асар аз 50 фасли хурд иборат аст ва ҳар як фаслро муаллиф «ал-Лумъа» (ҷамъ «ал-Лавомеъ») номидааст. Дар ин рисола аввал шарҳи қасидаи Ибн ал-Фориз оварда шуда, алфозу калимот ва ишораҳои он шарҳу тавзеҳ меёбад, баъд маънои он байт ба наср баён мегардад. Ва дар охири «ал-Лумъа» байти арабӣ дар қолаби рӯбоӣ ба тоҷикӣ тарҷума карда мешавад. Ҳамчунин Мавлоно рисолаҳои хурде ба монанди «ар-Рисола фи-л- вуҷуд», «Таҳқиқ ал-мазоҳиб», ки бо номи «ад-Дуррат ал-фохира» машҳур аст, ба забони арабӣ таълиф кардааст [1,131].

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар навиштани ашъори худ низ аз донишҳои амиқаш дар забони арабӣ хезе зиёд истифода бурдааст. Албатта,

ҳамчун як шоири донишманд, ӯ дар абёти рангини худ оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавиро ба таври васеъ ба кор мебарад. Дар баъзе ҳолатҳо бо ин сабаб ашъори ӯ ашъори Мавлонои Румиро мемонад.

Дар девонҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дастраси мо гардидаанд, ягон ғазал, қитъа ё қасидае, ки комилан бо забони арабӣ навишташуда бошад, ба назар нарасид. Лекин ибораҳо, мисраъҳо ва байтҳои алоҳидаи арабӣ дар ашъори ӯ фаровон мушоҳида мешаванд. Чанд мисол аз "Куллиёти девони Ҷомӣ" меорем:

*Субҳонака, ло илма лано илло мо*
*Алламта ва алҳамта лано илҳомо*
*Моро бираҳон зи мову огоҳӣ деҳ*
*Аз сирри маъийяте, ки дорӣ бо мо.*

*Форақти ва ло ҳабиба ли илло ант*
*Аҳбоб чунин кунанд? Аҳсант! Аҳсант!*
*Занн мебурдам, ки дар фироқам бикушӣ,*
*Валлоҳи лақад фаъалти мо кунту занант.*

*Қалби би сафои хаддикум мафтуну*
*Нутқи би сифоти қаддикум мавзуну*
*Аз ишқи шумо ҷунуни ман нест аҷаб*
*Антум Лайла, васийюкум Маҷнуну*

*Аз соҳати дил гарди риё руфтан беҳ*
*В-он гаҳ гуҳари ҳамду сано суфтан беҳ*
*Лекин чу забони илм аз он кутоҳ аст*
*Субҳонака ло илма лано гуфтан беҳ.*

*Ҷомӣ, абнои замон аз қавли ҳақ сумманду букм*
*Номи эшон нест индаллоҳи ба ҷуз шарру-д-давоб*
*Гардани ҳиммат бикаш аз рабқаи тақлидшон*
*В-арна афтӣ оқибат аз манҳаҷи сидқу савоб*
*Дар биёбони «Саяҳдиҳим» диҳад саргашта ҷон*
*Ҳар киро бошад далели раҳ иза кона-л-ғуроб*
*Дар либоси дӯстӣ созанд кори душманӣ*
*Ҳасба-л-имкон воҷиб аст аз қайди ишон иҷтиноб.*
*Шакли ишон шакли инсон, фиълашон фиъли субоъ*
*Ҳум зи обун фи сиёбин ав сиёбун фи зиёб*

Дар миёни ашъори Ҷомӣ абёти дилчасбе ҳаст, ки онро шеъри муламмаъ ё ширу шакар меноманд. Яъне, як шеър ҳам мисраъ ва байтҳои арабӣ ва ҳам

тоҷикӣ дорад. Вале овардани онҳо ва мисолҳои дигар маърузаро ба дарозо мекашад.

Баъзе аз муламмаоти Мавлоно Ҷомӣ дар мақолаи устоди донишманду муаллими гиромиқадри мо Ҳасан Иброҳим ан-Наққош оварда шудааст]3[.

Дуруст аст, ки дар “Куллиёти девони Ҷомӣ” чанд ғазали ангуштшуморе ҳаст, ки ба қонуну қоидаи шеъри муламмаъ, ки суханшиноси қадим ба монанди Муҳаммад ибн Умар ар-Родуёнӣ, Рашидуддин Ватвот, Атоуллоҳ Ҳусайнӣ ва дигарон муайян кардаанд, ҷавобгӯ мебошад. Аммо дар аксари ғазалиёт ва қасоиди Мавлоно ду-се байти тоҷикию арабӣ оварда мешавад, вале дар бақияи абёт тартиби муайяншудаи муламмаъ риоя нагардидааст.

Забони арабӣ ба ашъори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ - хоҳ дар осори илмиву мазҳабиаш, хоҳ ирфониву адабиаш ва хоҳ мансуру хоҳ манзумаш - ҷилои тоза, ҳусну ҷамол ва маънии баланду мафоҳими амиқ бахшидааст. Забони арабӣ ба ӯ имкон додааст, ки ҳама гуна андешаҳояш ва мазомини мураккаберо дар назму насри худ ба осонӣ ва ба таври басе ҷозибаноку дилкаш баён намояд.

Тадқиқи мавзӯи “Мақоми забони арабӣ дар эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ ва робитаи ӯ бо адабиёти араб” хеле серпаҳлуву паҳновар аст ва омӯзиши алоҳидаеро тақозо мекунад. Умед аст, ки аз миёни арабшиносони ҷавон муҳаққиқоне ба арсаи илм по мегузоранд, ки ҳаллу баррасии ин мавзӯро ҷасурона бар души худ мегиранд.

## АДАБИЁТ


1. Афсаҳзод, Аълохон. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир.- Душанбе: Ирфон, 1989.

2. ан-Наққош, Ҳасан Иброҳим. Муламмаоти Ҷомӣ. // Ҷашнномаи Ҷомӣ.- Ленинобод: Ирфон, 1966.-с. 134-136.

3. ас-Саолибӣ. Ятимат ад-дахр, ҷ.2, с. 255-256.

4. Сафо, Забиҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Ирон ва дар қаламрави забони форсӣ. Аз поёни қарни ҳаштум то авоили қарни даҳуми ҳиҷрӣ. Ҷилди 4. Чопи даҳум Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1373.-608с. (Ҷомӣ, с. 347-368, 514-517).

5. Ҳикмат, Алиасғар (1271-1359). Ҷомӣ. Мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзум ва мансури хотимашшуаро Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. (817-897 ҳ.қ.). Чопи саввум.-Теҳрон: Интишороти Тус, 1386. 411 с.

6. Ҷомӣ, Абдурраҳмон ибн Аҳмад. «Накд ан-нусус» фи шарҳи «Накш ал-фусус». Бо муқаддима ва тасҳиҳ ва таъликоти Вильям Четтик ва пешгуфтори Сайид Ҷалолуддин Оштиёнӣ. Чопи дуввум.-Теҳрон: Муассисаи пажуҳишии ҳикмат ва фалсафаи Ирон, 1381.-518с.

7. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Девон. Бо муқаддима ва ишрофи Муҳаммад Равшан. Чопи дувум- Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ. 1390. -840с.

8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Тарҷумаи «Тоия»-и Ибн ал-Фориз. Ба инзимоми «Шарҳи Маҳмуди Қайсарӣ бар «Тояи» Ибни Фориз» Муқаддима, тасҳиҳ ва таҳқиқи доктор Содиқ Хурушо. Дафтари нашри мероси мактуб Чопи аввал.-Теҳрон: Нуқта, 1386.-346с.

9. Ҷомӣ. Абдурраҳмон ибн Аҳмад. Куллиёти девони Ҷомӣ. Бо муқаддимаи Фаршид Иқбол. Чопи аввал.-Теҳрон: Иқбол, 1385-811с.

# МАҚОМИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар эҷодиёти шоирон ва адибони бузурги асрҳои миёнаи форсу тоҷик забони арабӣ ҳамеша мавқеъ ва мақоми хоссеро доро буд. Яке аз шахсиятҳои номдори таърихи адабиёти форсу тоҷик, устоди каломи бадеъ, мутафаккир ва шоири барҷаста Абдурраҳмони Ҷомӣ буд, ки дар мероси адабии ӯ забони арабӣ мақоми хеле намоён дошт.

Дар ин мақола кӯшиш шудааст, ки роҳҳои асосии омӯзиши ояндаи осори арабии ин адиби забардасти тоҷик муайян карда шавад, таъсири шоирон ва адибону файласуфони асрҳои миёнаи араб ба эҷодиёти ӯ тадқиқ гардад ва мавзӯоти ғоявӣ ва бадеии осори арабии ӯ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирад.

**Калидвожаҳо:** Ҷомӣ, осор, қасида, байт, фарҳанг, арабӣ

# МЕСТО АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУРРАҲМАНА ДЖАМИ

Арабский язык всегда занимал значительное место в творчестве крупнейших персидско-таджикских поэтов средневековья, одним из которых является выдающийся мастер художественного слова, мыслитель и поэт Абдуррахмана Джами.

В настоящей статье предпринимается попытка наметить основные направления предстоящих исследований в области арабоязычного наследия великого таджикского ученного и поэта, проблем влияния на его творчество средневиковых арабских поэтов и философов, идейно-тематического содержания его литературного наследия на арабском языке.

**Ключевые слова:** Джами, творчество, касыда, бейт, культура, арабский.

# THE PLACE OF THE ARABIC LANGUAGE IN ABDURRAHMAN JAMI'S HERITAGE

Arabic has always occupied a significant place in the works of the greatest Persian-Tajik poets of the Middle Ages, one of whom is the outstanding master of artistic expression, thinker and poet Abdurrahman Jami.

This article attempts to outline the main directions of upcoming research in the field of the Arabic-speaking heritage of the great Tajik scholar and poet, problems of influence on his work of average Arab poets and philosophers, the ideological and thematic content of his literary heritage in Arabic.

**Keywords:** Jami, creativity, kasida, beyt, culture, Arabic.

# МИНТАҚАШИНОСӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТАДЖИКСКО-ЕВРОПЕЙСКИХ ОТНОШЕНИЙ

**Абдугани МАМАДАЗИМОВ,**
**к.п.н., в.н.с. Института изучения проблем Азии и Европы АН РТ**
**Г.П. Шозиёева,**
**к.ф.н., ученый секретарь Института изучения проблем Азии и Европы**

Современное состояние таджикско-европейских связей, которого можно ознаменовать как стабильное многоплановое партнерство, берет свое начало с 1 января 2010 года, когда начало действовать Соглашение о партнерстве и сотрудничестве между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом[5]. Примечательно, что оно совпало на середину реализации первой Стратегии ЕС по Центральной Азии, охватывающей 2007-2013 гг.

Несмотря на неоднозначность итогов реализации данной Стратегии ЕС она подняла двусторонние отношения между Таджикистаном и ЕС на новый уровень. Стратегия создала основу для регулярного политического диалога на уровне министров и расширения сотрудничества по ключевым инициативам, например, в области верховенства закона, образования, охраны окружающей среды и водных ресурсов. Особое внимание уделялась безопасности и стабильности в регионе, в частности, общим угрозам, относящимся к сфере управления границами и противодействия наркоторговле.

Необходимо подчеркнуть, что географическое местонахождение Таджикистана, имеющего ок. 1400 км. общей границы с нестабильным Афганистаном, актуализирует вопрос тесной кооперации с сфере укрепления таджикско-афганской границы и противодействия незаконному обороту наркотиков как вовремя реализации первой Стратегии, так и новой, которая будет принята в текущем году.

С другого (левого) берега бассейна Пяндж-Амударьи начинается не только длинная дорога нелегальных мигрантов в сторону Европы, но и

5. Отношение Таджикистана с Европейским Союзом. **http://mfa.tj/?l=ru&cat=92&art=176** (доступ 2.05.2019)

начальный пункт наркотрафика через Центральной Азии в Россию и Европу и миграция представителей международного терроризма и религиозного экстремизма. Поэтому усиления охраны таджикско-афганской границы отвечает национальным интересам не только постсоветских государств, но и Европейского Союза. Здесь нельзя не отметит важность крупных программ ЕС: БОМКА реализующей своей девятой фазы по содействию управлению границами в Центральной Азии и КАДАП, реализующей шестой фазы программы - укрепление потенциала пяти стран региона в борьбе с наркотиками в регионе в полной и устойчивой мере[6].

Не случайно министр иностранных дел Таджикистана Сироджиддин Мухриддин во время встречи с верховным представителем Европейского Союза по иностранным делам и политике безопасности Федерикой Могерини (23 ноября 2018 года в городе Брюссель) в рамках участия на очередной Встрече министров иностранных дел стран Центральной Азии и Европейского Союза, выразил заинтересованность республики на увеличение помощи Европейского Союза в рамках этих программ[7].

Представительство ЕС в Таджикистане в настоящее время осуществляет «Многолетнюю индикативную программу на 2014-2020 годы», которая охватывать три основных приоритета:

-развитие сельских районов,

-здравоохранение и

-образование и профессиональная подготовка.

Нельзя не отметить заслуги Директората Европейских Операций по Гражданской Защите и Гуманитарной Помощи (ECHO) ЕС, действующей в Таджикистане с 1992 года, т.е., с года образования ЕС, представшего за эти республике гуманитарной помощи на сумму более 180 млн. евро по трем направлением:

- помощь жертвам гражданской войны;

- снижения уровня бедности и, в последние годы,

-преодоления последствий природных катаклизмов[8].

В 2014 году ЕС стал пятым крупнейшим торговым партнером Таджикистана после Китая, России, Казахстана и Турции, с удельным весом в 10,1% в его общей внешней торговле. ЕС в основном импортировал из Таджикистана алюминий, текстиль и текстильные изделия, а также сельхозпродукты. Кроме того, ЕС является важным партнером по экономическому развитию

6 Программа отмечает свой официальный старт. https://www.bomca-eu.org/ru/news/29-the-programme-celebrates-its-official-launch-ru ( доступ 2.05.2019)

7 Встреча Министра иностранных дел Таджикистана с Верховным представителем ЕС по иностранным делам и политике безопасности http://mfa.tj/index.php?l=ru&cat=8&art=3828 ( доступ 2.05.2019)

8 Гуманитарная помощь Евросоюза и гражданская защита в Центральной Азии: прошлые и будущие кризисы https://eucentralasia.eu/ru/2013/01/the-eus-humanitarian-aid-and-civil-protection-policy-in-central-asia-past-crises-and-emergencies-to-come-ru ( доступ 2.05.2019)

Таджикистана посредством реализации региональных и национальных проектов помощи.

Диалоги по правам человека между ЕС и Таджикистаном создают платформу для обсуждения вопросов, представляющих взаимный интерес, и способствуют усилению сотрудничества в области соблюдения прав человека в рамках многосторонних форумов, таких как Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе (ОБСЕ) и др. Официальные лица ЕС ежегодно встречаются со своими коллегами из правительства Таджикистана для решения проблем в области прав человека. В данном направлении Европейский инструмент содействия демократии и правам человека (ЕИДПЧ) является важным инструментом ЕС для финансирования и поддержки проектов, связанных с правами человека в Таджикистане. В Таджикистане деятельность ЕС сосредоточена на содействии созданию плюралистической политической системы с одновременным укреплением роли гражданского общества.

В последние годы среди молодежи республики все больше интерес проявляется учеба в европейских вузах, которые все больше вовлекаются в образовательные программы ЕС.

С 2007 года доброй ежегодной традицией стало Фестиваля Неделя Европы, охватывающий не только столицы, но и многие города нашей горной страны, организуемая со стороны представительства Европейского Союза в Таджикистане, которая за более десятилетия стала неотъемлемой частью местной культурной жизни.

Несомненно, международная конференция в Самарканде «Центральная Азия: одно прошлое и общее будущее, сотрудничество ради устойчивого развития и взаимного процветания» (10 ноября 2017 г.) ознаменовало, с одной стороны начало эры тесной региональной кооперации и интеграции в нашем регионе. А с другой стороны активное участие в ней верховного представителя ЕС г-жи Фредерики Могерини актуализировал вопрос изучения европейского опыта для региональной интеграции Центральной Азии[9].

Запланированное на середине текущего 2019 года принятие новой обновленной Стратегии Европейского Союза по отношению к Центральной Азии, в которой будет учтены неиспользованные ресурсы двустороннего сотрудничества и новые перспективы расширения взаимоотношений откроет новую страницу в таджикско-европейских отношениях.

## ЛИТЕРАТУРА

9 Верховный представитель ЕС Фредерика Могерини встретится с президентом Узбекистана. http://review.uz/ru/news/policy/newss12493 ( доступ 2.05.2019)

1. Отношение Таджикистана с Европейским Союзом. http://mfa.tj/?l=ru&cat=92&art=176 (доступ 2.05.2019).
2. Программа отмечает свой официальный старт. https://www.bomca-eu.org/ru/news/29-the-programme-celebrates-its-official-launch-ru ( доступ 2.05.2019).
3. Встреча Министра иностранных дел Таджикистана с Верховным представителем ЕС по иностранным делам и политике безопасности http://mfa.tj/index.php?l=ru&cat=8&art=3828 ( доступ 2.05.2019).
4. Гуманитарная помощь Евросоюза и гражданская защита в Центральной Азии: прошлые и будущие кризисы https://eucentralasia.eu/ru/2013/01/the-eus-humanitarian-aid-and-civil-protection-policy-in-central-asia-past-crises-and-emergencies-to-come-ru ( доступ 2.05.2019).
5. Верховный представитель ЕС Фредерика Могерини встретится с президентом Узбекистана. http://review.uz/ru/news/policy/newss12493 ( доступ 2.05.2019)

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТАДЖИКСКО-ЕВРОПЕЙСКИХ ОТНОШЕНИЙ

В статье анализируется состояние двусторонних таджикско-европейских связей и перспективы их расширения. 2010 год стал переломным моментом для углубления двусторонних связей, так как начало действовать Соглашение о партнерстве и сотрудничестве между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом. Постепенно двусторонние отношения стали охватывать и другие сферы, чему способствовала новая Стратегия ЕС по отношению стран Центральной Азии. Особое место в таджикско-европейских отношениях заняли укрепления таджикско-афганской границы и препятствования незаконному обороту наркотиков через эту границу. Это тесное сотрудничество создало благоприятный фон для активизации двусторонних связей в других сферах взаимодействия, охватывая такие сферы как образование и культуры. Принятие новой стратегии ЕС в текущем году откроет новую страницу в двусторонних связях.

**Ключевые слова**: таджикско-европейские отношения, БОМКА/КАДАП, Стратегия ЕС к Центральной Азии, представительство ЕС в Таджикистане

## CURRENT CONDITION AND PERSPECTIVES OF TAJIK-EUROPEAN RELATIONS

The article analyzes the state of bilateral Tajik-European relations and the prospects for their expansion. The year 2010 was a turning point for deepening bilateral relations, as the Agreement on Partnership and Cooperation between the Republic of Tajikistan and the European Union began to operate. Gradually, bilateral relations began to cover other areas, aided by the new EU Strategy for Central Asia. A special place in the Tajik-European relations was taken by strengthening the Tajik-Afghan border and preventing drug trafficking across this border. This close cooperation created a favorable background for the intensification of bilateral relations in other areas of cooperation, covering such areas as education and culture. Adoption of the EU strategy in the current year will open a new page in bilateral relations.

**Key words:** Tajik-European relations, BOMCA / CADAP, EU Strategy for Central Asia, EU Delegation in Tajikistan

**Сведения об авторе**: Мамадазимов Абдугани- в.н.с. Института изучения проблем Азии и Европы, к.п.н.. тел. (992)-985-305070.

# ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

**Г.П. ШОЗИЁЕВА,**
**номзади илмҳои филология**

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти худ ба системаи ҷаҳонӣ ва рушд ҳамаҷиҳата ворид шуда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон дар равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муҳимтарин вазъияти рушди сиёсӣ қарор дорад. Системаи сиёсии ҷумҳурӣ дар марҳалаи ҷустуҷӯи модели муносиби демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ қарор дорад. Сохтори сиёсии ҷомеа дар оянда бо стратегияи интихобшуда дар асоси равандҳои ҷорӣ муайян карда мешавад. Тафовут дар забон, фарҳанг, урфу одат, иқтисодиёт, дин ва дигар шаклҳои ҳаёти маънавии халқ дар тӯли таърих ва сарнавишти як кишвар таҳкурсии муҳимро барои пешрафт ва рушди устувори кишвар ба вуҷуд меовард. Дар доираи арзишҳои миллӣ метавон аз баъзе нуктаҳои «демократияи ғарбӣ» дар чаҳорчӯбаи маданияти шарқиёна истифода бурд. Албатта Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ин масъала буда, танҳо дар рӯияи тафаккури хусусиятҳои маҳаллӣ амал мекунад.

Модели демократикунонӣ мафҳуми иҷтимоӣ буда, дар шароити рушду густариши шаклҳои анъанавӣ ва нав ба шакли ғарбӣ-демократӣ татбиқшуда вазифаҳои муҳимтарини худро тарҳрезӣ менамояд. Раванди демократикунонӣ дар соҳаи сиёсат ба тағйирёбии муносибатҳои умумидавлатӣ ва навсозии минбаъдаи онҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, вуҷуд доштани шаклҳои мухталифи муносибатҳои бозаргонӣ ва моликияти хусусӣ дар ҷомеа ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ такони нав дода, ба баъзе тағйиротҳо оварда мерасонад.

Дар ҷомеаи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷомеаи дунявӣ мебошад, суботи сиёсӣ ва тавозуни демократикунонии раванди сиёсӣ, дар асоси қонунгузории ҷорӣ ва дар доираи фаъолияти пурра давлатӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҳарчанд таҷрибаи Тоҷикистон дар бунёд намудани давлат сохти демократия кам буд,  ба натиҷаҳои баланд соҳиб шуд. Боиси зикр аст, ки ин иқдом аз тарафи дигар ҳизбҳои давлатӣ дастгирӣ ёфт ва дар

амал ҷорӣ намудани он кӯшиш намуданд. Дар асоси стандарти меъёрҳои байналхалқии демократӣ базаи қонунгузории кишвар таҳия карда мешавад. Ҳамчунин якчанд ташкилоти ғайридавлатии ҷамъиятӣ дар ҳимояи он фаъолият доранд. Бояд гуфт, ки иқтисодиёт ва тиҷорати озод низ аз ин раванд таъсир мегирад. Тағйироти иқтисодӣ низ дар шароити демократӣ суратгирифта бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҷорӣ карда мешаванд. Ин тадбирҳо ба раванди демократикунонӣ ва татбиқ намудани равандҳои сиёсӣ баробар таъсир мерасонанд.

Ҳарчанд дар рафти татбиқ намудани равандҳои демократӣ ҷанбаҳои манфӣ низ вуҷуд доран, боз рушд ва густариши онҳоро озод мемонад. Ин нишонаи онро надорад, ки тарафи манфӣ ҳама вақти муқобили тарафи мусбӣ амал мекунад. Далели он ин аст, ки на ҳама принсипҳо ва равандҳои демократия бошиддат астанд. Дар ҷорӣ намудани баъзе принсипҳои татбиқшуда зарур аст, ки шароитҳои махсус ва ҳолатҳои зарурӣ муаҳайё бошанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ин танзим намудани фаъолияти сиёсии дохилӣ ва таъмин намудани арзишҳои демократӣ мебошад. Фарҳанги сиёсӣ дар ҳалли арзишҳои демократӣ нақши муҳим мебозад [7:169]

Дар тӯли даҳсолаҳои гузашта воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки баъзе ташкилотҳои байналхалқӣ демократияро ба ҳар навъ шарҳ медиҳанд.

Баъзе ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ принсипҳои демократияро дар зери назарияҳои гуманитарӣ ва инсонгаройӣ мефаҳманд, Лекин маълум мешавад, ки дар баъзе мавридҳо дар раванди демократӣ ба таври ихтиёрӣ ба ҷомеа муноқишаҳо, фазои бесарусомонӣ ва эътимоднокии ҳукуматҳо сар мезананд. Аз ин рӯ, бояд ёдовар шавем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба қувваи худ такя кунад ва дар асоси мушаххасоти худ, анъанаҳои ва мероси солими пешбаранда, таъсис додани фазои худро дар заминаи принсипҳои демократии ҷомеаи дунявӣ инкишоф медиҳад. Рушди арзёбии мусбӣ ва қабули ҷомеа аз принсипҳои демократӣ вобаста ба натиҷаҳои мусбии тағйирёбии равандҳои демократӣ вобаста аст. Мақсад ва вазифаи тағйирёбии демократӣ ҳамеша ва дар ҳам ҷой баркарорсозии субот, сулх, некӯаҳволӣ ва рушди ҷомеаро талаб мекунад. Маълум аст, ки вазъи сиёсии дохилӣ аз давлати демократӣ вобаста аст ва шароитҳои хуб барои беҳбудии некӯаҳволии шаҳрвандон фароҳам меоранд. Ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дарк кунад, ки ояндаи Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократӣ мебошад. Ин омили муҳим дар мустаҳкам нигоҳ доштани демократия дар кишвар лозим аст. Таҳия намудани стратегияи ва ислоҳоти муфассали сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳимтарини на танҳо барои коршиносону сиёсатмадорон аст, балки он системаи иҷтимоию

иқтисодии ҷомеа мебошад, ки аз омилҳои демократия сахт вобаста аст. Бо вуҷуди ин, ислоҳоти сиёсӣ дар ҷанбаҳои қонунӣ ва амалии Тоҷикистон дар пешорӯи иқтисодиёт пеш рафта истодааст. Бо дарназардошти аҳамияти назарраси иқтисодиёт, барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ дар соҳаи иқтисод муҳим аст, ки дар воқеъ меъёрҳои моддии зиндагии шаҳрвандон зиёд мешавад. Танҳо он вақт ҷомеа метавонад ба даврае, ки ислоҳоти муносибатҳои сиёсӣ ба давраи нав мегузарад, идома диҳад. Дар акси ҳол, ислоҳоти сиёсӣ, ки пойгоҳи иқтисодӣ надоранд, ҳамчун омили ноамнии вазъ дар кишвар хидмат хоҳанд кард.

Дар ҷомеа ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боиси баланд гардидани некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Чунин вазифаҳо бе имкон фароҳам овардани шароитҳои мусоид, ташаккули сатҳи зиндагии мардуми оддӣ, пешгирӣ намудани мушкилоти равандҳои дохилии сиёсӣ дар ҷомеа ғайриимкон мебошанд. Агар имкониятҳои соҳибкорӣ пурра ташкил карда шаванд, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар паст мешавад, зеро бисёре аз масоилҳои сиёсӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз давлат ба дасти тоҷирону соҳибкорон мегузаранд. Барои ташаккули он дар ҷумҳурӣ, таъмини амнияти воқеии соҳибкорон, низоми андозбандии мусоид, ташкили низоми самарабахши бонкӣ ва кредитӣ зарур аст. Системаи иқтисодӣ бояд ба таври ҷиддӣ ба мушкилоте, ки рӯ ба рӯ шавад, мутобиқ шавад. Ҳамин аст, ки тағйироти воқеии иқтисодиёт ва сатҳи моддии аҳолӣ баланд мешавад, он гоҳ метавон гуфт, ки низоми сиёсӣ устувортар ва минбаъд инкишофёфта аст [7:175]

Демократия дар фазои сиёсии Тоҷикистон бо роҳи ислоҳоти иқтисодӣ ва дастовардҳои кишвар муайян карда мешавад. Бисёре аз самтҳои иқтисодии пешрафта барои натиҷаҳои мусбӣ ва ҷолиби диққат дода нашуданд ё фақат ба ақидаи мантиқии худ расиданд. Тағйири нерӯи иқтисодӣ имконият медиҳад, ки чунин амалҳои манфӣ тағйирёбандаанд ва сохторҳои давлатӣ ба татбиқи самарабахши стратегияи иқтисодии давлат дар солҳои оянда мусоидат намоянд. Дар ин ҳолат зарур аст, ки кадрҳои нав дар давлат, аз қабили сиёсатмадорон ва иқтисоддонҳо метавонанд принсипҳои мушаххаси иқтисодии қабулшавандаро амалӣ кунанд, зеро он хеле зарур аст. Муҳим аст, ки соҳибкорони муосир бо коркарди нави иқтисодӣ ба мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ин масъалаи хеле хуб ба роҳ мондашуда буда, бекориро дар кишвар кам кунад, сиёсати одилона дар хусусигардонии моликиятӣ таъмин менамояд, сатҳи некӯаҳволии моддӣ ва амнияти иҷтимоии шаҳрвандонро дар сатҳи ҷомеа баланд мебардорад, ва меъёрҳои дигари ҳуқуқҳоро ба танзим медарорад. Танҳо бо ин роҳ давлат метавонад

ба ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунад. То кадом андоза бояд ба натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва фаъолияти энергетикии муосири сиёсӣ ва иқтисодии кишвар вобаста бошад [6:187].

Гарчанде, ки қонунҳои мавҷудаи сиёсӣ дар кишвар ба фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеа мувофиқанд, имрӯз проблемаи инкишофи ислоҳоти демократӣ дар Тоҷикистон ҳамчун мушкилоти таҳкими қонунҳои мавҷуда мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки қонунҳо ва татбиқи самараноки онҳо дар амал, мутобиқати қонун дар такмил додани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон зарур бошанд. Як самти муҳими ин мушкилот ин аст, ки принсипҳои демократӣ бояд бо системаи ҳукумат, фарҳанги элитаи сиёсии қудрат, ки ҷомеаро идора мекунанд, мебошад. Рушди мӯътадили ислоҳоти демократӣ дар замони муосир аз ҷониби элита танзим мешаванд. Элитаҳои сиёсии кишвар дар алоқа бо мардум метавонад дар доираи қонун ва рушди демократия қоидаҳоро тағйир диҳад ва ғ. Фазои сиёсии кишвар дар ҷаҳони муосир ислоҳоти демократӣ ва равандҳои демократиро пурра риоя мекунад ва дар пешрафти он чораҳои зарурир меандешад.

Як омили муҳими монеа шудан ба таҳаввулоти демократӣ дар системаи сиёсии давлат аз ҷониби ҷавонон эҳсосо мешавад, зеро онҳо дар тақлидкории иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷаҳон пурра роҳ медиҳанд. Зарур аст, ки аз тарафи ҳукумат дар бартарафсозии ин тамоюл диққати махсус дода шавад, инкишоф ва ҳарчи зудтар бартараф намудани манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ аз манфиатҳои минтақавӣ боло бошад.. Мақомотҳо бояд барои ҷавонон ва шаҳрвандони дигари худ шароит фароҳам оранд ва эҳтиёҷоти иштироки шахсӣ дар амалисозии демократикунонӣ фароҳам оранд ва дар ҳақиқат бартарии сохтори демократӣ эҳсос карда шавад.

Бояд қайд кард, ки омилҳои берунии сиёсӣ, ки дараҷаи ҷомеаи тоҷикиро ба ҷомеаи ҷаҳон муайян мекунанд, Тоҷикистонро зарур аст, ки бештар ба сохторҳои демократии ҷомеаи ҷаҳонӣ диққати махсус диҳад, зеро қобилияти кишвар аз қудрати демократияи такмилшудаи сиёсии ҷомеа берун нест. Ҷомеа аз дараҷаи таъсир ва ваколатҳои давлатӣ ба сатҳи омодагии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишвар ба усулҳои мутобиқшавандаи созмонҳои ҷамъият вобаста аст. Омилаҳои дохилӣ ва берунӣ мустақиман раванди рушди демократияи ҷомеаро ба бор меоранд.

Фармони Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз шӯрои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 1993) минбаъд мустаҳкам мегардад: «Дар таҳия намудани консепсияи сиёсати хориҷии кишвар мо бояд ба инобат гирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манфиатҳои иқтисодии

худ аз панҷ бахши сиёсӣ иборат аст:

*Қисми якуми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки сарфи назар аз мушкилоти солҳои аввали ташаккулёбии он тамоюли густариши робитаҳои ҳамаҷониба дорад;*

*Бахши дуюми Осиёи Марказӣ, ки айни ҳол як иттиҳодияи иқтисодӣ ва сиёсиро мепазирад;*

*Қисми сеюм фазои зиндагӣ дар кишварҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ба якдигар на танҳо бо маданият ва фарҳанг наздиканд, балки дар дурнамои воқеии рушди миллӣ ҷалб карда мешаванд;*

Қисмати чорум мамлакатҳои Шарқ қариб ҳама мусулмон астанд, ки бо якдигар на танҳо бо ягонагии динӣ, балки онҳо дорои анъанаҳои маънавӣ мебошанд ва ба эҳтиёҷоти рушди миллӣ алоқаманд аст.

Сатҳи панҷуми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки пеш аз ҳама ҳарчи зудтар ҳамбастагии худро нишон диҳад дар самти тамаддуни ягонаи инсонӣ фаъолият намояд.

Ҳар як шахс медонад, ки ҳама гуна қонунҳои сиёсии давлатӣи ниҳоят ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона карда шудаанд. Аз ин рӯ, дараҷаи баланди сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ба тавозуни оқилона ва одилонаи манфиатҳои давлатҳои гуногун табдил меёбад» [5:18].

Омӯзиши раванди ташаккули сиёсати муосири хориҷӣ ва танзим намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул ва татбиқи қарорҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ алоқаманд аст. Пас аз истиқлолият механизми самарабахши сиёсати хориҷии кишвар таъсис дода шуд ва минбаъд қудрати иҷроияи корҳои хориҷиро ба уҳда мегирифт. Дар ин бора азорҳои анҷомёфтааш ба президенти ҷумҳурӣ пешниҳод мекунад. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 қабул шуда, дар сиёсати хориҷӣ дар асоси стандартҳои қабулшудаи давлатӣ муайян карда мешавад [4:1].

Бояд гуфт, ки мутобиқи моддаи 69-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Президенти кишвар самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлатиро пурра муайян мекунад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад. Ӯ ҳам дар соҳаи ҳамоҳангсозии дипломатӣ ва дигар воситаҳои робита бо кишварҳои хориҷӣ, инчунин дастгоҳҳои дахлдор барои татбиқи қарорҳои сиёсии хориҷӣ нақши муҳим дорад. Роҳбари давлат роҳбарии сиёсати хориҷӣ, ташаббусҳои байналмилалиро ба имзо мерасонад ва онҳоро барои тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад, роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва намояндагони ҷумҳуриҳои хориҷӣ дар сафорату ташкилотҳои байналмилалӣ, қабул мекунад ва аз роҳбарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ дар доираи қоидаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

амал мекунанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқ ба онҳо мақоми сиёсиро медиҳад» [3:1]

Вазорати корҳои хориҷӣ мақоми асосии иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти сиёсии хориҷиро анҷом медиҳад. Инчунин он мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президент ва қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Низомномаи Вазорати корҳои хориҷӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, фаъолият мекунад. Вазифаи асосии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин татбиқи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Президенти мамлакат муайян ва муқаррар карда шудааст, гузошта шуд. Вазорати корҳои хориҷаро зарур аст, ки бо дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаҳои дахлдор ҳамкорӣ намояд ва системаи мақомоти мақомоти дипломатӣ, сиёсати хориҷӣ ва Стратегияи иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки берун аз он амал мекунад [2:1].

## АДАБИЁТ:


1. История Министерства иностранных дел Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL: http://mfa.tj/?l=ru&cat=16&art=104 (дата обращения: 24.05.2017).
2. История Министерства иностранных дел Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL: http://mfa.tj/?l=ru&cat=16&art=104 (дата обращения: 10.09.2016).
3.Конституция Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/112 (дата обращения: 24.05.2017).
Полномочия Президента Республики Таджикистан согласно Конституции Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/138 (дата обращения: 21.05.2017).
4. Сайидов З.Ш. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». - Душанбе: 2015. - С. 17-20.
5. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность в действии). - Душанбе: 2014. - 520 С.
6. Шарипов С. И. Политические процессы в таджикском обществе. Душанбе, 2011. С. 196.


## ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлол гаштанаш таҳқиқ намудааст. Бояд зикр кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ ҳама вақт кӯшиш менамояд, ки дӯстиву рафоқатро истифода кунад. Давраи ҳозирае, ки мо зиндагӣ мекунем, давраи ҷаҳонишавӣ мебошад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои муҳимтарини ҷаҳонро дар заминаи қоидаву қонунҳои худ риоя мекунад. Аз ҷумла, усулҳои демократия, ки сохтори муҳимтарини давлат мебошад, Ҳукумати кишварамон дастгирӣ менамояд ва аз рӯи он амал мекунад.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳон, омил, Ҷумҳурии Тоҷикистон, демократия, ҷаҳонишавӣ, ташкилот, равандҳои сиёсӣ.


## ТАДЖИКИСТАН И МИР

В этой статье автор изучал внешнюю политику Республики Таджикистан с первых дней независимости. Следует отметить, что Правительство Республики Таджикистан во внешней политике стремится использовать пути дружбы. Нынешняя фаза, в которой мы живем, - это глобальная эра, и Таджикистан уважает самые важные мировые стандарты, основанные на его правилах и законах. В частности, методы демократии, которые являются основной структурой государства, поддерживаются руководством Республики Таджикистан, и согласно им Правительство республики осуществляет свою деятельность.
Ключевые слова: мир, фактор, республика, демократия, глобализация, организация, политические процессы.

## TAJIKISTAN AND WORLD

This article was published by the Republic of Tajikistan at the beginning of the Independence Day. After this the Government of the Republic of Tajikistan has a policy of incorporating of the rules of the road. It should be noted that the Government of the Republic of Tajikistan always seeks foreign policy in order to use friendship and friendship. The present phase we live is the global era, and Tajikistan respects the world's most important standards based on its rules and laws. In particular, the democratic system, which is the most important structure of the state, is supported by the Government of the Republic of Tajikistan.

Keywords: world, factor, republic, the democracy, globalization, Organization, political process.

Шозиёева Г.П - н.и.ф., Котиби илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33, E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com, тел: (+992) 93 547 78 93

# ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ИШТИРОКЧИИ ФАЪОЛИ СОЗМОНИ УМУМҶАҲОНИИ САВДО

**Раҳмонзода Азимҷони ШЕРАЛӢ,**
**муовини директор оид ба илм ва таълими Институти Осиё ва Аврупо**

Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз бо 150 кишвари дунё робитаҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва тиҷоратию иқтисодӣ дорад. Ҳамкориҳои мутақобилан муфид бо созмонҳои муътабари байналмилалӣ, ба шумули Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Конференсияи Созмони Исломӣ, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигарон, дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хоса доранд.

Дар робита ба инкишофи муносибатҳои мустақим дар сатҳи олии сиёсӣ, муносибатҳо бо кишварҳои Шарқ ва Ғарб, ва инчунин бо Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷумҳурии Халқии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва сохторҳои гуногуни Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Қувайт, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Сингапур, Бруней-Дор-ус-салом, Шоҳигарии Таиланд бомуваффақият таҳким ёфтанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ ҳамкориҳои худро бо созмонҳои глобалию минтақавӣ вусъат дод. Яке аз дастовардҳои муҳимтарини ҷумҳурӣ ҳамроҳӣ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо маҳсуб меёбад.

Созмони Умумҷаҳонии Савдо яке аз созмонҳои мӯътабари байналмилалӣ буда, соли 1995 дар заминаи Маҷмаъи Кулл оид ба тарофаҳо ва тиҷорат таъсис ёфт. Ҳадафи асосии созмон – дар асоси талаботҳои муайян озод кардани тиҷорати байналмилалӣ ва ба танзим даровардани муносибатҳои тиҷоратӣ байни кишварҳо ва узвҳои он мебошад.

Моҳи майи соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон барои узвият пайдо кардан дар Созмони Умумҷаҳонии Савдо ба котибияти ин созмон мактуби дархостӣ ирсол намуд. Ба Гурӯҳи корӣ беш аз 30 кишвари узви Созмони Умумҷаҳонии Савдо шомил буданд. Қобили қайд аст, ки Иттиҳоди Аврупо ва 27 узви он дар Созмони Умумҷаҳонии Савдо ҳамчун як узв ба шумор меравaнд. Дар раванди воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар котибияти ин созмон, воқеъ дар шаҳри Женева, 9 ҷаласаи Гурӯҳи корӣ баргузор гардид, ки дар онҳо санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид гардидан ба ин созмон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар моҳи июли соли 2001 Шӯрои кулли Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар маҷлиси худ дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуд. Гурӯҳҳои корӣ ин қазияро муҳокима намуда, оид ба воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо қарор қабул карданд ва ба ин кишвар мақоми нозирро дар ҷаласаҳои ин созмон доданд.

Раванди муносибатҳо оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо аз якум ҷаласаи Гуруҳи корӣ оғоз гардид (дар котибияти созмон воқеъ дар Женева). Масъалаи воридшавии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо баҳсу мунозираро талаб намекард, дар раванди муҳокима он ҳалли худро ёфт ва тамоми шартҳо барои воридшавӣ ба инобат гирифта шуданд. Асоси воридшавии қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо мутобиқати заминаҳои ҳуқуқии қонунгузории кишвар ба қоидаҳо ва талаботҳои меъёрии Созмони Умумҷаҳонии Савдоро дар бар мегирад. Аз оғози раванди воридшавӣ ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо то ба имрӯз беш аз 100 санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки бо вазифаҳои Созмони Умумҷаҳонии Савдо марбут мебошанд. Қобили зикр аст, ки санадҳои мазкур иборат мебошанд аз санадҳои нав, кодексҳо ва қонунҳо, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳо ба санадҳо ва дигар дастурҳо.

10 декабри соли 2012 Созишнома дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо ба имзо расид. 9 январи соли 2013 созишномаи мазкур аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Дар давоми музокираҳо 6 шартномаи дутарафа оиди дастрасӣ дар бозорҳои хизматрасониҳо ва 13 шартнома оиди дастрасии молҳои бозорӣ ба имзо расиданд. Натиҷаи ҳамаи ин талошҳо ин аст, ки 2 марти соли 2013 Тоҷикистон 159-ум узви комилҳуқуқи Созмони Умумҷаҳонии Савдо гардид.

Бояд ёдовар шуд, ки мақари Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар шаҳри Женева воқеъ аст, забонҳои кории расмӣ – англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ

мебошанд, буҷети созмон 175 млн. франки Швейтсарияро ташкил мекунад, 159 кишвар шомили ин созмон мебошанд. Илова бар ин, дар Созмони Умумҷаҳонии Савдо 635 корманд ифои вазифа мекунанд ва директори генералии созмон - Роберту КорвальюдиАзеваду мебошад.

Принсипҳо ва қонунҳои асосии Созмони Умумҷаҳонии Савдо (ва Маҷмаи Кулл оиди тарофаҳо ва тиҷорат) ба қарори зайл мебошанд:

1. Ба кишварҳои узв фароҳам овардани режими хеле мусоид дар тиҷорати мутақобила бидуни табъиз.

2. Амалӣ намудани танзимкунии тиҷоратию сиёсии тиҷорат, умдатан бо ёрии тарофаҳои гумрукӣ. Абзори асосии сиёсати тиҷорати беруна ва ҳифзи бозорҳо ва саноати миллӣ тарофаи гумрукӣ ба шумор меравад, на маҳдудиятҳои ададӣ.

3. Мутақобилан фароҳам овардани режими миллӣ ба солҳои хориҷӣ.

4. Ӯҳдадориҳои кишварҳои узви Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар рад кардан аз истифодабарии маҳдудиятҳои ададӣ (иҷозатномаҳо, квотаҳо) дар тиҷорат, ба истиснои ҳолатҳои алоҳидаи пешбинишуда, масалан бо мақсади таъмини тавозуни пардохтӣ.

5. Ошкорбаёнии сиёсати тиҷоратӣ, аз ҷумла интишори кушод ва ба Маҷмаи Кулл оиди тарофаҳо ва тиҷорат ироя кардани қонунҳо ва қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти тиҷорати беруна.

6. Ҳақи давлатҳои узв ба таъсис додани иттиҳодияҳои гумрукӣ ва минтақаҳои тиҷорати озод.

Яке аз марҳилаҳои бомуваффақият силсилаи музокираҳое буд, ки ҳамчун музокираҳои Уругвай ёд мешавад. Он 50 намуди шартномаҳои бисёрҷониба ва дигар санадҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, аз ҷумла шартномаҳо, карордодҳо ва дигар санадҳо дар соҳаҳои савдои молҳо, хизматрасониҳо ва масъалаҳои ҷанбаи тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. Шартномаи бисёрҷониба оиди тиҷорати молҳо:

• Шартномаи кулл оиди тиҷорат бо хизматрасониҳо (1994) асосҳои режими тиҷорати молҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои узвҳои Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар ин соҳаро муайян мекунад.

• Шартномаи кулл оиди ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (1997) ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои узвҳои Созмони Умумҷаҳонии Савдоро дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ муайян мекунад.

• Шартнома оиди мамониятҳои техникӣ дар тиҷорат шартҳои татбиқи стандартҳо, регламентҳои техникӣ ва сертификатсияи тартиботро муайян менамояд.

• Шартнома оиди чорабиниҳои сармоягузорӣ марбут ба тиҷорат –

маҳдудиятҳоеро дар бар мегирад оид ба татбиқи чораҳои ташвиққунандаи истеъмоли молҳои ватанӣ дар робита ба сармоягузорӣ.

• Шартнома оиди тартиботи иҷозатномадиҳии воридотӣ – тартибот ва шаклҳои иҷозатномадиҳии молҳои воридотиро муайян месозад.

• Шартнома оиди субсидияҳо ва чораҳои ҷубронӣ – шартҳо ва тартиботи татбиқи субсидияҳо ва чораҳо оиди мубориза бо субсидиякуниро муайян мекунад.

Ғайр аз ин, дигар шартномаҳое вуҷуд доранд, ки ҷанбаҳои гуногуни иқтисодиро дар бар мегиранд. Вазифаҳои асосии ин шартномаҳо ташаккул додани чораҳои истифодашаванда аз ҷониби кишварҳои дар шартномаи мазкур иштироккунанда. Ин чорабиниҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон матраҳ гардидаанд.

Баъдан, Тоҷикистон дар шароити мусоиди фаъолият кардан дар режими тиҷорати байналмилалӣ хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон ба ин созмони мӯътабари байналмилалӣ ворид шуд. Ин созмон дар навбати аввал бояд табиқи муосиркунӣ ва таҷдиди сохтори соҳаҳои саноатро рӯи кор гирад. Ғайр аз ин низоми саноат ва танзими давлатии муносибатҳои дохилию хориҷӣ мукаммалгардониро тақозо доранд.

Бино ба гуфтаҳои мудири собиқи Созмони Умумчаҳонии Савдо  Паскал Лами, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо ба тавсеаи тиҷорати байналмилалӣ ва рушди кишвар мусоидат хоҳад кард.

Вале байни олимон дар соҳаи иқтисодиёт ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд дар мавриди паёмадҳои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо, аз ҷумла тарафҳои мусбати он:

Афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Имкониятҳои дастрасии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти мубрами тиҷорати байналмилалӣ;

Беҳтаргардонии сифат ва ассортиментҳои молу хизматрасониҳо;

Бартарафсозии монеаҳои гумрукӣ, ҳамгироии технологияҳои муосири мусоидаткунанда ба тезонидани суръати ислоҳоти иқтисодӣ.

Аз сӯи кадрҳои маҳаллӣ ба даст овардани таҷриба ва донишҳои лозимӣ дар бораи методҳои нави идоракунӣ;

Суботи нархҳо дар сатҳи муайян ва мубориза зидди фасод;

Таъсисёбии корхонаҳои муштарак, ва ба ин тариқ афзудани содироти молҳо.

Дастоварди Гуруҳи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар музокирот бо

кишварҳои узви Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар он аст, ки дар пешниҳоди тарофаҳои ибтидоӣ дар сатҳи миёна андозҳо боло рафтанд дар муқоиса бо тарофаҳои амалкунанда дар ҷумҳурӣ. Ин дастовардҳо кафолатҳои муайянро медиҳад барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии соҳибкорони ватанӣ дар рақобат бо молҳои хориҷии воридшаванда.

Мухолифон баён мекунанд, ки таъсири манфии воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо зиёд аст ва дар ин робита далелҳои зеринро меоранд:

- Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватаниро аз даст медиҳад;
- Дар оянда Ҷумҳурии Тоҷикистон бе иҷозати Созмони Умумҷаҳонии Савдо боҷҳои гумрукиро тағйир дода наметавонад;
- Қарздиҳӣ барои содироти молҳои ватанӣ маҳдуд мегардад;
- Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои қабул кардани қонунҳоро барои гузаронидани тағйиру иловаҳои иқтисодию сиёсӣ аз даст медиҳад;
- Таъсири манфӣ ба буҷети давлатӣ ва афзоиши хароҷоти маблағҳои буҷетӣ;
- Коҳишёбии рақобатпазирии молҳои содиротӣ;
- Афзоиши ҳаҷми молҳои пастсифат ва бозорҳои дохилиро ишғол намудани онҳо;
- Таъсир ба фарҳангу дини мардум тавассути ворид сохтани ҳар гуна молҳо;
- Ҳамроҳшавӣ ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо тағйироти куллӣ дар фаъолияти давлатро металабад.

Ба ақидаи коршиносон, бартарияти асосии кишварҳои узви Созмони Умумҷаҳонии Савдо – ин ҳамоҳангсозӣ ва озодкунии (либерализатсияи) тиҷорати хориҷӣ, тадриҷан коҳиш додани маҳдудиятҳои дастрасӣ ба бозорҳои дохилию берунии кишварҳои ҳамсоя ва дигар кишварҳо аст.

Муҳимтар аз ҳама – ворид шудан ба низоми рушди ҳамаҷонибаи тиҷорат ва ҳаллу фасли низоъу ихтилофот аст, ки дар натиҷа ҳифозати ғайритабъизӣ, дастрасии одилона ва баробарҳуқуқии тиҷорат ва сармоягузориҳо таъмин мегардад.

Созмони Умумҷаҳонии Савдо дар маҷмӯъ на танҳо масъалаҳои тиҷоратиро, балки қоидаҳои гардиши сармоягузориҳо, озодкунии бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва манъи маблағгузории содиротро назорат мекунад ва инчунин риояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва бидунишартиро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони

Умумҷаҳонии Савдо тарҳрезии ҳамгироиҳои калонро дар иқтисоди глобалӣ мустаҳкам мегардонад, мавқеи кишварро дар муносибатҳои бисёрҷониба беҳтар мекунад, афзалиятҳои тиҷорати ҷаҳониро фароҳам месозад, сохтори идоракунии давлатиро беҳтар мегардонад, омодасозии мутахассисони баландихисосро дар соҳаи иқтисодийт ва тиҷорати байналмиллалӣ таъмин мекунад, ва ин раванд таҳти назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Маҳз ба туфайли сиёсати бомуваффақият ва муассири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иродаи қавӣ ва матонат, кушишҳои пайдарпайи Сарвари давлат ба роҳҳои амният ва гулгулшукуфии Ватан, эҳтиром ба таърихи хеле ғании мардуми бостони тоҷик, икдому ташаббусҳои созанда ва неки он  бо нияти нек ва эътимоди зиёд назар мекунад. Ва бинобар ин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гашт, ки дар муддати кӯтоҳ аз минтақаи бесубот ба маркази баргузории чорабиниҳои минтақавию байналмиллалӣ табдил ёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази геополитикӣ қарор дошта, чун ҳамеша барои тақвияти мавқеаш дар микёси ҷаҳонӣ ва эътироф шудани кӯшишҳои сарвари давлат ҷиҳати бомуваффақият татбиқ гардидани ин ҳадафҳо камар бастааст.

Дар давоми ин давра заминаи воқеӣ гузошта шуд ба раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар рушди соҳаҳои тиҷорат ва хизматрасониҳо, ки дар маҷмӯи сохтори дохилӣ тадриҷан афзоиш меёбанд, ва аз рӯи омор афзоиши он 39,4%-ро дар соли 2006 ва 42,3%-ро дар соли 2012 ташкил дод.

Дар давраи солҳои 2006-2012 ҳаҷми умумии гардиши тиҷорати хориҷӣ 2,3 баробар афзоиш ёфта, ба 3 млрд. доллари Иёлоти муттаҳидаи Амрико баробар шуд.

Сарфи назар аз таъсири манфии бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва дигар душвориҳои мавҷуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ҳафт соли ахир тавонист барномаҳои қабулшудаи худро татбиқ намуда ва рушди тадриҷии иқтисодиёти миллиро таъмин намояд.. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 9,3 млрд. сомонӣ дар соли 2006 ва то 36,2 млрд. сомонӣ дар соли 2012 афзоиш ёфт. Суръати рушди воқеии солона ба ҳисоби миёна 7%-ро ташкил дод, ки ин аз рушди устувори иқтисодиёти кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Дар кишвар дар тӯли 7 сол аз ҳисоби рушди баланди азнавбарқароршавии иқтисодиёт ва ба даст овардани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сатҳи камбизоатӣ аз 56,5% дар соли 2006 то 35,6% дар соли 2013 коҳиш ёфт.

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо, рушди пайдарпай аз ҳисоби дастовардҳои тадриҷӣ дар роҳи мустаҳкамгардонии принсипҳои истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораи давлат, эътимодияти ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо ҳалли мушкилотро осонтар намуданд.

Дар натиҷа, боз як бори дигар мехоҳам қайд намоям, ки фаъолият дар ин самт бо суръати баланд идома дорад, ва ин раванд шароити мусоидро барои инкишофи бомуваффақияти ҳаёти иқтисодию фарҳангии кишвар фароҳам меорад.

Ҳамчунин умед ба он мебандем, ки ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумҷаҳонии Савдо имкониятҳои навро барои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои узви Созмони Умумҷаҳонии Савдо фароҳам меорад.

## АДАБИЁТ


1. إبراهيم الناصر. منظمة التجارة العالمية وآثارها الثقافية وموقف المملكة فيها. - الرياض، 2014. Ибрахим ан-Носир. Муназзиматут-тичорату ал-оламиятваосорухо ас-сакофиятувамуввафак ал-мамлакатфихо. (Всемирной торговой организации и культурное влияние в положение Королевства). - Ар-Рияз, 2014

2. Ваҳдат, давлат, Президент. –Душанбе, 2007.-299 саҳ, қ. 4

3. Внешнеэкономическая деятельность Республика Таджикистан. Агенство по статистика при Президенте Республики Таджикистан. –Душанбе, 2010. -540с.

4. Гурова И.Б. Мировая экономика и международные экономические отношения: тесты, упражнения, проблемные ситуации. /И.Б. Гурова. –М.: Дело, 2003. -176 с.

5. Дипломатия: қоидавамеъёрҳоиташрифотӣ. –Душанбе. :Ирфон, 2014.-332саҳ

6. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня.-Душанбе, 2009.-244ст, т 1

7. Мировая экономика. –Душанбе. :Эр-Граф, 2012.- 275с. Учеб.пособ.

8. ЭмомалӣРаҳмон. БунёдгузорисиёсатихориҷииТоҷикистон. /ЭмомалӣРаҳмон. –Душанбе. :Ирфон, 2012.-266 саҳ.

9. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. /Эмомали Рахмон. –Душанбе. :Ирфон, 1997.-132 с.


## ИНТЕРНЕТ САЙТ


10. khovar.tj

11. mfa.tj

12. mohamoon.com

13. president. tj

14. http://www.wto.tj/ru/tj-wto/

15.http://wto.tj/upload/Docs/ Бизнес руководство по обязательствам Таджикистана по вступлению в ВТО Проект TAJ/61/126A финансируемый Правительством Швейцарии Женева, декабрь 2013г.

16. http://wto.tj/upload/Docs/ОРГ, пункт. 165.

## ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ИШТИРОКЧИИ ФАЪОЛИ СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

Дар мақола воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо матраҳ гардида,ҷанбаҳои мусбату манфии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки воридшавии ҷумҳурӣ ба СУС яке аз муҳимтарин роҳҳо барои ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, иқтисодиёт, ҷаҳонишавӣ, тиҷорат, низомимиллӣ

## ТАДЖИКИСТАН КАК АКТИВНЫЙ УЧАСТНИК ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

В статье рассматриваются вопросы вступления Республики Таджикистан во Всемирной Торговой Организации и анализируются положительные и отрицательным сторон вступлению эту организацию. Подчеркивается, что вступление Республики Таджикистан в Всемирной Торговой Организации является одним из самых важных аспектов для доступа на мировой рынок, товаров и услуг.

Ключевые слова: Таджикистан, Всемирной Торговой Организации, экономика, глобализация, торговля, национальная система.

## TAJIKISTAN AS AN ACTIVE PARTICIPANT IN THE WORLD TRADE ORGONIZATION RAHMONZODA AZIMJONI SHERALI

In the article was the entry of the Republic of Tajikistan to the World Trade Organization positive aspects which were considered negative. In the article emphasized that the entry into the World Trade Organization is one of the most important ways for the permission to the world market.

Key words: Tajikistan, World Trade Organization, economy, globalization, trade, national system.

**РАХМОНЗОДА АЗИМҶОНИ ШЕРАЛӢ.** Муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ, Тел: 900-18-00-38 E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

*МАВОДИ МИЗИ МУДАВВАРИ ИЛМИЮ АМАЛӢ ДАР МАВЗӮЪИ "ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР"*

*(Ш. ДУШАНБЕ, 26.02.2013)*

# УФУҚҲОИ ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН

**Ё.НИЁЗӢ,**
**директори Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ**

Решаҳои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ба умқи асрҳо расида, аз қадимулайём муносибатҳои дӯстӣ ва накуҳамсоягӣ миёни онҳо устувор буданд.

Таърих гувоҳ аст, ки ин ду халқи бародарборҳо аз имтиҳони таърих гузашта,сарзамини худро аз ҳуҷуми аҷнабиён наҷот дода,онро аз харобазор ба гулистон табдил доданд ва ба насли имрӯзу фардомарказҳои тамаддуни худ Бухорову Самарқанд, Хеваю Балх, Хуҷанду Истаравшан, Ҳисору Бохтарроба ёдгор гузоштанд.

Тоҷикистон бар асари умумияти таърихӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва марзҳои муштарак ҳамеша хоҳони густаришу таҳкими робитаҳо бо ҳамсоякишвар Ӯзбекистон буд. Сарҳад миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳудуди беш аз 1330 км – ро ташкил медиҳад.

Омили дигари ҳамзистии осоишта бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин мансубиятҳои этникӣ дар ҳудуди кишварҳои якдигар аст. Дар ҳудуди Тоҷикистон теъдоди зиёди намояндагони халқи ӯзбек ва дар ҳудуди Ӯзбекистон теъдоди зиёди тоҷикон умр ба сар мебаранд.

Садсолаҳои охир халқҳои тоҷику ӯзбек дар ҳавзаҳои ягонаи сиёсӣ, ҷуғрофиву фарҳангӣ умр ба сар мебурданд ва ин омил низ дар ба ҳам омадани сарнавишту шеваи зиндагии онҳо таъсиргузор будааст.

Дар сарнавишти халқҳои тоҷику ӯзбек бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ давраи нав, давраи бунёди давлатҳои нави миллӣ оғоз ёфт.

Сароғози давлатдории навин барои ҳарду халқ пешомади хушбинона ва муносибатҳои дӯстона ва ҳамсоягии нек, ҳамкории мутақобилан судманд, ҳамзистии осоиштаро дарак медод. Дар аввалин суханрониҳои худ сарвари тозаинтихоби давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибат бо ҳамсоякишварҳоро самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд. Ҳануз, 19 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои олӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро тарҳрезӣ намуда, «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Иттиҳоди давлатҳои мустақил, пеш аз ҳама Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон»-ро самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд. Дар суханрониҳои баъдинаи Сарвари давлат ва санадҳои муайянкунандаи стратегияи сиёсати хориҷӣ аз ҷумла Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон (солҳои 2002, 2015) ин нуқта идомаи мантиқии худро пайдо намуд.

Дар заминаи ин ва даҳҳо санадҳои қарордодӣ ва ҳуқуқӣ Тоҷикистон пайваста мекушид, ки муносибатҳои ду ҳамсоякишвар дар маҷрои ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд инкишоф ёбанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон тайи бисту ҳашт соли истиқлолият муносибатҳои дипломатии пайгирона дошта мекушид, ки бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон сиёсатӣ дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судмандро пеш барад, ки ба манфиати ҳар ду халқҳост.

Дар ин ду даҳсолаи асри нав ҳарду кишвар бо сиёсати созанда бо қадамҳои устувор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардидаанд. Ҳар ду давлат дар бунёди давлати мутараққӣ ва демократӣ, дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овარданд. Ҳар ду давлат Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз рӯи бисёр масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ мавқеи ягона ва ё наздик доранд.

Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои доғи сайёра аз қабили таъмини аҳолии рӯи замин бо оби тоза, ҳалли масъалаи баҳри Арал мубориза бо муқобили хатарҳои аср - терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухадир, сепаратизм ва дигар ҷиноятҳои байналхалқӣ аз ҷониби Ӯзбекистон дастгирӣ ёфтанд. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар мубориза алайҳи чунин таҳдтдҳо мавқеи ягона доранд. Дар тули беш аз чорякасри даврони истиқлолият робитаҳои ду ҳамсоякишвар аз мушкилот низ орӣ набуд. Ин мушкилотҳо бо сиёсати созанда ва оқилонаи роҳбарони ҳарду кишвар марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфта истодаанд.

Наврӯзи хуҷастапайи соли гузашта ба ҳарду кишвар пайки шодӣ

овард дар муносибатҳои ду ҳамсоякишвар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон низ саҳифаи нав оғоз гардид. Бисёр рамзист, ки сафари давлатии Роҳбари тозаинтихоби Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирамонович Мирзиёев ба кишвари мо дар ин рузҳои навбаҳорон сурат гирифт. Ин фоли нек буд ва аз пешомадҳои умедбахши робитаҳои некуҳамсоягии ду кишвар дарак медод. Халқи тоҷик сафари давлатии Президенти муҳтарами Ӯзбекистонро бо рӯҳбаландӣ истиқбол намуд. Сафари ҷавобии Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2018 низ дар муносибатҳои байнидавлатии ду ҳамсоякишвар саҳифаи нав боз намуд. Дар натиҷаи ин сафарҳои сатҳи олӣ 54 қарордод ва созишномаҳои муҳими байнидавлатӣ ба имзо расиданд, ки муносибатҳои харду кишварро ба сатҳи баланд бардошта, барои густариши робитаҳои ҳамаҷониба заминаи муҳими ҳуқуқӣ фароҳам оварданд. Чи тавре, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар дар Пёми имсолаи худ зикр карданд «баъди мулоқоту музокироти дуҷониба, сафарҳои давлатии роҳбарони ҳар ду давлат ва ба имзо расидани созишномаи шарикии стратегӣ байни кишварҳои бо ҳам дӯсту бародар муваффақ гардидем, ки дар натиҷа рафтуомади озодонаи мардум таъмин гардида, дар зарфи нӯҳ моҳ беш аз дуюним миллион нафар шаҳрвандони ҳар ду кишвар ба дидори хешу табори худ муяссар шуданд ва ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитарӣ бамаротиб таҳким ёфтанд».

Мо умедворем, ки робитаҳо ва ҳамкориҳои ҳамсоякишварҳо ба манфиати ҳарду халқҳо ва кишварҳои бародар буда, минбаъд низ вусъати тоза касб хоҳанд намуд.

# МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ВА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДУҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Қодиров Дилшод АБДУРАСУЛОВИЧ,**
**корманди масъули Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Чи тавре маълум аст, айни ҳол рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷии кишвар яке аз самтҳои авлавиятнок ба ҳисоб рафта, ду ҷониб ҷиҳати таҳким ва пурзӯр намудани ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҳамарӯза корбарӣ намуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки 26 декабри соли сипаришуда дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ҳамчун рӯйдоди сеюми таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардуми Тоҷикистон дар соли 2018 ифода намуданд. Таъкид гардид, ки ба дастоварди мазкур баъди мулоқоту музокироти дуҷониба, сафарҳои давлатии роҳбарони ҳар ду давлат ва ба имзо расидани созишномаи шарикии стратегӣ байни ду кишвари бо ҳам дӯсту бародар муваффақ гардидем [ниг.:1].

Дар ҳақиқат, соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон саҳифаи нав кушода шуд.

Чораҳои андешидашуда ва кӯшишҳои муштараки сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо мақсади беҳбуд бахшидан ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳои дуҷониба меваҳои ширини худро ба бор оварда, зимни аввалин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9-10 марти соли 2018 собит гаштанд [ниг.:2]. Пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ 27 санади нави ҳамкорӣ байни Тоҷикистону

Ӯзбекистон, ки таҷассумгари рӯҳияи нави муносибатҳои дуҷониба мебошад, ба имзо расид.

17-18 августи соли 2018 сафари ҷавобии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваст. Дар рафти он сафар мувофиқаҳои ҳангоми ташрифи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ҳосилшуда таҳким ёфта, пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар сиғаҳои хосса ва васеъ 26 санади дуҷонибаи нав ба имзо расид. Муҳимтарини он Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳсуб гардида, он муносибатҳои байни ду кишварро ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳо баровардааст [ниг.:3].

Дар ҷараёни музокироти хоссаи сарони ду кишвар ва бо иштироки ҳайатҳои ҷонибҳо, ки дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳуми хос ба робитаҳои байнидавлатии ду кишвар дар давраи муосир, масъалаҳои муҳимтарини рушду таҳкими ҳамкории дуҷониба дар ҳама ҷанбаҳои манофеи муштарак, аз ҷумла дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, фарҳангу робитаҳои башарӣ, иртибототи нақлиётӣ, истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, амният ва мудофиа, ҳамчунин густариши робитаҳои байни минтақаҳои ду кишвар ба таври амиқ баррасӣ гардиданд.

Аз натиҷаҳои назарраси сафарҳои давлатӣ ҷорӣ гардидани низоми бидуни раводид ба муддати то 30 рӯз, барқарор гардидани фаъолияти ҳамаи гузаргоҳҳо, аз ҷумла фаъол гардидани роҳи оҳани қитъаи Ғалаба – Амузанг, делимитатсия ва демаркатсияи тақрибан ҳама қитъаҳои сарҳади давлатӣ, истифодабарии обанбори Фарҳод, барқарорсозии алоқаи ҳавопаймоӣ ва нақлиёти мусофиркашон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҳамкориҳои байни ду кишвар ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, кӯшишҳои босамари ду ҷониб рафтуомади озодонаи мардуми ду кишварро, ки соҳиби таъриху фарҳанги ягонаи дерина мебошанд, таъмин намудаанд ва дар соли 2018 беш аз 1,1 млн. шаҳрванди Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ва беш аз 1,2 млн. шаҳрванди Ӯзбекистон ба Тоҷикистон сафар карданд. Феълан 16 гузаргоҳи сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фаъолият мебаранд ва санади марбути дуҷониба доир ба ифтитоҳи як гузаргоҳи сарҳадии нав "Ҳисор-Боботоғ" 20 феврали соли ҷорӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар ба тасвиб расидааст.

Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев ба ш.Душанбе 27-28 сентябри соли ҷорӣ барои иштирок дар Саммити Сарони давлатҳои кишварҳои ИДМ ва баргузории вохӯрию чорабиниҳои дуҷониба дар рафти он натиҷабахш ва самаранок анҷом ёфт. Қобили зикр аст, ки

зимни сафар, сарони ду кишвар дар ифтитоҳи боғи фароғатии ба номи “Низомиддин Алишер Навоӣ” дар ш.Душанбе, корхонаи муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон – «ТАЛКО-КРАНТАС» ширкат варзида, аз хоҷагиҳои деҳқонии калони ангурпарвари ш. Турсунзода дидан карданд [ниг.:4].

Айни замон ҷонибҳо ҷиҳати беҳтар гардонидани фазои ҳамкорӣ ва ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳо саъй намуда, масоили вобаста ба риояи тавозуни меъёри боҷу хироҷи нақлиётӣ ҳангоми убури сарҳад (барои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва боркаш), рафту омади шаҳрвандон (дар мавриди бақайдгирии шаҳрвандон дар қаламрави кишварҳои якдигар), афзун гардонидани савдои мутақобила, пешбурди масоили обиву энергетикӣ ва дигар масъалаҳоро дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва риояи ҳуқуқу манфиатҳои якдигар баррасӣ менамоянд.

Бо назардошти таҳаввулоти мусбат дар муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, дар давраи ҳисоботӣ табодули бошиддати ҳайатҳои ду кишвар мушоҳида мешавад.

Аз қабили онҳо, сафари Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Арипов ба ш.Душанбе ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон, иҷлосияи Сарони хукуматҳои ИДМ ва иҷлосияи Сарони ҳукуматҳои СҲШ моҳҳои январ, июн ва октябри соли 2018.

Моҳи январ ва июли соли 2018 сафарҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ш.Фарғона) ҷиҳати баррасии масоили дуҷониба ва омодагӣ ба сафарҳои сатҳи олӣ барпо гардиданд.

Қобили тазаккур аст ки сафарҳои сарони ду кишвар барои густариши робитаҳои байнипарлумонӣ низ заминаи васеъ гузоштанд. Таҳкими ҳамкорӣ дар самти мазкур зимни мулоқотҳои Президенти Ӯзбекистон бо раисони Маҷлиси миллии Маҷлисии Олӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе ва Президенти Тоҷикистон бо раисони Сенат ва Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ш.Тошканд мавриди муҳокима қарор гирифт.

Моҳи ноябри соли 2018 нахустин сафари расмии Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нурдинжон Исмоилов в Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Зимни сафар тарафҳои ҷонибдории хешро ҷиҳати таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ, вакилони мардумии маҳаллии ду кишваро, инчунин мусоидат барои вусъатдиҳии ҳамкориҳо дар

самтҳои гуногуни муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон изҳор намуданд.

Қобили қайд аст, ки дар рафти сафари мазкур Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба ифтитоҳи нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” изҳори ақида карда, ҷониби Тоҷикистонро бо самимият ба истифода додани агрегати якуми он нерӯгоҳ табрику таҳният намуд ва изҳор дошт, ки ин воқеа ҳамчун рӯйдоди муҳимтарин дар таърихи навини Тоҷикистон то абад боқӣ мемонад ва татбиқи лоиҳаи мазкур натанҳо барои мардуми Тоҷикистон, балки барои мардумони тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти хос дорад. Ва мавриди зикр аст, ки иштироки ҳайати мутахассисони соҳаи обу энергетикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо роҳбарии Вазири хоҷагии оби он кишвар Ш.Ҳамраев дар чорабинии таърихсози Тоҷикистон – маросими ба истифода додани чархи аввали нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” ифодагари ҳамҷаворechии неки ду кишвар буд.

Бо назардошти риштаҳои дерини таърихии ду мардуми дӯст ва ҳамсоя, ҳамкориҳои дар соҳаи фарҳангу гуманитарӣ мавқеи хосаро ишғол мекунанд ва дар марҳилаи кунунӣ густариши муносибатҳои ду ҷониб дар самтҳои илмию фарҳангӣ низ ба мушоҳида мерасад. Сафарҳои мутақобили намояндагони мақомотҳои соҳавӣ, олимон, ходимони фарҳанг ва санъаткорони Тоҷикистону Ӯзбекистон афзун гашта, ба роҳ ҳамкориҳои судманд, ки тайи ду даҳсола ба таъхир гузошта шуда буданд, ба назар мерасад.

Моҳи августи соли 2018 дар арафаи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ба манзури таҳкими муносибатҳои дӯстиву ҳусни тафоҳум байни мардумони ду кишвар гурӯҳи калони зиёиён, аҳли фарҳанг ва ходимони илми Тоҷикистон дар ҳайати 56 нафар бо роҳбарии Вазири фарҳанг Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафари корӣ анҷом дод.

Баргузории Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва Рӯзҳои фарҳанги Ӯзбекистон дар Тоҷикистон дар соли 2017, иштироки санъаткорони ду кишвар дар чорабиниҳои фарҳангии якдигар, доир намудани барномаҳои консертии алоҳида, барқарор намудани муҷассамаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ дар ш.Самарқанд, номгузории боғи ҷавонон дар ш.Душанбе ба номи Алишер Навоӣ ва гузоштани муҷассамаи он, ҷашн гирифтани 140-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷик С.Айни дар ш.Душанбе ва ш.Самарқанд, консерти якҷояи ҳунармандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рафти сафарҳои давлатии роҳбарони кишвар ва дигар иқдомҳои ду ҷониб дар соҳаи мазкур ҳамчун дастовардҳои назарраси дипломатияи фарҳангии ду давлати ҳамсоя ба ҳисоб мераванд.

Яке аз падидаҳои нав дар таърихи навини муносибатҳои дуҷониба ин тақвияти робитаҳо дар сатҳи вилоятҳои ду кишвар мебошад. Зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон созишномаҳои ҳамкорӣ миёни вилоятҳои Хатлон ва Сурхандарё, Суғд ва Самарқанд ба имзо расид. Дар ин марҳила мубодилаи ҳайатҳо ҷиҳати иштирок дар таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз доир гашт, ки ин нахустин таҷрибаи муқаррар кардани робитаҳои мустақим дар ин сатҳ мебошад. Чунончӣ, баргузор намудани рӯзҳои вилояти Суғд дар ш.Самарқанд ва дар он чорабинӣ иштирок намудани аҳли илму адаб, арбобони санъат, доираҳои соҳибкорону намояндагони соҳаи кишоварзӣ ва варзишгарон, инчунин доир намудани намоишгоҳ ва бизнес-форуми доираҳои соҳибкорони вилояти Сурхандарё ва вилояти Хатлон дар ш.Бохтар ва ба имзо расидани шартномаҳои тиҷоратӣ байни соҳибкорони тоҷикистонию ӯзбекистонӣ дар рафти онҳо, натиҷаҳои муҳиму манфаитбахши ҳамкориҳои минтақаҳои ду кишвар мебошад.

Фазои хуби сиёсии муносибатҳои дуҷониба барои тавсеаи тиҷорати мутақобила таъсири мусбати худро мерасонад. Ҳамкории судманди ду ҷониб дар самти тиҷоратию иқтисодӣ рӯз аз рӯз густариш ёфта, афзуншавии нишондиҳандаҳои самти мазкур дар солҳои охир вусъатёбии робитаҳои соҳибкорон ва хоҷагидорони Тоҷикистону Ӯзбекистонро собит месозад.

Чунончӣ, дар соли 2018 гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 2,3 маротиба афзуда 287 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод *(аз ин нишондиҳанда 155,3 млн. долл. ИМА содирот ва 131,7 млн. долл. ИМА воридот мебошад)*. Барои муқоиса – ҳаҷми гардиши мол дар соли сипаришуда нисбат ба соли 2016-ум 4,1 маротиба афзудааст.

Намоишгоҳи маҳсулоти Ӯзбекистон дар ш.Душанбе ва маҳсулоти Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва бизнес-форумҳои соҳибкорони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соли 2018 барпошуда, барои ноил гаштан ба ҳадафҳо дар самти мазкур саҳми хос ва ҷиҳати барқарорсозии робитаҳои тиҷоратӣ замина гузоштанд.

Имзои созишномаҳои дуҷониба "Дар бораи канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андоз аз даромад ва сармоя", "Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоя", Протокол оид ба савдои озод, созишнома ва протоколи соҳавии хадамотҳои гумруки ду кишвар барои ривоҷ ва равнақ додани тиҷорат ва савдои дуҷониба мусоидат хоҳад кард.

Моҳи октябри соли 2018 дар ш.Душанбе нахустин бизнес-форуми сеҷониба бо иштироки тоҷирони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Корея шуда

гузашт, ки дар он 170 тоҷирони Ӯзбекистон ширкат намуданд.

Таҳкими ҳамкории ду ҷониб дар соҳаи иҷтимоӣ низ назаррас аст. Созиши ҳукуматҳои ду кишвар оид ба сохтмони чор муассисаи иҷтимоӣ дар қаламрави ду кишвар аз қабили нишондиҳандаҳои густариши муносибатҳои тарафайн мебошад. Айни замон мувофиқасозии сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон аз ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сохтмони маҷмааи тиббӣ дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғди Тоҷикистон аз ҳисоби Ҷумҳурии Ӯзбекистон идома дорад.

Чи хеле маълум аст, феълан муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба куллӣ тағйир ёфта, ба марҳилаи сифатан нави дӯстона, стратегӣ ва ҳамкориҳои ҳамҷаворӣ гузашт.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷонибдори он ҳастанд, ки сиёсати сулҳҷӯёна ва барои таҳкими мунисибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои судманд равонашуда заминаи устуворро барои ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва мубориза бар зидди таҳдидҳои муосир фароҳам орад.

Ҳар ду ҷониб барои густариши робитаҳои ду кишвар дар самтҳои гуногун азми истифода бурдани ҳамаи иқтидорҳои мавҷударо доранд.

Дар айни ҳол, бо назардошти сатҳи муносибатҳои ду кишвар, вусъат бахшидани ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар самтҳои иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ, сайёҳӣ, варзиш ва коммуникатсия, инчунин ҳамкории зичи дуҷониба дар чорчӯбаи ҳамкориҳои бисёрҷониба, аз ҷумла коркарди мавқеи наздик дар ҳалли масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мераванд.

Қобили зикр аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ бештар зери таъсири таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар, ҷинояти муташаккилона ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ қарор дорад. Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки бо Ҷумҳурии Афғонистон ҳамсарҳаданд, дар сархати мубориза бо таҳдиду чолишҳо, ки аз он кишвар бармеоянд, қарор гирифта, бояд дар самти пешгирии ташкили манбаи фаъолияти террористӣ дар минтақа икдомҳои амалии якҷоя коркард ва татбиқ намоянд.

Ҳамзамон Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бар он ақидаанд, ки ҳалли масъалаҳои Афғонистон бо устувор намудан ва ривоҷ додани соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоии он кишвар тавассути ҷалби он ба лоиҳаҳои минтақавӣ вобастагӣ дорад.

Бо назардошти нишонидиҳандаҳои рушди саноати Ӯзбекистон ва таҷрибаи он кишвар барои маҳаллигардонидани истеҳсолоти номгӯи зиёди

маҳсулот, ташкил намудани корхонаҳои истеҳсолии муштарак дар қаламрави Тоҷикистон барои васеъ намудани гардиши мол байни ду кишвар, таъсиси ҷойҳои кории нав, азхудкунии технологияҳои нави истеҳсолӣ, пайдо намудани имкониятҳои нави воридшавӣ ба бозори минтақа, густариш ва ташкили шаклҳои нави муносибатҳои шарикӣ мусоидат хоҳад кард.

Созиши ду ҷониб доир ба кушодани корхонаи истеҳсолии "Артел"-и Ӯзбекистон дар ш.Душанбе, ки дар рафти сафари давлатии Президенти кишвар ба Ӯзбекистон миён омад, аз икдомҳои аввалини ҷонибҳо дар самти мазкур мебошад.

Тасмими ду ҷониб барои сохтмони ду нерӯгоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 320 МВт дар дарёи Зарафшон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи сатҳи муносибатҳои ду кишвар дар соҳаи энергетикӣ мебошад.

Таҳкими ҳамкорӣ дар самти барқарорсозии коммуникатсияҳои ду кишвар, чӣ дуҷониба ва чӣ транзитӣ, аз муҳимтарин масъалаҳои дуҷониба буда, натиҷаҳо дар ин самт барои таҳвил ва интиқоли молу маҳсулоти Тоҷикистон ба кишварҳои сеюм мусоидат хоҳад кард.

Дар давоми ду соли охир Тоҷикистону Ӯзбекистон бо кӯшишҳои муштарак ба уфуқҳои нави рушди муносибатҳои мутақобилан судманди дуҷониба ноил гаштанд, ки баҳри ободии мардуми бо ҳам дӯсту бародари тоҷику ӯзбек созгор мебошад.

Ҳамзамон мо мутмаинем, ки айни замон мо дар марҳилаи аввали ҳамкориҳои густурдаи дуҷониба қарор дорем, ва ин ҳамкориҳо сол аз сол густариш меёбанд. Мо шоҳиди дастовардҳои беш аз пеш дар солҳои наздик хоҳем буд, ки ин ба манфиати мардум ва ҳукумати ҳар ду кишвар хидмат хоҳад кард.

## КИТОБНОМА

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон /26.12.2018/ URL: http://www.president.tj/node/19088

2.Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон /09.03.2018/ URL: http://www.president.tj/node/17206

3.Ба имзо расидани санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон /17.08.2018/ URL: http://www.president.tj/node/18164

4.Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев /27.09.2018/ URL: http://www.president.tj/node/18507

# МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ВА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДУҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои актуалии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар шароити муосир баррасӣ гардидааст. Муаллиф сатҳи муносибатҳо дар соли 2018-ро таҳлил намуда, перомуни сафарҳои дуҷонибаи роҳбарияти олӣ ва ҳайатҳои гуногун ба кишварҳои якдигар маълумоти муфассал овардааст. Паҳлуҳои иқтисодию гуманитарии робатиҳо бозкушоӣ шуда, яксилсила иқдомҳои дуҷониба дар ин самт равшанӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Ӯзбекистон, сафари давлатӣ, шарикии стратегӣ, гузаргоҳи сарҳадӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Қодиров Дилшод Абдурасулович, корманди масъули Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел.: (+992) 37 227 17 95; e-mail: dilshod_kodirov@rambler.ru

# АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ДВУХСТОРОННИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И УЗБЕКИСТАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

*В данной статье рассматривается актуальные вопросы двухсторонних взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в современных условиях. Автор приводить анализ состояние взаимоотношений в 2018 году и уделяет особое внимание к визитам глав государств и других делегаций посетившие страны за этот период. В статье также раскрыта экономико-гуманитарное составляющее взаимоотношений и обозначены обоюдные меры сторон.*

**Ключевые слова:** *Таджикистан, Узбекистан, государственный визит, стратегическое партнёрство, пограничный пункт, культурные мероприятия, экономическое сотрудничество.*

***Сведения об авторе:*** **Кодиров Дилшод Абдурасулович, Ответственный сотрудник Министерство иностранных дел Республики Таджикистан**

**тел.: (+992) 37 227 17 95; e-mail: dilshod_kodirov@rambler.ru**

# TAJIKISTAN'S ROLE IN NEW SYSTEM OF THE INTERNATIONAL RELATION

After collapse of the Soviet Union in 1991, Tajikistan became as independent state and boost diplomatic relations with countries around of the world. Tajikistan's initiatives about to safe and protect the sources of the fresh drinking water, and provide everybody with fresh water were supported among world's countries. Tajikistan's role on struggle against terrorism, extremism, separatism and drug trafficking lift countries images in the world. In this article described Tajikistan's position in recent world.

Key words: independent, foreign policy, recent world, relations, benefits, development, struggle, country, threats, terrorism, extremism, initiatives.

# ВАЗЪИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

**Ф.Т. БОБОЗОДА,**
**н.и.т., декани факултети муносибатҳои байналмилалии Интистути хизмати давлатии назди Президенти ҶТ**

Мардумони тоҷику ӯзбек бо амри сарнавишт таи садсолаҳост, ки бо ҳам қаробат пайдо карда, дар ҳамсоягии зич умр ба сар мебаранд. Тули таърих муносибатҳои дуҷонибаи тоҷикону ӯзбекон аз ҳамзистии осоишта ва паҳлуи ҳам басар бурдани онҳо таҷрибаи бой гирифта, омӯзиши ин таърих, фарҳанг, маданият, рушди ҳамкориҳо, баргузории чунин конференсияҳо ва ҳамоишҳои гуногунсатҳ амри воқеист. Чунки, талошҳои дирӯзаву имрӯзаи мо баҳри пешрафт ва беҳбудии насли фардои халқи тоҷику ӯзбек мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳарии Ӯзбекистон дар робитаҳои дуҷонибаи худ арзишҳои қабл бадастовардаро ҳифз намуда, кушиш кардаанд муносиботи муфиди ҳасанаро дар ҳама соҳаҳо идома диҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои аввали раҳбарии худ одилона гуфтаанд, ки “барои мо тоҷикон муносибати дӯстона, қавӣ ва бардавом бо Ӯзбекистон зарурати таърихӣ ва инсонӣ дорад” [1,147].

Омезишу қаробати ин ду мардум ҳатто то ба ҷоест, ки баъзан онҳоро аслан як халки дузабона мехонанд («тоҷикону узбекон аслан як халқ буда бо ду забон гап мезананд») [2].

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистону Узбекистон дорои таърихи ягона ва фарҳангӣ умумӣ буда, ин ду давлатро зиндагии якҷояи 70-сола дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ боз ҳам ба якдигар наздик намудааст. Тоҷикону узбекон дар тули таърих рӯйдоду таҳаввулоти гуногунро аз сар гузарониданд. Иқтисоду сиёсат, илму фарханг давра ба давра инкишоф ёфта, бахусус садаи XX дар тақдири онҳо гардишу дигаргуниҳои куллиро ба бор овард. Давлати шӯравӣ дар даврони худ ба ин ҷумҳуриҳо имкон дод, ки ба зинаҳои баланди

инкишофи моддию маънавӣ расанд.

Дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии ин ду кишвар марҳилаи нави таърихӣ аз соли 1991 оғоз ёфт. Ин падида ҳадяи бебаҳои таърих буда, аз рӯзҳои аввал аз табақаҳои гуногун ва неруҳои мухталифи ҷомеа тақозо дошт, то бо рӯҳу илҳоми тоза ва қадамҳои устувори созанда симои навини Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба вуҷуд оранд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 12 декабри соли 1992 дар мурочиатнома ба мардуми кишвар ба сиёсати дохилию хориҷӣ дахл карда, "ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд", инчунин "таҳкимбахшӣ ва рушди минбаъдаи робитаҳои некӯҳамсоягӣ ва ҳамкории гуногунҷанба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва дигарон" чун вазифаҳои муҳимтарин муайян намуданд [3,18-19].

Яке аз зарурат ҳои таъхирнопазири даврони истиқлолият ин ташаккул ва инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Зеро, аз нигоҳи ҷуғрофӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунбасти комуникатсионӣ қарор дошта, ин омил тақозо дошт ҳамкорӣ ва муносибатҳо бо давлатҳои ҳамҷавор барқарор ва густариш ёбанд.

Дар ин росто муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Узбекистон аҳамияти махсус дорад. Бо назардошти омилҳои ҳамсоягӣ, умумияти ҳаётӣ, ҳамзистии осоишта ва робитаҳои ҳасанаи ду халқу кишвар, муносибат бо Узбекистон яке аз самтҳои афзалиятдоштаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

**Таърихчаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон**

Таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар даврони истиқлолият ба 3 марҳила қисмат кардан мумкин аст:

- Солҳои 1991-1998 – аз рӯзҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатии кишварҳо то пойдорсозии сулҳу ваҳдати сартосарӣ дар Тоҷикистон;
- Солҳои 1998-2016 – аз кушодани сафорати Ӯзбекистон дар Тоҷикистон то интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон. (Ин марҳиларо мумкин аст вобаста ба сард шудани муносиботи дуҷониба, ки сабабу омилҳои гуногун дорад, ба 2 давра ҷудо намуд: 1998-2006 ва 2001-2016);
- Аз соли 2016 то инҷониб – аз замони ба сари ҳокимият омадани Шавкат Мирзиёев.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шумори аввалинҳо истиқлолияти давлатии ҳамдигарро ба расмият шинохтанд ва ба таърихи муносибатҳои навини миёни ду кишвар ҳусни оғоз бахшиданд. 22 октябри соли 1992 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардид. Ҷонибҳо изҳор доштанд, ки бар асоси эътироф ва эҳтироми мутақобилаи истиқлолияти давлатӣ, принципҳои баробарҳуқуқӣ ва дахолат накрдан ба корҳои дохилии якдигар, танзими масъалаҳои мавриди баҳс бо роҳи гуфтушунид ва меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ кор мегиранд.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии доимии хешро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон моҳи январи соли 1993 ифтитоҳ бахшид. Пушида нест, ки Ҷумҳурии Узбекистон то ба даст омадани ваҳдати сартосарӣ дар Тоҷикистон Сафорати худро накушода, танҳо намояндагии ҳамсоякишвар ҳамчун миссия фаъолият мекард. Сафорати Ҷумҳурии Узбекистон дар шаҳри Душанбе 15 майи соли 1998 ба кори худ оғоз кардааст. Ин амал албатта аз эътимод кардани Ҳукумати Ӯзбекистон ба Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии сиёсатмадори ҷавону, вале қавииродаи боустувор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак дода буд [4,65].

Президенти собиқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов дар миёнаи солҳои 1990-ум гуфта буд, ки “Мо ҳукумати Эмомали Раҳмонро барои кушишҳои пойдорсозии субот ва раванди сулҳ дастгирӣ менамоем. Тули ҳазор сол мо бо тоҷикон ҳамчун ҳамсояи наздиктарин зиндагӣ доштем. Мо бародари хунием, мо таърихи муносиботи худро зиёд қадр менамоем. Ман арз медорам, ки талош мекунем ин муносибатҳо минбаъд низ қавӣ ва устувор боқӣ бимонанд” [5,45].

Аз оғози давраи истиқлолият бад-ин сӯ дидору вохӯриҳои расмиву ғайрирасмии ду ва чандҷонибаи роҳбарони ду кишвар, табодули ҳайатҳои намояндагони ҳар ду тараф дар сатҳҳои гуногун мунтазам сурат гирифта, дар роҳи ҳаллу фасли мушкилиҳои мавҷуда ва ривоҷи робитаҳои серҷанба саъю кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудааст.

Дар марҳилаҳои аввали муносиботи байнидавлатии Тоҷикистону Узбекистон воқеъаҳои муҳим, ин ташрифи Президенти Ҷумҳурии Узбекистон ба Тоҷикистон 15 июни соли 2000 ва ташрифи ҷавобии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Узбекистон 27 декабри соли 2001 мебошанд.

Миёни Тоҷикистону Узбекистон то соли 2016 зиёда аз 100 Созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо расидааст, ки миёни онҳо “Созишнома оид ба дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкории дуҷониба” аз 4-уми январи соли 1993

ва "Аҳдномаи дӯстии абадӣ" аз 15 июни соли 2000, чун ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи тамоми муносибатҳои дуҷониба, мақоми хосеро соҳиб мебошанд. Дар Аҳднома мувофиқати ҷонибхо роҷеъ ба ҳамкориҳои мутақобилаи фаъол ҷиҳати таҳкими сулҳу суботи байналмилалӣ ва амнияти минтақавӣ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи нашъадор, экстремизми динӣ ва шаклҳои он, гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ низ махсус баён шудааст.

**Марҳилаи навини муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон**

Аз моҳи сентябри соли 2016 дар муносиботи Тоҷикистону Ӯзбекистон саҳифаи нав боз шуд. Соли 2016 баъд аз пируз гардидани Шавкат Мирамонович Мирзиёев дар интихоботи президентии Ҷумҳурии Узбекистон дар як муддати кӯтоҳ муносиботи Тоҷикистону Узбекистон сифату суръати дилхоҳро гирифт.

Мардуми Тоҷикистону Узбекистон бо як дили гарм интизори мӯътадил гардидани муносибати ду кишвар шуданд. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев сиёсати кишвари хешро нисбати Тоҷикистон куллан тағйир дода дар тамоми самтҳо муносибатро ҷоннок намуд.

Моҳи марти соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Точикистон ташриф овард. Дар ҷараёни музокироти сарони ду кишвар дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум, ки ба робитаҳои муосири байнидавлатии ду кишвар хос аст, масъалаҳои муҳимтарини рушду таҳкими ҳамкории дуҷониба дар ҳамаи арсаҳои манфиатҳои муштарак ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев тамоюлҳои мусбати даврони ахирро дар муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, аз ҷумла ҷиҳати афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши мутақобилаи мол ва фаъол гаштани ҳамкориҳои фарҳангиву иҷтимоӣ, ки ба арзишҳои маънавии муштарак ва анъанаҳои бойи дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ такя менамоянд, баҳои баланд дод. Дар иртибот ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ниятҳои баррасии ҳамаҷонибаи имконияти иштироки ҷониби Ӯзбекистонро дар бунёди иншооти гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар сохтмони НОБ-и Роғун баён кард.

Зимни ин сафар бастаи калонҳаҷми санадҳои дуҷониба, ки аз 27 созишнома иборат буда, аксари соҳаҳои калидии ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар бар мегирифтанд, ба имзо расонида шуданд [ниг.:6].

Президенти Ҷумҳурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ санаи 17-18 августи соли 2018 озими Ӯзбекистон шуд. Дар ин сафар

26 санад ба имзо расида, бешубҳа, дар байни ин ҳуҷҷатҳо аз ҳама муҳим имзои “Созишнома дар бораи ҳамкории шарикии стратегӣ” мебошад, ки муносибатҳои ду кишварро ба сатҳу сифати нав мебарорад. “Ин тадбир ҳамчун рӯйдоди таърихӣ бозгуйи ҷаҳду талошҳои самимии мо барои таҳкими дӯстии абадӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад” – таъкид доштанд Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон [ниг.:7].

Зимни ин сафар аз ҷониби Ҳукумати Ӯзбекистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофоти олии давлатӣ Ордени “Эл-юрт ҳурмати” қадрдонӣ карда шуд.

Дар давоми беш аз 27 соли соҳибистиқлолӣ дар ҷараёни боздидаҳои сатҳи олӣ ва ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 149 санади байнидавлатию байниҳукуматӣ роҷеъ ба масоили гуногуни ҳамкориҳо дар бахши сиёсату амният, иқтисоду тиҷорат, илму фарҳанг ва ғайра ба имзо расидааст. Санадҳои мазкур асоси ҳуқуқӣ-аҳдномавии муносибатҳои дуҷонибаи миёнаи ҳар ду кишвар ба шумор меравад ва ин муносибатҳоро танзим мекунанд.

Имрӯз паҳлуҳои гуногуни робитаҳои дуҷониба ҳамвора тавсеа ёфта дар роҳи инкишофи дӯстиву қаробати беш аз пеши тоҷикону узбекон заминагузориҳои хуб сурат мегиранд. Пешрафту комёбиҳои ин ду кишвар самтҳои нави ҳамкориҳоро ба вуҷуд меоранд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, зарурати омӯзишу баррасӣ ва дарёфти бархурду шеваҳои беҳтари рушди ҳамкориҳо ба миён меояд.

Бо саъю кӯшиши ҳукуматҳои Тоҷикистону Узбекистон чандин масъалаҳои баҳснок ҳалли хешро ёфта истодаанд. Аз ҷумла, аз 1363 км тули сарҳади давлатӣ 96% он делимитатсия шуда, комиссияи байниҳукуматӣ барои демаркатсияи он ба кори худ шуруъ кард; истифодаи якҷояи захираҳои обу энергетикӣ ва саҳмгузорӣ дар сохтмони неругоҳҳои обӣ-барқӣ; таъсисии корхонаҳои муштараки саноатӣ; барқарор гардидани алоқаи ҳавои миёни кишварҳо ин чанде аз тасмимоту созишҳои бешумори онҳост.

Дар ин росто, бо мақсади рушди муносибатҳо байни мақомоти қонунгузори ду кишвар дар моҳи декабри соли 2017 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ гурӯҳи байнипарлумонии корӣ таъсис дода шуд [ниг.:8].

Дар муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат ба таҳдидҳои сулҳу суботи минтақавӣ аҳамияти махсус дорад. Имрӯз ду ҷониб ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ мубориза бар зидди таҳдидҳо ба амният ва ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳу субот дар Афғонистон кӯшиш намуда истоданд. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ, кишварҳои

мо дар ҳалли низоъ дар Афғонистон нақши муҳим мебозанд. Тоҷикистон мавқеи Ӯзбекистонро барои ҳалли бӯҳрони Афғонистон дастгирӣ мекунад. Иштироки Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалии Афғонистон, ки моҳи марти соли 2018 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, далели равшане мебошад. Ҳамчунин, дар моҳи июни соли 2018 созишномаи ҳамкорӣ миёни Хадамоти амнияти миллии Ӯзбекистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон ба имзо расидааст.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хариду фурӯши одамон ва мубодилаи иттилооти махсус ҳамкории дуҷонибаро ба роҳ мондааст. Вобаста ба ин дар моҳи майи соли 2018 дар шаҳри Тошканд байни вазирони корҳои дохилии Тоҷикистону Ӯзбекистон мулоқот баргузор гардида, барои солҳои 2018-2019 нақшаи муштарак барои мубориза бар зидди таҳдидҳои экстремизм ва терроризм имзо карда шуд. Ҳамчунин, 7 августи соли 2018 вазирони мудофиаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Тошканд бо мақсади муҳокима намудани ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа, таҳкими муносибатҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои ҳарбӣ ва техникӣ мулоқот намуда, тарафҳо нақшаи муштаракро ба имзо расониданд.

Имрӯз мавқеи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баҳри зарурати истифодаи оқилона ва баробари захираҳои обу энергетикӣ байни кишварҳои минтақа мувофиқат мекунанд. Чуноне, ки мутахассисони хориҷӣ қайд мекунанд, хусусияти созанда дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ин самт метавонанд кӯшишҳои минтақавӣ оид ба таъмини амнияти об дар Осиёи Марказӣ таъсири мусбӣ дошта бошанд.

Дар ду соли охир Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи иқтисоду савдо ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд. Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ роҳи ҳалли мушкилоти фарогири манфиатҳои ҳарду ҷонибро ба таври мунтазам баррасӣ карда истодаанд. Шӯрои кории Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои густариши муносибатҳои тиҷоратӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ менамоянд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо шарикии тоҷирони Тоҷикистон 24 корхона фаъолият карда, дар Тоҷикистон бошад бо шарикии соҳибкорони Ӯзбекистон 9 корхонаи нав таъсис ёфтаанд. Танҳо дар соли 2017 Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ба фаъолияти 6 «Хонаи савдо»-и худ оғоз бахшида, дар соли 2018 дар шаҳри Тошканд “Хонаи савдои Тоҷикистон” кушода шуд [8].

Дар робитаҳои дуҷонибаи кишварҳо илму фарҳанг меҳвари асосӣ маҳсуб

меёбад. Имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон 10 маркази фарҳангии миллии тоҷикӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳоло аз 245 мактабҳои миёнаи таълим бо забони тоҷикӣ, 55 мактаб пурра бо забони тоҷикианд. Дар донишгоҳҳои Самарқанд, Термиз ва Фарғона гурӯҳҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ ташкил карда шудданд. Дар қаламрави Ӯзбекистон чор нашрияи даврӣ, панҷ шабакаи телевизионӣ ва сӣ радиоӣ барномаҳо бо забони тоҷикӣ пешкаш мекунад [8].

Бо пайдо шудани имконоти рафту омади бемамонияти сокинони ду кишвар ба меҳмонии ҳамдигар якбора шумораи хоҳишмандон зиёд гардид. Чи тавре иброз доштем, тоҷикон бо мардуми дӯсту бародари ӯзбек таъриху фарҳанги муштарак дошта, тӯли таърих дар як давлат низ ба сар бурдаанд. Аз ин лиҳоз, бисёре аз шаҳру навоҳӣ ва марқаду маҷмааҳо ба ҳарду халқ тааллуқ дошта, аксари анъанаву ҳунарҳо барои ин ду миллат хислати умумӣ доранд. Ҳар як тоҷикистонӣ барои худ фарз мешуморад, ки боре аз шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро дидан намояд ва мақбараи абармарди тоҷик Шоҳ Исмоили Сомониро зиёрат кунад. Тоҷикони Ӯзбекистон ба Рӯдакии оламшумул арҷ мегузоранду бо Садриддин Айнӣ мефахранд. Ба ин хотир дӯстдорони таъриху ниёгон ва савту калом метавонанд бемамоният ба зиёрати ин абармардон ба Тоҷикистону Ӯзбекистон ташриф баранд.

**Дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон**

Ҳоло Тоҷикистону Ӯзбекистон бо дарназардошти тавоноиву шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ бо мақсади пайдо кардани ҷойгоҳи муносиби худ дар арсаи байналмилалӣ кор мегиранд. Давраи нави таърихӣ, ки дар фазои дунёи зуддтаҳаввулпазир сурат мегирад, дар роҳи пайвастани онҳо ба ҷараёни фарогири равандҳои умумиҷаҳонӣ бархурду шеваҳои оқилонаи коргириро тақозо дорад.

Аз ин лиҳоз, дар фарҷоми маъруза суханони хешро хулоса намуда, чанд таклифу пешниҳод манзур месозам:

- Осиёи Марказӣ ҳамчун нуқтаи ҳассоси геополитикӣ ва геостратегии ҷаҳон набояд саҳнаи бесуботӣ ва бархӯрдҳои ҷаҳонӣ бошад, балки маркази пайванди манфиатҳои ҷаҳонӣ гардад. Ин амр тақозо менамояд, ки Тоҷикистону Ӯзбекистон дар муносибат чи бо давлатҳои минтақа ва чи бо давлатҳои бузург сиёсати ниҳоят санҷида, созанда ва созгор бо суботу амнияти минтақавӣ ва ҷаҳониро амалӣ намоянд. Шарти муҳимтарин дар ин роҳ - ташаккул додани ҳамкории байналмилалӣ ҷиҳати бартараф намудани хатарҳо ва таҳдидҳои асосии глобалӣ, аз ҷумла омилҳои динӣ, терроризм, экстремизм, қочоқу гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир

ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ мебошад. Зеро дар ин раванд ҳамгироии босуръати ин падидаҳои фоҷиабор вусъат гирифта истодааст.

• Дар чаҳорчубаи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ дар ҳамбастагӣ қарору хулоса баровbooarda, манфиатҳои ба ҳарду давлат вобастаро ба даст овардан ва истифода бурдан;

• Дар вилоятҳои наздисарҳадии ҳарду кишвар таъсис додани намояндагии консулгарии сафоратҳо ё вобаста ба имконот консулгариҳои генералӣ;

• Пурра бекор кардани низоми раводид нисбати шаҳрвандони якдигар ва аз пардохти ҳаққи хизматрасониҳо озод намудани автомобилҳои сарҳадубуркунандаи ду кишвар;

• Ҳамкориҳои боз ҳам зичтар ва фарогир дар самти илму маориф. Ихтироот, иктишофот, коркард ва ҳамкориҳои гуногун дар маҷмуи илмҳои дақиқ, тиб, кишоварзӣ, адабиёту бостоншиносӣ;

• Зиёд намудани ҳаҷми тарҷума ва чопи осори шоирону нависандагони тоҷику ӯзбек ё маҷмуаҳои муштарак бо забонҳои якдигар;

• Таҳияи муштараки филмҳои нави бадеӣ ва барномаҳои телевизионӣ, намоиши ретрофилмҳову киноҳои муосир дар ҳарду ҷониб;

• Бештар ва муассир истифода бурдани васоити ахбори оммаи ҳарду давлат баҳри муаррифии фарҳангу маданият ва ҳаёти мардумони ҳарду ҷониб;

**Дар рушди ҳамкориҳои соҳаи туризм:**

Бо ҷалби сармоя бунёд ва фаъол кардани минтақаҳои сайёҳию солимгардонӣ, истироҳати лабибаҳрӣ, туризми сайругаштӣ ва амсоли инҳо. Чунки барои анҷоми ин корҳо табиату ҳавои Тоҷикистону Ӯзбекистон пурра мусоид буда, аз лиҳози нарху дастрасӣ ва амният дар қиёс бо Туркия, Кипр, Миср, Тунис, Чин, Арманистон, Қрим ва ҷануби Россия рақобатпазир метавонад бошанд;

• Хатсайрҳои туристии муштарак тартиб дода, сайёҳони хориҷиро барои дидан аз шаҳрҳои таърихии дар Роҳи бузурги абрешим қарор дошта, мисли Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд ва Ҳисору Душанбе ҷалб созанд;

• Барои шаҳрвандони якдигар хатсайр ва хизматрасониҳои арзону дастрас бо мазмуну мундариҷаи сайёҳӣ пешниҳод намоянд;

• Дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута дар сатҳи ҷаҳонӣ ё минтақавӣ ташкил намудани намоишгоҳу фестивалҳои фарҳангӣ, ҳунармандию косибӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, ҷаҳонгардӣ ва амсоли инҳо;

• Васеъ ба роҳ мондани фаъолияти Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон басо муҳим ва саривақтист. Умедворем, ки фаъолияти чунин

ҷамъият баҳри боз ҳам мустаҳкам намудани муносиботи ду кишвар нақши муассир мебозад.

Дар дунё имруз кишваре буда наметавонад, ки танҳо бидуни муносибат бо мамолики дигар арзи ҳастӣ кунад. Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ истисно намебошанд. Аз ин рӯ сарварони хирадманди ду давлат бо дарки баланди масъулият дар назди халқу меҳан даст ба даст бо қавли бародархондагӣ ва бо азми фатҳи ҳама монеаву чолишҳои пешомада роҳ ба суи музаффариятҳои нав мекушоянд. Бояд ҳамагон бе рашку ҳасуд иқрор бошанд ва дарк кунанд, ки ҳамбастагии имрӯзаи мардумону сарварони Тоҷикистону Ӯзбекистон ногусастанист ва муҳлати беохир дорад.

## КИТОБНОМА


1. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: Чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. –Душанбе, 1995.
2. Сузанронии Президенти Ӯзбекистон Ислом. Каримов дар ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон /05.07.1998/.
3. Эмомали Раҳмон – Бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Зери таҳрири Ҳ. Зарифӣ. - Душанбе, 2012.
4. Бобозода Ф.Т. История становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в период независимости (1991-2006 гг.). Диссертатсияи н.и.т.– Душанбе, 2016.
5. Каримов И. Сплоченность народа - залог мира и прогресса. –Ташкент, 1998.
6. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон /09.03.2018/ URL: http://www.president.tj/
7. Рӯзномаи «Овози тоҷик»: Тоҷикистон ва Ӯзбекистон акнун шарикони стратегӣ мебошанд. URL: https://khovar.tj/2018/08/
8. Ӯзбекистон – Тоҷикистон: дар роҳи расидан ба шарикии стратегӣ/Рӯзномаи “Сухани халқ” бо забони ӯзбекӣ /16.08.2018/ URL: http://xs.uz/uz


# ВАЗЪИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН


*Дар мақолаи мазкур муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор ёфтаст. Муаллиф марҳилаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои байнидавлатиро нишон дода, чунин гуруҳбандиро асоснок намудааст. Дар мақола инчунин марҳилаи муосир ва тамоюли имрузаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекситон таҳлил шудаанд ва муаллиф андешаи худро перомуни зарурати густариши чунин ҳамкориҳо зикр кардааст. Дар интиҳои мақола тавсия ва пешниҳоди мушаххас барои рушди муносибатҳои дуҷонибаи гуногунсатҳ оварда шудаанд.*



**Калидвожаҳо:** *Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, шарикии стратегӣ, марҳила, музокирот, НОБ-и Роғун, обу энергетикӣ, амният, туризм.*



Маълумот дар бораи муаллиф - Бобозода Фаридун Толибҷон, номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел.: +992 (37) 224-17-86, (+992) 918 252 002; e-mail: bfarid@list.ru**

# СОСТОЯНИЕ ДВУХСТОРОННИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И УЗБЕКИСТАНА И ПЕРСПЕКТИВЫ ИХ РАЗВИТИЯ

*В данной статье рассматривается двухсторонние взаимоотношения Таджикистана и Узбекистана. Автор определяет и обосновывает этапы формирование и развитие двухсторонних взаимоотношений. Приводится анализ современного состояние, а также тенденции взаимоотношений между Таджикистаном и Узбекистаном. Автор всестороннее обосновывает важность расширение отношений между странами. В завершении статьи, приводятся ряд рекомендаций и предложений по укреплению и развития отношений между Таджикистаном и Узбекистаном в различных сферах.*

**Ключевые слова:** *Центральная Азия, Таджикистан, Узбекистан, стратегическое партнёрство, этапы, переговоры, Рогунская ГЭС, гидроэнергетика, безопасность, туризм.*

**Сведения об авторе:** Бобозода Фаридун Толибджон, кандидат исторических наук, доцент, декан факультета Международных отношений Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

**тел.: +992 (37) 224-17-86, (+992) 918 252 002; e-mail: bfarid@list.ru**

# CONDITION OF BILATERAL RELATIONSHIPS OF TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN AND THE PROSPECTS OF THEIR DEVELOPMENT

This article discusses bilateral relations between Tajikistan and Uzbekistan. The author determines and justifies the stages of the formation and development of bilateral relations. An analysis of the current state, as well as trends in relations between Tajikistan and Uzbekistan, is given. The author comprehensively substantiates the importance of expanding relations between countries. At the end of the article, there are a number of recommendations and proposals for strengthening and developing relations between Tajikistan and Uzbekistan in various fields.

Keywords: Central Asia, Tajikistan, Uzbekistan, strategic partnership, stages, negotiations, Rogun HPP, hydropower, safety, tourism.

About the author: Bobozod Faridun Tolibjon, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of International Relations of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan

# РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ОН

**Ризоён Шералӣ ШУКРУЛЛОЗОДА,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**

**Вуруд ба масъала.** Осиёи Марказӣ дар шароити кунунӣ ба марҳилаи комилан нави рушди худ ворид гардид. Яке аз трендҳои актуалӣ ин густариш пайдо намудани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба шумор меравад. Барои собит намудани нуктаи мазкур ба чанд омил метавон ишора намуд:

**Якум**, тағйир ёфтани сиёсати минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди соли 2016 ва сифатан беҳтар гардидани муносибатҳои дуҷонибаи онҳо. Дар ин росто, метавон муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро номбар намуд, ки дар равобити онҳо шуруъ аз охири соли 2016 гардиши куллӣ ба вуҷуд омад. Чунин сатҳи муносибатҳо, бешубҳа, ба мантиқии татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳими ҳар ду давлат ҷавобгӯ мебошад. Зеро аз оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар кишвар рушди муносибатҳо бо Ӯзбекистон дар сатҳи ғайри қобили қабул қарор доштанд ва ба тадриҷ коҳиш меёфтанд. Дар чунин шароит ҳифзу татбиқи манфиатҳои миллӣ барои Тоҷикистон мушкил буд, чун таъсири мустақим ва ғайримустақими ин кишвар ба иқдомҳои роҳбурдии давлати мо ба таври васеъ эҳсос мешуд. Дар марҳилаи кунунӣ, бинобар сабаби ба сатҳи комилан нав баромадани муносибатҳо, тамоюли ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ суръати мусбатро касб намуд. Аз ин хотир, дар навиштаи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба равандҳои имрузаи минтақа нигаронида шуда, густариши робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Узбекситон аз ин зовия таҳлилу баррасӣ мегардад.

**Дуюм**, равобити коршиносони кишварҳо мунтазам боло рафта, дар ин муддат якчанд ҳамоишу нишастҳои мухталиф, ҳам дар Тошканд ва ҳам дар Остона баргузор гардиданд. Имруз масъалаи робитаҳои дохили минтақавии Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи коршиносону таҳлилгарони зиёдро ба худ ҷалб мекунад. Ва зиёд шудани чунин нишастҳо барои ташаккули фаҳмиши

умумӣ ва ба ҳам наздики муносибатҳои байнидавлатӣ низ таъмири мусбат мерасонад.

**Сеюм**, омодагии сарони давлатҳои минтақа барои ҳамоиши бештари кишварҳо ба назар расида, иродаи зарурии сиёсӣ низ ба намоиш гузошта шуд. Муҳимтарин таҳаввулот мутобиқи таҳлили маводҳои ба нашр расибаи ВАО-и минтақавӣ аз моҳи ноябри соли 2017 оғоз гардида, дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ хабару мақолаҳои гуногун перомуни нишасти сарони давлатҳо дар моҳи марти соли 2018 дар ҳоли чархиш қарор дошт. Дар ин бора дар расонаҳои гуногуни кишварҳои пасошуравӣ маводҳои зиёд ба нашр расиданд ва ҳар муаллиф вобаста ба дидгоҳи худ мавзӯъро баҳсу баррасӣ менамуд. Таваҷҷуҳ ба ин нишаст то андозае баланд буд, зеро он метавонист низоми муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақаро комилан дигар кунад ва ҳамин ҳолат низ ба вуқӯъ пайваст. Роҳбарони кишварҳои минтақа зимни нишасти моҳи марти 2018 дар шаҳри Остона, ки бо танаффуси зиёда аз **10 сола** баргузор шуд, ба хулосае омаданд, ки ҳамасола дар арафаи Навруз бо ҳам якҷоя дидору гуфтугу кунанд.

Тавре маълум аст, наздик шудани робитаҳо байни давлатҳои Осиёи Марказӣ паҳлуҳои зиёди мусбатро барои мардуми минтақа дорад ва зарфияту захираҳои мавҷударо имкони истифода кардан барои саодати давлатҳо низ имконпазир менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳалқаи аввали афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ворид мешаванд ва Пешвои миллат дар суханронии худ ҳануз дар моҳи марти соли 2013 масъалаи ташаккули “Камарбанди эътимод ва амният”-ро дар атрофи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуда буданд [Муфассал ниг.:1]. Нуктаи мазкур дар Консепсияи амалкунандаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ ба таври мушаххас зикр шудааст [Муфассал ниг.:2]. Аз ин рӯ, робитаҳои наздик бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ба манфиатҳои дарозмуддати миллии мо ҷавобгӯ мебошад.

Аз ҷониби дигар, басо рамзист, ки мулоқот дар арафаи Наврӯзи байналмилалӣ баргузор гардид ва Наврӯзи соли 2018 аз чанд нигоҳ аз идҳои қаблӣ фарқ мекард:

**1.** Дар як соли охир (то марти 2018) муносибати дуҷонибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ба сатҳи сифатан нав баромада, масъалаҳои зиёди то ин замон ба вуҷуд омада, ба тадриҷ роҳҳалли худро ёфта истодаанд. Муҳимтарин таҳаввулот дар сиёсати хориҷии Ӯзбекистон ба назар мерасад. Роҳбарияти нави ин кишвар барои густариши муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ қадамҳои амалӣ гузошта, дар ин муддат аксарияти масъалаҳои дар

солҳои пеш ба вуҷуд омадаро ҳаллу фасл намуд.

**2.** Гардиши молу маҳсулот миёни кишварҳои минтақа низ зиёд шуда, шароити мазкур имкониятҳои нави рушдро дар дарозмуддат ба вуҷуд овард. Кишварҳои минтақа бо давлатҳои гуногун робитаҳоро ба роҳ монда буданд, вале мавҷудияти сардӣ дар мушкилоти байниҳамдигар ба гардиши бемамонияти молу маҳсулот ва сармоя халал эҷод мекард. Аз ин ру, наздик шудани муносибатҳо силсилаи мушкилоти мавҷударо аз байн мебарад ва ҳамзамон ба ҳайси омили пешгирикунандаи таҳдиду хатарҳои умумӣ, аз қабили ифротгароӣ, терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мушкилоти экологӣ ва ғайра низ метавонад баромад кунад.

**3.** Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт низ қавӣ шуда, барои рушди кулли кишварҳои минтақа таъсири мусбат мерасонад. Пушида нест, ки то имруз давлатҳои минтақа дар ин самт на ҳамкорӣ, балки рақобат мекарданд ва кушиш доштанд, ки низоми иртиботии ба вуҷудомадаи солҳои пешинро аз байн баранд ё онро бо назардошти ҳадафҳои худ барои таъсир расонидан ба кишварҳои дигар истифода мекарданд. Аз ин ру, ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт низ метавонад зарфиятҳоро барои рушди устувор муттаҳид кунад.

Боз нуктаҳои дигар низ мавҷуд ҳастанд, вале муҳимтарин таҳаввулоти Осиёи Марказӣ ин наздик шудани муносибатҳо байни кишварҳои минтақа мебошад, ки имкониятҳои зиёдро барои рушди давлатҳо фароҳам меоварад.

## Таърихчаи раванди ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ

Баъди фурупошии Иттиҳоди Шуровӣ дар Осиёи Марказӣ масъалаи ба роҳ мондан, дурустараш ҳифзи робитаҳои мавҷудаи иқтисодию хоҷагидорӣ ба миён омад. 10-уми январи соли 1994 аз ҷониби роҳбарони Узбекистон ва Қазоқистон созишнома оид ба таъсиси “Фазои умумии иқтисодӣ” (Договор о создании Единого Экономического Пространства) ба имзо расид [Муфассал ниг.:3], ки он мухтаво ва самтҳои ҳамкориҳоро дар оянда муайян менамуд. 16-уми январи ҳамон сол ба ин созишнома Қирғизистон ҳамроҳ мешавад ва инро метавон ҳамчун оғози ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ номбар кард. Ҳамин тариқ, узвияти Қирғизистон сабаб гардид, ки 30 апрели соли 1994 дар Чолпон-Ота созишнома оид ба таъсиси “Фазои умумии иқтисодӣ байни Узбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон” ба имзо мерасад [4]. Ҳадафи ин ҳуҷҷат пеш аз ҳама ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ иборат буда, гардиши озоди молу маҳсулот, сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ ва ғайраро дар афзалият қарор медод. Ин иттиҳоди ҳамгироӣ номи **Иттиҳоди Осиёи Марказӣ (Центрально-Азиатский Союз -ЦАС)** гирифт ва соли 1994 сохторҳои кории он низ таъсис дода шуданд: Шурои байнидавлатии ИОМ

(Межгосударственный совет ЦАС), ки ба сохтори он Шурои сарвазирон ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ дохил мешуданд. Ҳамчунин, ниҳоди доимамалкунандаи он, яъне Кумитаи иҷроия таъсис дода шуд, ки вазифаи он: ҳамоҳангию машваратӣ, таҳлилию оянданигарӣ ва иттилорасонӣ буд.

Дар рафти нишасти Шурои сарони ҳукуматҳои ИОМ дар таърихи 26 июни соли 1998 дар шаҳри Бишкек роҳбарияти Тоҷикистон низ иштирок намуд ва кишвари мо ба узвият пазируфта шуда, номи созмон ба – **ЦАЭС (Центрально-Азиатское Экономическое Сообщество)**-ро гирифт [5].

Дар таърихи 27-28 декабри соли 2001 дар шаҳри Тошканд нишасти сарони давлатҳои ЦАЭС баргузор мегардад. Зимни он эълон мегардад, ки дар заминаи ЦАЭС – **Созмони Иттиҳоди Осиёи Марказӣ (ОЦАС)** таъсис дода мешавад. Ин ҳолат, ба хусус баъди ҳодисаҳои моҳи сентябр дар Нью-Йорк барои боз ҳам наздик намудани ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои мухталиф: сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, иртиботӣ ва ғайраро бояд таъмин менамуд. Созишнома дар бораи таъсиси Созмони Иттиҳоди Осиёи Марказӣ 28 феврали соли 2002 дар Алма-ато ба имзо мерасад [6].

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов ба ОЦАС барои узвият Русия даъват карда мешавад ва 18 октябри соли 2004 дар Душанбе дар саммити сарони давлатҳо, В.В.Путин протокол оид ба ҳамроҳшавии Русияро ба имзо мерасонад. 6 октябри 2005 дар Санкт-Петербурге дар саммити ОЦАС қарор қабул мегардад, ин созмон бо ЕврАзЭС муттаҳид карда шавад ва бо ҳамин иттиҳоди худи давлатҳои Осиёи Марказӣ аз байн меравад.

Ҳамин тариқ ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ бо номҳои ЦАС (1994-1998), ЦАЭС (1998-2002), ОЦАС (2002-2005) маълум буда, сабаби нокомии он пеш аз ҳама ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

**Якум**, сифатан паст будани натиҷаҳои фаъолияти ин созмонҳо ва ба талаботи воқеии кишварҳо ҷавобгӯ набудани онҳо. Чунин шароит пеш аз ҳама ба омилу сабабҳои зерин вобаста аст: 1.Омода набудани давлатҳо барои ҳамгироии воқеӣ ва маҳдуд намудани соҳибихтиёрии худ бар фоидаи ниҳоди фародавлатӣ; 2.Дарки зарурати зерсохтори дохилии давлатӣ барои мувофиқ будан ба давлатдории соҳибистиқлол; 3.Роҳандозӣ намудани раванди таҳкими ниҳодҳои муҳими давлатдории миллӣ; 4.Гуногун будани афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва кушишҳо ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳо бо кишварҳои гуногуни дунё, хусусан бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ; ва 5.Аз ҳамдигар фақр намудани модели сиёсати хориҷӣ ва парадигмаи асосии он. Дар умум омилҳои боло ба раванди ҳамгироии минтақавӣ таъсири манфӣ расониданд. Чун ҳар давлати минтақа давраи гузаштаи шӯравии худро

баррасиву таҳлил намуда, барои офаридани барномаҳои дохилии роҳбурдӣ иқдоми зиёдеро амалӣ намуд ва муҳимтарин таваҷҷуҳ ба эҷоди ҳувияти нави этникӣ, шаҳрвандӣ ва давлатӣ нигаронида шуд.

**Дуюм**, рақобати шадиди кишварҳои Осиёи Марказӣ барои истифода намудани шароити ба вуҷуд омада дар Афғонистон зимни ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои Коалитсияи зиддитеррористӣ мебошад. Тавре маълум аст, кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоми паёмадҳои ворид шудани ИМА ва шарикони ғарбии ин кишварро ба хоки Афғонистон ҳамчун имкони хуби тақвият бахшидани муносибатҳои худ баҳогузорӣ намуда, рақобати шадидро байни ҳамдигар оғоз намуданд. Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки дар умум кишварҳои минтақа нафъи муайянеро ба даст оварданд, лекин чунин сиёсат дар сурати ҳамоҳангшуда ва ниҳодина буданаш метавонист фоидаи зиёдеро барои минтақа ба вуҷуд орад. Хусусан, **шанси таърихии аз объекти сиёсати байналмилалӣ ба субъекти он мубаддал гардидани Осиёи Марказӣ аз даст рафт, ки бояд ҳамчун ибрати муҳим дар оянда ҳамеша мавриди назар бояд қарор гирад**.

**Сеюм**, рақобат байни давлатҳои минтақа барои истифодаи имконоти мавҷуда ва қадамҳо дар самти муаррифӣ намудан ё ба даст овардани лидерӣ дар Осиёи Марказӣ (бояд гуфт, ки ҳамоиши кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Қазоқистон ва Узбекистон поягузорӣ шуда буд ва маҳз рақобати онҳо чунин намуди ҳамоишро бесамар намуд). Солҳои 2000-ум баҳсу баррасиҳои гуногун дар бораи рақобати Ӯзбекистон ва Қазоқистон барои лидерии минтақа дар гардишу чрхиш буданд. Қудратҳои манфиатдор ин нуктаро ба таври гуногун пушиш намуда, бинобар сабаби мавҷудияти заминаҳои дохилиминтақавӣ онро бар зарари равандҳои ҳамгироии Осиёи Марказӣ сӯистифода карданд. Таҷрибаи мазкур низ нишон медиҳад, ки ягон кишвари минтақа аз нигоҳи захираҳои мавҷудаи табиӣ ва зерсохтори иртиботӣ худкифо набуда, вобастагии амиқ аз якдигар мавҷуд аст. Аз ин дидгоҳ, қабули ба ҳамвобастагӣ ҳамчун воқеият метавонад дар оянда баҳсҳои зиёди сунъиро аз байн барад ва иқтидори мавҷуда бурои рушди муносибатҳо васеъ истифода гардад.

### Шикаст ё “буҳрон”и асотирҳо дар бораи ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ

Шуруъ аз соли 2017 равандҳои охири Осиё Марказӣ баёнгари он мебошад, ки «миф»-ҳои сохташуда аз ҷониби кишварҳои манфиатдор дар минтақа дар ҳоли буҳрон қарор доранд. Ин ҳолат барои арзёбии комилан дигари дар фазои Осиёи Марказӣ шароит офарида, барои барномарезӣ ва амалӣ намудани низоми нави муносибатҳо байни давлатҳо мусоидат намудааст. Аз

назари таҳлили сиёсӣ кишварҳои минтақа дар ҳолати ягона қарор надоранд, вале фаҳмиши умумии ҳамкориҳои танготант ҳамчун парадигмаи ғолиб шакл гирифтааст. Вазъи имрузаи муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ барои бисёре аз коршиносон ногаҳонӣ буд, чун конюнктураи пештара имкон намедод, ки чунин рушди минтақа ва авзои онро пешбинӣ кунанд. Ҳолати ҷорӣ талаб менамояд, ки асотирҳои сохта ва таҳмилшударо барои Осиёи Марказӣ ва дар бораи муносибатҳои байнидавлатҳо ба таври алоҳида баррасӣ мекунем.

**Якум,** ҷанг дар Осиёи Марказӣ барои захираҳои табиӣ ба вуҷуд намеояд, зеро барои дарки манфиатҳои миллии давлатҳои дигар омодагии зарурӣ ба назар мерасад. Расонаҳо ва «коршиносон»-и манфиатдор, ки «нон»-и худро бар асоси зиддияти давлатҳо оид ба ин ё он лоиҳаҳо дарёфт менамуданд, барои собит намудани «мавқеъ»-и худ ба ҳамлаи фаъол гузаштанд. Дар ояндаи кӯтоҳмуддат онҳо тамоми кӯшишро ба он равона мекунанд, ки омили зиддият ва ба ҳам мувофиқ набудани манфиатҳои миллии кишварҳои минтақаро ба вуҷуд оранд. Аз ин рӯ, мавриди таҳлил қарор додани далелҳои онҳо ва дар сиёсати амалии ба ҳамгироӣ равона буда сарфи назар намудани партови иттилоотии онҳо аз манфиат холӣ нест.

**Дуюм**, аксари асотирҳои "низобарангез" дар бораи минтақа имрӯз ба ҳоли бухрон қарор дорад. Коршиносони муайян, ки пайваста бо пардохт шудани хизмати худ ин ё он андешаро меофариданд ва ба гумони ғолиб табдил медонанд, имрӯз ба ҳоли ногувор қарор доранд. Пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки аз «будани худ» дарак диҳанд. Зеро равандҳои зиндаи минтақаи Осиёи Марказӣ собит намудааст, ки дигар ба «коршиносон»-и фурсатталаб чаҳорчӯбаи фаъолият танг шуда, барои «хизмат»-и онҳо зарурати ҷиддие боқӣ намондааст. Мисоли барҷаста ин мушаххас намудани хати сарҳади давлатӣ дар водии Фарғона мебошад. Тавре маълум аст, перомуни водии Фарғона нигоҳу таҳлилҳои мухталиф дар фазои илмию коршиносӣ ба вуҷуд оварда шудаанд ва мушаххас гардидани хати сарҳади давлатӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон то чанд соли охир "ғайриимкон" менамуд. Ҳалли худро ёфтани он бешубҳа зарфияти дохилиро барои таҳкими суботу амнияти минтақавӣ қавӣ намуд. Имруз қитъаҳои баҳснок байни Тоҷикистону Қирғизистон ва Ӯзбекистону Қирғизистон мавҷуд ҳастанд ва он бештар ба масъалаи "эсклав" ва "анклав"-ҳо вобастагӣ дорад. Мавҷудияти иродаи сиёсӣ дар ин самт моро хушбин мекунад, ки дар дурномаи миёнамуддат ин масъала низ ҳалли худро мутобиқ ба манфиатҳои миллии давлатҳо меёбад.

**Сеюм**, гумони ғолиб мавҷуд буд, ки давлатҳои минтақа бемиёнравии кишварҳои беруна ба ҳамоиши наздик моил нестанд ва ин нукта аз ҷониби

«коршиносон»-и фурсатталаб бо назардошти мавқеи кишварҳои мухталифи ҷаҳонӣ ва минтақвай асоснок карда мешуд. Чунин теъдоди коршиносон барои собит намудани «зарурият»-и худ аз мавқеи абарқудратҳо дастгирӣ мекарданд. Имрӯз раванди зиндаи Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки дигар зарурат барои «миёнравҳои фикрӣ» боқӣ намонда, равандҳои минтақа ба таҳлили беғараз ва объективиро мехоҳад. Аз ин рӯ, дар миёнамуддат пешбинӣ мешавад, ки ба фазои иттилоотӣ ва коршиносӣ он таҳлилгароне ворид мешаванд, ки аз мавқеи давлатҳои худ ба таври ратсионалӣ ҳимоя намуда, ҳадафҳои ҳаётан муҳими кишварҳои дигари минтақаро ҳамчун амри ногузир ба назар мегиранд. Зеро ҳар давлати дигар бо амалӣ намудани сиёсати худ дар Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама ҳадафҳои сиёсию амниятӣ, иқтисодӣ ва дар умум геополитикии худро пайгирӣ мекунад ва беғараз барои ҳамгироии давлатҳои минтақа кореро анҷом намедиҳад. Ин нукта бинобар сабаби ба лоиҳаи геополитикӣ табдил ёфтани ташаббусҳои интегратсионӣ барои Осиёи Марказӣ хатару таҳдидҳои зиёдеро метавонад ба вуҷуд орад.

**Чорум**, муҳимтарин асотир ин “минтақаи ягона” набудани Осиёи Марказӣ буд, ки дар ҳамоишҳои гуногун садо медод. Дуруст аст, ки сатҳи рушди иқтисод ва зерсохтори ҳаётан муҳими давлатҳо гуногун мебошад ва ҳар кадоме онҳо то андозае муваффақ ба он шуданд, ки барномаҳои миллии роҳбурдии худро таҳия ва дар амал татбиқ кунанд. Имруз равандҳои муосири ҳамгирой нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ на танҳо минтақаи ягона аст, балки манфиатҳои давлатҳо низ ба таври ҷиддӣ ба ҳамдигар наздик мебошанд. Фарқиятҳои мавҷуда дар миёнамуддат на ба ҳайси унсури ҷудоиандоз, балки ба омили мутаҳҳидкунанда, алалхусус ба ҳам овардандаи иқтидорҳо метавонанд баромад кунанд.

**Панҷум**, андешаи мавҷуд буд, ки барномаҳои роҳбурдии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо назардошти ба назар нагирифтани иқтидору манфиатҳои дигар кишварҳо таҳия ва дар амал татбиқ мешаванд. Ин нукта то андозае дуруст буд, чун ҳар давлат барои комил намудани иқтидори миллии худ ҷиҳати таъмини амният ва густариши соҳибихтиёрии давлатӣ кушиш мекард. Зиддиятҳои мавҷуда маҳз ба мувофиқ набудани моделҳои иқтисодии рушд ва барномаҳои роҳбурдӣ вобаста буданд. Лекин равандҳои имруза нишон медиҳад, ки имконоти ба ҳам наздик ва мувофиқ намудани барномаҳои миллии роҳбурдӣ мавҷуд ҳастанд ва тавре дар боло ишора кардем, фарқиятҳои мавҷуда ба ҳайси омили комилкунанда ва тақвиятдиҳандаи рушди ҳамҷоя ва ба ҳам вобаста метавонанд мусоидат кунанд.

Дар умум, панҷ нуктаи наздик ба асотирсозӣ зикршудаи боло бояд ҳамеша ҳамчун дарси хуби таърих мавриди назар қарор гирад ва барои

густариш ёфтани муносибатҳои давлатҳо монеъа ва халал эҷод накунад.

Таҳлили шароити ду соли охири минтақаи Осиёи Марказӣ, шинохти афзалиятҳои муҳими давлатҳои минтақа ва равандҳои зиндаи минтақа нишон медиҳад, ки он бо назардошти ба назар гирифтани манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатҳои минтақа сурат мегирад. Зеро дар якҷоягӣ давлатҳои Осиёи Марказӣ имкон доранд ба ҳайси объекти муносибатҳои байналмилалӣ баромад кунанд ва маҳз ин шароит барои таҳкими истиқлолияти онҳо ва паст намудани сатҳи осебпазирӣ аз таъсирии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мусоидат менамояд. Дар ин росто, нуктаи мусбат ин ба тадриҷ коҳиш ёфтани омили хатару таҳдидҳои дохилӣ мебошад. Яъне унсурҳои мавҷудаи хатару таҳдидҳои дохилии минтақавӣ, аз қабили сатҳи пасти муносибатҳо (амалан ба нести расидани онҳо) **[1]**, мушаххас набудани сарҳади давлатӣ (дар мисоли Тоҷикистону Ӯзбекистон минакорӣ шудани сарҳади давлатӣ)**[2]**, рақобати оштинопазир барои захираҳои табиӣ**[3]**, инзивои нақлиётӣ ва транзитӣ**[4]**, набудани ҳамкории зарурӣ барои таъмини амният ва осебнопазири аз хатарҳои беруна**[5]** ва ғайра ба тадриҷ ислоҳ шуда, пешрафтҳои ҷиддӣ дар ин самт низ ба назар мерасанд. Мисоли ин метавонад нияти таъсис ва ҷорӣ намудани **раводиди абрешимӣ** миёни Қазоқистон ва Ӯзбекистон (дар дарозмуддат ба он ҳамроҳ шудани кишварҳои дигари минтақа) бошад, ки иқтидорҳои зерсохториро барои рушди соҳаи туризм дар Осиёи Марказӣ муттаҳид намуда,рушди ба ҳам пайвасти онро таъмин намояд.

## Дурнамои ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир

Бояд тазаккур дод, ки дар даҳаи сеюми истиқлолияти давлатии худ кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолияти асосии худро барои эҷоди зерсохтори давлати миллӣ равона намуда, дар ин муддат ба дастовардҳои назаррас низ ноил шуданд. Эҷоди суннату анъанаҳои давлатдорӣ, ба вуҷуд омадани ҷомеаи шаҳрвандӣ (сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои минтақа дар сатҳи гуногун қарор дорад) ва ташаккули ҳувияти давлатӣ аз муҳимтарин омилҳои тақвиятдиҳандаи давлатдории соҳибихтиёр дар қаламрави минтақа ба шумор мераванд. Бинобар ин, омодагии ҷиддӣ ва сохторию муҳтавоии давлатҳо барои ҳамгироӣ пухта расид.

Аз ин дидгоҳ, баргузор шудани нишасти сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Остона моҳи марти 2018, ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев ва дастгирии дигар сарони давлатҳо ба амал омад, онро наметавон берун аз матни имрузаи равандҳои сиёсати байналмилалӣ баҳсу баррасӣ намуд, зеро вазъи имрузаи ҷаҳон, таҳдиду хатарҳо ва лоиҳаҳои мухталифи геополитикӣ ба самти Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд ва нишасти роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бе

иштироки қудратҳои фароминтақавӣ имкониятҳо ва зарфиятҳоро метавонад муттаҳид кунад. Аз ҷониби масъулони давлатии кишварҳои минтақа чунин як нуктаи муҳим садо дод, ки "ҳамгироии давлатҳои Осиёи Марказӣ бар зидди ягон қудрати ҷаҳонӣ нигаронида нашудааст ва ҳадафи он наздик намудани муносибатҳои дохилиминтақавӣ мебошад".

Муҳимтарин нукта дар он аст, ки имруз фаҳмиши амиқи робитаҳои наздики давлатҳо ба таври умумӣ шакл гирифтааст ва маҳз ҳамин омил метавонад барои аз объект ба субъекти муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтани минтақа мусоидат кунад. Таҳлили фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ то нишаст ва баъди он нишон медиҳад, ки коршиносону таҳлилгарони минтақа нисбат ба баргузории ин нишаст назари мусбат доштанд ва доранд ва солҳои дароз дар бораи чунин формати муносибати давлатҳо гуфтумонҳои зиёдро дар нишасту ҳамоишҳои илмӣ ба миён мегузоштанд.

Вазъи имруза тақозо мекунад, ки як қатор мифҳои шаклгирифта дар бораи кишварҳои минтақа, тавре дар боло ишора намедум, дар фазои коршиносӣ аз байн бурда шавад, зеро бархе коршинсосон то ҳол дар асирии пешфарзи худ қарор доранд ва бинобар сабаби такрор намудан дар солҳои дароз, худ низ ба он бовар кардаанд. Албатта шикасти мифҳо ба осонӣ сурат намегирад, вале иқдомҳо прагматикӣ ва шинохту эътирофи манфиатҳои миллии кишварҳо метавонад фазои солимро ба вуҷуд орад.

Нуктаи дигар ин назару ақида ё "таҳлил" – ҳои коршиносони беруна аст, ки вобаста ба равандҳои давлатҳои минтақа садо медиҳанд ва дар аксар ҳолат бо дар назардошти "фармоиш" ё ҳадафҳои давлати худашон баррасӣ мекунанд. Имруз муҳим аст, ки дидгоҳ ва мавқеи давлатҳои минтақа аз назари манфиатҳои дарозмуддати кишварҳо бознигарӣ шаванд. Маҳз чунин иқдом метавонад имкониятҳоро барои рушд ба вуҷуд орад.

Як нуктаи дигар оид ба нишасти роҳбарони давлатҳои минтақа дар моҳи марти соли 2018 дар он зоҳир мешавад, ки онро бебаҳс метавон гардиши куллӣ дар таърихи замони истиқлолияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ном бурд. Зеро дар ин нишаст роҳу усули рушди муносибатҳои дуҷонибаи давлатҳои минтақа, санҷиши дидгоҳҳо оид ба равандҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳдиду хатарҳои муосир, инчунин дурнамои рушди кишварҳо дар дурнамои дарозмуддат баррасӣ шуданд.

Бинобар ин, баргузории чунин саммитҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи минтақа метавонад роҳҳалҳо ва сиёсати мувофиқашударо нисбат ба таҳавулоти имрузаи минтақа ба вуҷуд биёрад ва муҳимтар аз ҳама имруз аз ҷониби роҳбарияти Узбекистон қадамҳои ҷиддӣ дар ин самт гузошта мешавад. Яке аз унсурҳои муҳими ҳамгироии давлатҳо ин наздик намудани

муассисаҳои таҳлилӣ аст, ки аз ҷониби Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон моҳи октябри соли 2018 форуми муассисаҳои таҳлилӣ гузронида шуд [7]. Дар ҳамоиш зикр гардад, ки яке аз ҳадафҳои асосии он омузишу баррасии ҳамгироии наздики кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳамзамон, рузҳои 19-20 феврали соли равон дар Тошканд бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Конфронси байналмилалӣ бо номи “Баҳамвобастагии Осиёи Марказӣ: таҳдидҳо ва имконоти нав” баргузор шуд, ки масъалаҳои минтақа аз дидгоҳи коршиносони худи кишварҳо ва дигар давлатҳо баҳсу баррасӣ гардид. Дар кори ин ҳамоиш 100 коршинос аз 30 давлат ширкат намуданд [8].

Дар маҷмуъ, давлатҳои минтақа дар ростои хатару таҳдидҳо ва имконоти муосири рушди муносибатҳо амалан ба ҳамгироии наздик эҳтиёҷ доранд, ки он пеш аз ҳама ба омилҳои зерин вобаста мебошад.

**Якум**, яке аз таҳдиди ҷиддии имрӯза густариши ифротгароӣ ва тундгароӣ ба шумор меравад, ки то андозае ба ҳамаи давлатҳои минтақа хатар эҷод мекунад. Яке аз омилҳои боздоранда дар мубориза ва пешгирии ифротгароӣ набудани сиёсати ҳамоҳангшудаи давлатҳои минтақа ба шумор меравад. Имруз номгуйи умумии гуруҳҳои ифротии мамнӯъ низ дар қаламрави минтақа вуҷуд надорад ва ҳамоҳангӣ дар ин самт низ бисёр муҳим мебошад.

**Дуюм, т**ағйири вазъ дар шимоли Афғонистон ва таъсири эҳтимолии он ба давлатҳои Осиёи Марказӣ аз масъалаҳои дигар мебошад. Имрӯз дар масъалаи ДОИШ ва ҳузури он дар шимоли Афғонистон дидгоҳу назарҳои гуногун мавҷуд ҳастанд. Тағйири вазъ дар Ховари Миёна ва саркуб шудани гуруҳҳои ифротӣ дар он ҷо, эҳтимоли пайдо шудани онҳоро дар Афғонистон бештар кардааст ва мувофиқи маълумоти ВАО аллакай ҳузур доранд. Аз ин рӯ, сиёсати ҳамоҳангшуда дар ин самт низ барои таъмини суботу амнияти давлатҳои минтақа муҳим аст.

**Сеюм,** рақобати эҳтимолии лоиҳаҳои кишварҳои абарқудрат дар минтақа ва таъсири он ба вазъи имрузаи давлатҳои Осиёи Марказӣ. Имрузҳо ташаббусҳои гуногун аз ҷониби кишварҳои абарқудрат бо фарогирии давлатҳои минтақа дар ҳоли татбиқ қарор доранд. Ҳузуру сатҳи иштироки кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дар онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Албатта иштирок дар ин ташаббусҳо ҳаққи қонунии давлатҳо ба шумор меравад, вале барои ба субъекти муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтани Осиёи Марказӣ ҳамгироии наздики кишварҳо амри зарурӣ мебошад.

**Чорум,** истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ба назар гирифтани манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатҳо низ аз мавзӯҳои актуалии ҳаётан муҳим ба шумор рафта, ба вуҷуд омадани ҳусни тафоҳум дар ин самт таъсирпазирии

давлатҳои минтақаро аз таъсири бозингарони хориҷӣ кам мекунад. Омили дигари таъсиррасон ин мушаххасу аломатгузории сарҳадҳои давлатӣ аст, ки дар 10 соли охир мушкилоти муайянеро ба вуҷуд овардааст. Имруз қисмати зиёди сарҳад мушаххас шуда, мавзеҳое боқӣ мондаанд, ки сиёсати дурбинона ва эҳтироми манфиатҳои тарафайнро тақозо мекунанд.

**Панҷум,** дар афзалият қарор доштани масъалаи таҳкими суботу амният ҷойгоҳи худро дар дарозмуддат ҳифз хоҳад намуд. Зеро имрӯз пешбинӣ намудани равандҳои байналмилалӣ ғайриимкон буда, ҳамагуна тағйирот пеш аз ҳама ба суботу амният таъсири худро мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар афзалият қарор доштани таъмини амнияту субот ба манфиатҳои дарозмуддати кишварҳо ҷавобгӯ мебошад.

Дар умум, оянадаи Осиёи Марказӣ бо назардошти равандҳои имруза нигоҳи мусбатро ба вуҷуд меорад ва бешубҳа наздик шудани муносибатҳо дар дурнамои миёнамуҳлат барои ҳифз ва татбиқи манфиатҳои миллии давлатҳо мусоидат мекунад.

## КИТОБНОМА:

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон /15.03.2013/ URL: http://www.president.tj/node/4113

2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.

3. Договор о создании Единого экономического пространства между Республикой Казахстан и Республикой Узбекистан /10.01.1994/ URL: https://tengrinews.kz/zakon/mejdunarodnyie_organyi_i_ organizatsii/mejdunapodnyie_otnosheniya_respubliki_kazahstan/id-O9400000003/

